**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯ**

*Эҳдо ба истиқболи 70-умин*
*солгарди таъсисёбии*
*факултети филологияи*
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

# ГАНҶИНАИ МУЛКИ СУХАН

**ДУШАНБЕ – 2018**

ББК:

Зери назари академики Академияи илмҳои ҶумҳурииТоҷикистон,
**профессор Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ**

Муаллифи пешгуфтор: номзади илмҳои филология,
**дотсент Сироҷиддини Эмомалӣ**

Мураттибон: **Сироҷиддини Эмомалӣ, Бобомуродов Шуҳрат**

Муҳаррири масъул: **узви вобастаи АИ ҶТ, профессор А. Кӯчаров**

Муҳаррирон: **профессор Ҳ. Маҷидов, дотсент М. Зайниддинов**

Ҳайати таҳририя: **академики АИ ҶТ, профессор А. А. Раҳмонзода, узви вобастаи АИ ҶТ, профессор М. Н. Қосимова, профессорон Д. Хоҷаев, М. Нарзиқул, дотсентон М. Саломов, Ж. Гулназарова, Н. Каримов, Ҳ. Дӯстов**, **М. Ҳайдаров**

Ороиши компютерӣ: **Ёров Меҳрдод Раҳматуллоевич**

Китоб ба истиқболи 70-умин солгарди таъсисиёбии факултети филолгияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида шуда, он фаъолияти илмию омӯзгорӣ, таълимӣ ва ҷамъиятию роҳбарии устодону кормандонро дар бар мегирад.

Бо қарори Шӯрои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 18.01.2018, №5 ба чоп тавсия шудааст.

**ISBN**
**ББК**

**© Сироҷиддини Эмомалӣ,
Бобомуродов Шуҳрат**

*Ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ Донишгоҳ мақоми миллӣ гирифт ва ин имкон дод, ки ин махзани илму дониш дар ҳама самтҳои фаъолияти худ ва, пеш аз ҳама, дар раванди таълиму тарбия ва илм ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардад.*

*Боиси қаноатмандист, ки устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тарбияи мутахассисони варзидаву баландихтисосро вазифаи муқаддаси худ медонанд. Натиҷаи ҳамин аст, ки дар чанд соли охир донишҷӯёни он дар олимпиадаву озмунҳои фаннӣ дар байни донишҷӯёни мактабҳои олии мамлакат мунтазам ҷойҳои аввалро ишғол мекунанд.*

*Ҳамкориҳои олимони Донишгоҳ бо мактабҳои оливу муассисаҳои илмии як қатор мамомлики хориҷӣ муваффақона инкишоф меёбад. Ифтихори Донишгоҳ докторҳои фахрии он мебошанд, ки дар байни онҳо ходимони барҷастаи давлативу сиёсӣ ва олимони шуҳрати ҷаҳонидошта зиёданд.*

*Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушдиояндаи Донишгоҳ ҳамаи чораҳои заруриро андешида истодааст, ки мисоли он таъмиру тармими хобгоҳҳои аспирантону донишҷӯён, оғози сохтмони биноҳои нави таълимӣ дар Шаҳраки донишҷӯён мебошад.*

*Итминон дорам, ки аҳли Донишгоҳ тамоми нерӯву тавоноии худро ба хотири дар сатҳи ҷаҳонӣ омода намудани кадрҳои миллӣ ва инкишофи илм равона менамояд, зеро шукуфоиву пешрафти Ватани азизамон аз сатҳи донишу таҷрибаи кадрҳо вобаста аст.*

**Эмомалӣ Раҳмон,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Эргаш Шоҳзода**

## ДОРУЛФУНУН

Эй манбаи илми замон,
Ту ифтихори тоҷикон,
Шоистаи сад достон,
Дорулфунун, дорулфунун.

Рахшанда чун шамси мунир,
Баҳри ҳама барнову пир,
Ту раҳнамову дастгир,
Дорулфунун, дорулфунун.

Аз ҳар канори кишварем,
Чун хоҳарону додарем,
Меҳрат ба ҷон мепарварем,
Дорулфунун, дорулфунун.

Мо, ҷумла шогирдони ту,
Фарханда фарзандони ту
Шодон зи шаъну шони ту,
Дорулфунун, дорулфунун.

Дар рӯзи ҷашн аз мо дуруд,
Хонем мо шодон суруд,
Бо шеъру бо оҳанги худ,
Дорулфунун, дорулфунун.

## ДЕКАНҲОИ
## ФАКУЛТЕТИ ТАЪРИХУ ФИЛОЛОГИЯИ
## УНИВЕРСИТЕТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН
## БА НОМИ В.И.ЛЕНИН


МАНУИЛОВА Т.П.
(1948-1949)


ГРАНБЕРГ В.Г.
(1949-1953)


АРЗУМАНОВ С.Ҷ.
(1948-1949; 1953-1955)


БУХОРИЗОДА А. Л.
(1955-1957)


ТОҶИЕВ Д. Т.
(1957-1958; 1973-1974)


КАРИМОВ Т. Р.
(1958-1961)


НЕЪМАТЗОДА Т.
(1961-1965)


БОБОХОНОВ М. Б.
(1965-1966)

## ДЕКАНҲОИ
## ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ
## УНИВЕРСИТЕТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН
## БА НОМИ В.И.ЛЕНИН


ҚОСИМОВА М. Н.
(1966-1968; 1974-1977)


АСРОРӢ В. М.
(1968-1973)


ДАВЛАТОВ М. Д.
(1977-1987)


УСМОНОВ И.К.
(1987-1992)

## ДЕКАНҲОИ
## ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН



ШАРИФОВ Х.
(1993-1996)



АСОЗОДА Х.
(1996-1999)

## ДЕКАНҲОИ
## ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН



ИМОМЗОДА М. С.
(1999-2005)



ШАРИФОВ Б.
(2005 - 2007)

## ДЕКАНҲОИ
## ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН



ХОҶАЕВ Д.
(2008 - 2009)



САЛОМОВ М. Қ.
(2009 - 2013)



МИСБОҲИДДИНИ НАРЗИҚУЛ
(2013-2016)



СИРОҶИДДИНИ ЭМОМАЛӢ
2016

# МУДИРОНИ КАФЕДРАҲОИ МАРБУТАИ ФАКУЛТЕТИ ТАЪРИХУ ФИЛОЛОГИЯИ УНИВЕРСИТЕТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ В.И. ЛЕНИН

## КАФЕДРАИ ТАЪРИХ



РАҶАБОВ З.Ш.
(1948-1962)



БОБОХОНОВ М.Б.
(1962-1966)

## КАФЕДРАИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ РУС



АСТАХОВ В.Г.
(1948-1963)



АРЗУМАНОВ С.Ҷ.
(1963)

## КАФЕДРАИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК



МИРЗОЕВ АБДУЛҒАНӢ

# МУДИРОНИ КАФЕДРАҲОИ МАРБУТАИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ УНИВЕРСИТЕТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ В.И. ЛЕНИН

## КАФЕДРАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ



ТОҶИЕВ ДОДОҶОН



ҚОСИМОВА МУКАРРАМА

## КАФЕДРАИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК



ШАРИФҶОН ҲУСЕЙНЗОДА

## КАФЕДРАИ АДАБИЁТИ ТОҶИК



ТАБАРОВ СОҲИБ

## КАФЕДРАИ ЗАБОНИ АРАБӢ



ДЕМИДЧИК В.П.

## КАФЕДРАИ ЗАБОНИ ФОРСӢ



КАРИМОВ Ҳ.К.

## КАФЕДРАИ АДАБИЁТИ СОВЕТИИ ТОҶИК


ТАБАРОВ СОҲИБ


РАҲИМИ МУСУЛМОНИЁН

## КАФЕДРАИ ФОЛКЛОР ВА АДАБИЁТИ ХАЛҚҲОИ СССР


АСРОРӢ В.М.

## КАФЕДРАИ ФОЛКЛОР ВА МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК


ХУДОЙ ШАРИФ


ТОИРОВ УРВАТУЛЛО

# МУДИРОНИ КАФЕДРАҲОИ МАРБУТАИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## КАФЕДРАИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК


ШАРИФҶОН ҲУСЕЙНЗОДА


АБДУНАБӢ САТТОРЗОДА


ХУДОЙ ШАРИФ


СОЛЕҲОВ МИРЗО


МИСБОҲИДДИНИ НАРЗИҚУЛ

# КАФЕДРАИ НАЗАРИЯ ВА АДАБИЁТИ НАВИНИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ


РАҲИМИ МУСУЛМОНИЁН


ХУДОЙНАЗАР АСОЗОДА


ҶӮРАХОН БАҚОЗОДА


КӮЧАРОВ АЛАМХОН


ЗАЙНИДДИНОВ МУХТАДО

# КАФЕДРАИ ТАЪРИХИ ЗАБОН ВА ТИПОЛОГИЯ


ҚОСИМОВА МУКАРРАМА


САЛОМОВ МАҲМАДДОВУД


ХОҶАЕВ ДАВЛАТБЕК


ГУЛНАЗАРОВА ЖИЛО

## КАФЕДРАИ ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИК


ХАСКАШОВ ТОЛИБ


ХОҶАЕВ ДАВЛАТБЕК


МАҶИДОВ ҲОМИД


АБДУРАҲМОНОВА МАСТУРА


ДӮСТОВ ҲАМРОХОН

## КАФЕДРАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА УСУЛИ ТАЪЛИМИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК


АРДАШЕР КАРИМОВ


БАҲРИДДИН КАМОЛИДДИНОВ


КАБИРОВ ШАҲБОЗБЕК


КАРИМОВ НАЗРУЛЛО

# ТАЪРИХ ВА ФАЪОЛИЯТИ ФАКУЛТЕТ

***Дар ин равоқи забарҷад навиштаанд ба зар,***
***Ки ҷуз накӯии аҳли карам нахоҳад монд.***
***(Ҳофиз)***

Дар таърихи давлатдории халқи тоҷик санаҳое ҳастанд, ки чун як падидаи мунаввар дурахшанда, бо гузашти замон арзиши таърихии он ҳамвора меафзояд. Яке аз ин падидаҳои муҳимми таърихӣ, ки дар ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии ин мардуми куҳанбунёд тағйироти куллӣ ба вуҷуд овард, Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Истиқлолият барои мо воқеияти олии Ватану ватандорӣ, давлатдорию давлатсозӣ бахшид. Имрӯз кору пайкори бардавоми созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи нигоҳ доштан ва таҳким бахшидани истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар, ҳамзамон таъмини ҳаёти озодонаи ҳар фард ва бахту саодати воқеии ҷомеа мароми ҳар фарди солимақл мебошад.

Донишҳои адабӣ дар таърихи илму фарҳанги тоҷикон ҷойгоҳи басо баланду пурифтихор дорад. Маҷмӯаи донишҳои филологӣ, ки дар гузашта бо мафҳуми "адабиёт" ёд мешуд, давра ба давра ташаккул ёфта, ҳамзамон бо пайдо шудани шохаҳои ҷадиди маърифати адабӣ теъдоди он афзоиш меёфт. Дар асрҳои миёна бисёр китобҳои доиратулмаориф мавҷуд буданд, ки дар онҳо улуми адабӣ дар радифи дигар шохаҳои илму дониш баррасӣ шудаанд. Илми адаб ё улуми адабӣ марҳилаи муҳимми таълим ба шумор мерафт.

Устод Рӯдакӣ ва Шайхурраис ибни Сино аввал илмҳои адаб омӯхта буданд. Алоқамандони донишҳои филологӣ асосҳои дониши марбут ба улуми адабиро, қабл аз ҳама, аз фарҳангу донишномаҳо аз худ мекарданд. Дар зинаи болотар аз он ба манбаъҳои асосӣ мурочиат менамуданд, ки аз матнҳои манзуму мансур, девонҳо, тазкираҳо, маҷмӯаҳо, баёзҳо, ҷунгҳо, сафинаҳо ва дигар маъхазҳои адабию таърихӣ иборат буд.

Дар низоми таълими мадрасаҳо ҳам ба донишҳои адабӣ таваҷҷуҳ мешуд. Донишомӯзон дар зинаи муайяни таҳсил ба сурати ҳатмӣ ба омӯзиши девонҳои шоирони машҳур, ба монанди Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз, Мирзо Бедил ва дигарон

машғул мешуданд. Гузашта аз ин, таваҷҷуҳ ба донишҳои филологӣ дар миёни мардуми тоҷик таърихи дерина дошта ва то кунун ҳам идома дорад. Дар асри бистум, замоне, ки дар Осиёи Миёна таъсиси донишгоҳҳо ба расмият даромад, аз ҷумлаи нахустин факултетҳои навтаъсиси Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин факултети таъриху филология буд.

Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин бо Қарори Шӯрои Вазирони СССР таъсис дода шудааст.

## ШӮРОИ ВАЗИРОНИ СССР
## ҚАРОРИ № 643

аз 21-уми марти соли 1947. Москва. Кремль. Доир ба таъсиси Университети давлатии Тоҷикистон

**Шӯрои Вазирони СССР қарор мекунад:**

Пешниҳоди Вазорати мактабҳои олии СССР (р. Кафтанов) ва КМ ПК(б) Тоҷикистон (р. Ғафуров) оид ба таъсиси Университети давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Сталинобод дар ҳайати 4 факултет: физикаю математика (бо шуъбаи химия), хокшиносӣ-геологӣ-география, биология, таъриху филология бо шуъбаи забонҳои Шарқ ба эътибор гирифта шавад.

Ба Вазорати мактабҳои олии СССР (р. Кафтанов) ва Шӯрои Вазирони ҶСС Тоҷикистон (р. Расулов) супорида шавад, ки тамоми корҳои тайёриро барои дар моҳи сентябри соли 1948 кушодани университет ба анҷом расонанд.

Раиси Шӯрои Вазирони СССР
**И. Сталин**

Раиси умури идораи Шӯрои Вазирони СССР
**П. Чадаев**

Таъсиси Университети давлатии Тоҷикистон дар он солҳо барои халқи тоҷик ҳодисаи басо фараҳбахше маҳсуб меёфт. Аввалин ректори Университети давлатии Тоҷикистон ба номи

В. И. Ленин профессор Раҷабов Зариф Шарифович таассуроти худро оид ба кушодашавии ин махзани илму маърифат чунин баён намудааст: "Шоми 31-уми августи соли 1948 дар театри Опера ва балети шаҳри Душанбе кушодашавии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин бо як шукӯҳу шаҳомат баргузор гардид. Оид ба кушодашавии Университет ба ҳамаи муассисаҳои таълимию фарҳангӣ ва корхонаҳои ҷумҳурӣ даъватнома фиристода шуда, дар рӯзномаи он омада буд: гузориши ректор, бахши адабӣ – фарҳангӣ". Тибқи қазовати Раҷабов З. Ш. 31-уми августи соли 1948 дар ҳамаи рӯзномаҳои даврӣ саҳифаи алоҳидаи махсус ҷудо шуда, тариқи радио оид ба ин воқеаи таърихӣ мардуми кишвар огоҳ карда мешуд.

Кушодашавии Университет дар маркази Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як шахси ватандӯсту худшиносро бетараф намегузорад. Аввалин донишҷӯдухтари факултети таъриху филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин Хуршеда Отахонова, ки баъдҳо ба дараҷаи профессорӣ ва академикии АИ ҶТ расид, дар ҳамон айём шеъре бо номи "Иду в Университет" эҷод намудааст, ки 31-уми августи соли 1948 дар рӯзномаи "Коммунист Таджикистана" рӯйи чоп омадааст.

Как хорошо и весело вокруг!
Иду я в университет, мой друг.
Открыта дверь в науку предо мной,
И солнца луч ласкает теплотой,
Привет, любимый университет, -
Мечта моя и жизнь моя, привет!
Меня влечешь ты словно сад весной.
В твои объятья с радостью большой
Иду познать сокровища наук,
Как хорошо и весело вокруг!

Дар замони Ҷумҳурии шӯроии сотсиалистии Тоҷикистон ин махзани илму таълим Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин ном бурда мешуд. Баъд аз ба даст омадани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин боргоҳи маърифат табдили ном намуда, тибқи Қарори Девони Вазирони

Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи номгузории муассисаҳои олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (аз 18.06.1996, №226) Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон тағйир дода шуд. Ва баъд:

- мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 15.02.1997, №669) Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон тағйири ном карда шуд;

- мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 28.10.2008, №556). “Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.02.1997, №669” номи “Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон” ба номи “Донишгоҳи миллии Тоҷикистон” иваз карда шуд.

Солҳои аввали таъсисёбии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (1948) дар қатори факултетҳои физикаю математика (бо шуъбаи химия), хокшиносӣ-геологӣ-география, биология факултети таъриху филология бо шуъбаи забонҳои Шарқ таъсис ёфт, ки нахуст аз се кафедра: кафедраҳои таърих, забон ва адабиёти рус ва забон ва адабиёти тоҷик таркиб ёфта буд.

Дар заминаи шуъбаи филологияи факултети таъриху филология факултети филология соли 1966 бо фарогирии кафедраҳои забони тоҷикӣ, адабиёти классикии тоҷик, адабиёти советии тоҷик таъсис ёфта ба фаъолият шурӯъ менамояд.

Соли 1970 дар заминаи шуъбаи забонҳои Шарқи факултети филология факултети забонҳои Шарқ таъсис меёбад. Баъд аз таъсиси чунин факултет аз сохтори факултети филология кафедраҳои забони арабӣ ва забони форсӣ бароварда шуда, ба ҷойи онҳо кафедраи фолклор ва адабиёти халқҳои СССР таъсис дода мешавад.

Соли 1966 бо ташаббус ва дастгирии собиқ ректори Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин шодравон С. А. Раҷабов, декани факултет М. Н. Қосимова (ҳоло доктори илми филология, узви вобастаи АИ ҶТ, профессор) ва Асрорӣ В. М. шуъбаи журналистика дар сохтори факултети филологияи тоҷик таъсис дода мешавад. Шуъбаи журналистика аз 1-уми сентябри соли 1992 ба факултети журналистика ва тарҷумонӣ табдил ёфт. Аз замони таъсис то

ҳол факултети журналистика бисёр рӯзноманигорони худшиносу хушсалиқаро барои воситаҳои ахбори умум ба камол расонидааст.

Ташкили факултети филология дар сохтори Донишгоҳ тақозои замон маҳсуб меёфт, зеро барои муассисаҳои маорифу фарҳанги ҷумҳурӣ, матбуоту расонаҳои ахбори умум мутахассисони соҳибмаълумот хеле зарур буданд. Аз ин ҷиҳат, аз замони таъсиси Донишгоҳ то имрӯз факултети филология таърихи шуҳратёр ва пурифтихореро аз сар гузаронида, барои пешрафти илму фарҳанг дар Тоҷикистон саҳми сазоворе гузоштааст.

Дар сохтори факултет ҳоло панҷ кафедра: кафедраи таърихи адабиёти тоҷик, кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ, кафедраи таърихи забон ва типология, кафедраи забони адабии муосири тоҷик ва кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик мавҷуд аст, ки дар онҳо устодони варзида, муҳаққиқони шинохтаи ҷумҳурӣ ба таълиму тарбияи шогирдон ва таҳқиқи масъалаҳои муҳимми илмҳои филологӣ машғуланд.

## КАФЕДРАИ ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

Замони ташкили Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон соли 1948 дар ҳайати факултети таъриху филология кафедраи забон ва адабиёти тоҷик ташкил шуда буд. Баъдҳо ин кафедра ба ду ҷудо шуд: кафедраи забони тоҷикӣ (мудири кафедра Д.Т.Тоҷиев) ва кафедраи адабиёти тоҷик (мудири кафедра С.Ш.Табаров). Аз моҳи сентябри соли 1962 кафедраи адабиёти тоҷик ба ду кафедра ҷудо шуд: кафедраи таърихи адабиёти тоҷик, (мудири кафедра Ш. Ҳусейнзода) ва кафедраи адабиёти советиии тоҷик, (мудири кафедра С.Ш. Табаров).

Аз соли 1948 то соли 1953 таълиму тадриси забон ва адабиёти тоҷик тавассути як кафедра роҳбарӣ ва назорат мешуд, ки он кафедраи забон ва адабиёти тоҷик ном дошта, сарварии онро академик Абдулғанӣ Муҳаммадович Мирзоев ба уҳда доштанд. Аз соли 1953 то соли 1962 кафедра ба ду кафедраи алоҳида тақсим мешавад: кафедраи забони тоҷикӣ ва кафедраи адабиёти тоҷик ва мудири он узви вобастаи АИ Тоҷикистон С. Ш. Табаров буданд. Соли 1962 кафедраи

адабиёти тоҷик ба ду кафедра тақсим шуд: кафедраи таърихи адабиёти тоҷик (мудир Ш. Ҳусейнзода) ва кафедраи адабиёти шӯравии тоҷик (мудир С. Табаров). Аввалин мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷик шахсияти дар соҳаи маориф ва таълими мактаби олӣ ва илми адабиётшиносӣ маъруф, номзади илмҳои филология, профессор Шарифҷон Ҳусейнзода таъйин карда мешавад. Аз соли 1985 то соли 1993 профессор А. Сатторзода вазифаи мудирии кафедраро ба уҳда дошт. Дар муддати мусофирати ӯ ба Афғонистон як сол Т. Неъматзода ва як сол Х. Шарифов иҷрокунандаи вазифаи мудириро ба уҳда доштанд. Соли 1993 як сол ҳамин вазифаро С. Имронов ба ҷой овард. Аз соли 1994 то соли 2009 профессор Х. Шарифов дар симати мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷик ифои вазифа намуда, аз соли 2009 то моҳи марти соли 2016 дотсент М. Солеҳов мудири кафедра буд ва аз моҳи марти соли 2016 ин вазифа бар уҳдаи профессор Мисбоҳиддини Нарзиқул вогузор карда шуд.

## КАФЕДРАИ НАЗАРИЯ ВА АДАБИЁТИ НАВИНИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ

Кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ (номҳои пешинааш: забон ва адабиёти тоҷик – 1948-1953; адабиёти тоҷик – 1953-1962; адабиёти советии тоҷик – 1962 - 1988) баробари таъсиси Донишгоҳ арзи вуҷуд карда, аввалин мудири он академик Абдулғанӣ Мирзоев буд.

Номбурда дар ташаккули кафедра ва тайёр намудани мутахассисони варзидаи илмию омӯзгорӣ саҳми арзанда гузошт ва робитаи кафедраро ба муассисаҳои алоҳидаи илмию таълимии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Шарқи хориҷӣ барқарор намуд.

Солҳои 1952-1980 сарвари кафедра шогирди академик А. Мирзоев узви вобастаи АИ Тоҷикистон С.Ш. Табаров буд. Дар ин муддат кафедра ба яке аз марказҳои бонуфузи илмӣ ва таълимии мактабҳои олии Тоҷикистон табдил ёфт. Профессор Раҳим Мусулмонқулов солҳои 1980-1992 ба сифати мудири кафедра фаъолият намуд. Дар ин айём иқтидори илмии кафедра боз ҳам мустаҳкам гардид.

Замони мудирии профессор Худойназар Асозода (солҳои 1993-1996) ба давраи аз нигоҳи сиёсиву иҷтимоӣ душвори Тоҷикистон рост омад ва мавсуф тавонист, ки иқтидори илмии кафедраро нигоҳ дошта, ба парокандашавии устодони соҳибунвони кафедра роҳ надиҳад. Дар ин давра дар назди кафедра кабинети «Махзани адаб» таъсис ёфт, ки дар он осори нодири илмию адабӣ бо теъдоди шаш ҳазор нусха, рӯзномаву маҷаллаҳои адабиву фарҳангии дар Тоҷикистон ва хориҷи кишвар чоп гардида, инчунин аксҳои шахсиятҳои фарҳангии ҷумҳуриямон нигоҳдорӣ мешаванд.

Солҳои 1996-2002 вазифаи мудирии кафедра ба зимаи узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, дотсент Ҷӯрахон Бақозода вогузор гардид. Солҳои 2002–2010 мудирии кафедра ба уҳдаи профессор Аламхон Кӯчаров вогузор шуд.

Аз моҳи октябри соли 2010 то моҳи декабри соли 2012 вазифаи мудири кафедра дигарбора ба уҳдаи профессор Х. Асозода вогузор гардид. Аз оғози соли 2013 вазифаи мудирии кафедраро дотсент М. Зайниддинов ба уҳда дорад.

Аз замони таъсис то ҳол дар кафедра шахсони зерин: Қандхорова Нина Нисоновна, Каримова Дилбар, Назарова Фотима, Умрузоқова Малоҳат, Паренова Сокина, Ҳусейнова Ҷамила, Акрамова Ситора, Аслонова Садбарг ва Нуриллозода Аҳдия ба ҳайси котиба фаъолият кардаанд.

## КАФЕДРАИ ТАЪРИХИ ЗАБОН ВА ТИПОЛОГИЯ

Кафедраи таърихи забон ва типология маркази муҳимтарини таҳсилоти олӣ ва яке аз асоситарин марказҳои илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ҷумҳурӣ дар соҳаи забоншиносии тоҷик ба ҳисоб меравад.

Бо таваҷҷуҳ ба зарурати омода кардани мутахассисони соҳаи филология ҳамзамон бо таъсиси Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (соли 1948 ҳоло ДМТ) факултети таъриху филология ва дар он кафедраи забон ва адабиёти тоҷик фаъолияти худро оғоз намуда, дар заминаи ин кафедра соли 1953 кафедраҳои забони тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик таъсис дода мешаванд. Мудирии кафедраи забони тоҷикиро доктори илмҳои филология, профессор Д. Т. Тоҷиев ба дӯш дошта, то соли 1986 дар ин вазифаи пурмасъулият

фаъолият карданд. Аз соли 1986 то соли 1995 узви вобастаи АИ ҶТ, профессор М. Н. Қосимова сарварии кафедраи забони тоҷикиро бар ухда доштанд. Моҳи феврали соли 1995 бинобар сабаби васеъ шудани самтҳои таҳқиқ дар заминаи кафедраи забони тоҷикӣ кафедраҳои забони адабии муосири тоҷикӣ ва таърихи забону типология таъсис меёбанд.

Кафедраи таърихи забон ва типологияро бисёр чеҳраҳои машҳур, донишмандони маъруфи тоҷик сарварӣ кардаанд. Аз моҳи феврали соли 1995, чун дар пояи кафедраи забони тоҷикӣ кафедраи таърихи забон ва типология таъсис меёбад, ки нахустин шуда сарварии онро профессор М. Н.Қосимова бар дӯш мегиранд ва ин бонуи соҳибэҳтиром то соли 2001 ин вазифаи пурмасъулиятро идома медиҳанд. Солҳои 2001-2008 сарварии кафедра ба зиммаи дотсент М. Саломов гузошта мешавад. Профессор Д. Хоҷаев солҳои 2008-2012 сарварии кафедраро бар ухда мегиранд. Аз моҳи марти соли 2012 сарварии кафедраро дотсент Ж. Б. Гулназарова бар ухда дорад.

## КАФЕДРАИ ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

Кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ яке аз марказҳои муҳим ва асосӣ доир ба таҳқиқ ва омӯзиши масъалаҳои илми забоншиносии тоҷик дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

То имрӯз устодони кафедра дар таълиму тарбияи донишҷӯён ва мутахассисони хушсалиқаву варзида оид ба соҳаҳои маориф, илм ва фарҳанги ҷумҳурӣ саҳми муҳим мегузоранд.

То соли 1953 таълиму тадриси забон ва адабиёти тоҷик аз тариқи як кафедра роҳбарӣ ва назорат карда мешуд ва кафедраи забон ва адабиёти тоҷик ном дошт, ки сарварии онро доктори илми филология, академик Абдулғанӣ Мирзоев ба ухда дошт.

Соли 1953 бахши забонии ин кафедраро ҷудо карда, кафедраи забони тоҷикиро таъсис доданд. Вазифаи мудирии ин кафедра ба дӯши Д.Т. Тоҷиев, ки дар он вақт ягона номзади илм дар кафедра буд, вогузор карда мешавад. Мавсуф дар тӯли зиёда аз сӣ сол ин вазифаро содиқона ва бо маҳорати баланди кордонӣ пеш мебарад.

Баъдтар дар заминаи ҳамин кафедра (соли 1994) кафедраи нав бо номи таърихи забон ва типология таъсис дода шуд ва кафедраи забони тоҷикӣ номи кафедраи забони адабии муосири тоҷикиро гирифт. Аз соли 1994 то 2001-ум роҳбарии кафедраро доктори улуми филологӣ, профессор Т. Хаскашев ба уҳда дошт. Солҳои 2001-2002 иҷрои вазифаи мудири кафедра ба зимаи дотсент Д. Хоҷаев гузошта мешавад. Соли 2002-юм дар асоси озмун ба ин вазифа профессор Ҳ. Маҷидов интихоб шуда, то соли 2005-ум адои вазифа менамояд. Аз соли 2005 то соли 2007-ум иҷрои ин вазифа аз нав ба души дотсент Д. Хоҷаев гузошта мешавад. Соли 2007-ум дар асоси озмун доктори илми филология, профессор Д. Хоҷаев ба вазифаи мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷик интихоб мешавад. Аз соли 2007 иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедра ба уҳдаи дотсент М. Абдураҳмонова гузошта шуд. Аз соли 2008-ум дар асоси озмун номзади илми филология, дотсент Мастура Абдураҳмонова ба вазифаи мудири кафедраи забони муосири тоҷикӣ интихоб шуда, то моҳи июни соли 2016 роҳбарии кафедраро ба зима дошт. Айни ҳол роҳбарии кафедра ба дӯши дотсент Ҳамрохон Дӯстов вогузошта шудааст.

Дар замони истиқлолият кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ ба сифати яке аз марказҳои асосии тарғибу ташвиқи забони миллӣ ва татбиқи қонуни он дар кишвар мавқеи хосса пайдо кард. Дар давоми ин солҳо дар кафедра чандин мутахассисони ҷавон дар риштаҳои гуногуни илми забоншиносӣ ба фаъолият оғоз намуда, доир ба бахшҳои гуногуни ин илм корҳои назаррасро анҷом додаанд. Дар кафедраи мазкур Рая Симихаева, Рая Давидова, Раҳимова Манзура ба ҳайси лаборант фаъолият кардаанд.

## КАФЕДРАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА УСУЛИ ТАЪЛИМИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

Кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик соли 1989 бо ташаббуси собиқ декани факултети филологияи тоҷик профессор И. К. Усмонов ба номи кафедраи забон ва адабиёти тоҷик (чун кафедраи умумидонишгоҳӣ) таъсис дода шуд ва ба сифати мудири он дотсент шодравон Каримов А. А. таъйин гардид. Баъд аз як сол

дар асоси озмун профессор Б. Камолиддинов мудири кафедраи мазкур интихоб шуд. Чун баъди як сол профессор Б. Камолиддинов вазифаи муовини ректор оид ба таълимро ба уҳда гириф – дуюмбора мудирии кафедра ба уҳдаи Каримов А. А. вогузошта шуд ва ин масъулиятро то охирин лаҳзаи ҳаёт – то моҳи майи соли 1996 иҷро намуданд. Аз соли 1996 то моҳи январи соли 2012 мудирии кафедраро дотсент Ш. Кабиров ба уҳда дошт. Аз моҳи феврал то моҳи октябри соли 2013 иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедра ба уҳдаи дотсент Қурбонов С. вогузор шуд. Моҳи октябри соли 2013 дар асоси озмун дотсент Каримов Н.С. ба сифати мудири кафедра интихоб гардид ва то ҳол дар ин вазифа фаъолият дорад. Кафедра соли 1995 ба сохтори факултаи филология ворид карда шуд ва он кафедраи хат ва матни форсии тоҷикӣ номгузорӣ гардид. Бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ соли 2006 номи кафедра ба кафедраи забони тоҷикӣ (барои факултетҳои ғайрифилологӣ) ва соли 2013 ба номи кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забону адабиёти тоҷик иваз карда шуд.

Дар факултет аз рӯйи шаш ихтисос барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ мутахассисон тайёр карда мешаванд:

| | |
|---|---|
| 21050100 | Забон ва адабиёти тоҷик |
| 21050103 | Забоншиносӣ ва технологияи нави иттилоотӣ |
| 26020401 | Ҳуҷҷатшиносӣ ва таъмини ҳуҷҷатии идора |
| 2106010202 | Тарҷумаи бадеӣ |
| 02020400 | Фарҳанги ҷаҳонӣ ва ватанӣ. Фолклор |
| 25050110 | Мероси хаттӣ |

Дар сохтори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маркази омӯзиши забонҳо амал мекунад, ки фаъолияти он, асосан, ба уҳдаи устодони факултети филология вогузор гардидааст. Дар ин Марказ аз оғози таъсис то кунун даҳҳо нафар шаҳрвандони хориҷӣ ба омӯзиши забони тоҷикӣ ва дигар забонҳо машғул гардида, соҳиби сертификати донандаи забонҳо шудаанд. Инчунин, Маркази мазкур дар тарғибу ташвиқи забони тоҷикӣ дар арсаи байналмилалӣ саҳми арзанда дорад. Маркази омӯзиши забонҳо бо саъю кӯшиши узви вобастаи АИ ҶТ, профессор М. Н. Қосимова ва профессор Ҳ. Маҷидов

фаъолияташро оғоз намудааст. Айни замон масъулияти роҳбарии Марказро дотсент Д. Ҳомидов ба уҳда дорад.

Шурӯъ аз 20-уми декабри соли 2017 бо Қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар пояи факултети филология бахшида ба 140-солагии Каҳрамони Тоҷикистон устод С. Айнӣ Маркази айнишиносӣ таъсис дода шуд, ки сарварии он ба уҳдаи академики АИ ҶТ, профессор Имомзода М. С. вогузор карда шуд.

Факултети филология пешомадҳои умедбахше дорад, зеро он яке аз марказҳои асосии тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси соҳаи филология дар дохили ҷумҳурӣ ва берун аз қаламрави он маҳсуб мешавад.

Ҳайати устодону кормандони факултет барои боз ҳам мустаҳкам гардонидани базаи таълимии шуъбаҳои навтаъсис талош доранд.

# СОХТОРИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯ



Дар ташаккули илму фарҳанг ва маънавияти ҳар як халқу миллат забон ва адабиёти он мавқеи муҳим дорад, зеро маҳз аҳли эҷод дар осори бадеии худ хулқу атвор, рафтору гуфтор, рӯҳу равон, хислату одоб ва расму русум барин унсурҳои муҳимми миллати хешро инъикос менамоянд, ки ин боиси мондагор гардидани онҳо дар таърихи инсоният мегардад. Омӯзиш, таҳқиқ ва таълими ин сарвати маънавии халқ ҷомеаро ба худшиносӣ, ифтихори миллӣ ва эҳсоси ватандориву эстетикӣ ҳидоят намуда, пояҳои давлати миллиро таҳким мебахшад. Шояд ба ҳамин далел бошад, ки соли 1966 шуъбаи филология аз факултети таъриху филология ҷудо шуда, факултети мустақили филологияи тоҷик ташкил меёбад ва ба фаъолият шурӯъ менамояд.

Факултети филология дар муддати мавҷудият ва фаъолияти худ дар тарбияи мутахассисони баландихтисосу варзидаи соҳаи филология саҳми ниҳоят арзишманд ва намоён дорад.

Таъсису оғози фаъолияти ин кохи бегазанди посдорони сухан –факултети филология, ба номи олимони муътабари соҳа А. Мирзоев, Баҳром Сирус, А. А. Семенов, М. С. Андреев, Ш. Ҳусейнзода, С. Ш. Табаров, Д. Тоҷиев, Б. Ниёзмуҳаммадов, Ҳ. Каримов, Ҷ. Арзуманов, М. Фозилов, А. Л. Бухоризода, В. М. Асрорӣ ва бисёр дигарон сахт алоқаманд мебошад. Ин донишмандони фарзона барои ба маҷрои муътадил равона гаштани ҷараёни таълиму тарбия дар факултет ва тайёр намудани мутахассисони варзидаи соҳаи филология, васеъ гардидани сохтори факултет ва муҳайё намудани базаи таълимӣ корҳои зиёдеро ба сомон расондаанд.

Дар муддати ин солҳо ҳайати муаллимону профессорон аз ҳисоби хатмкардаҳои худи факултет мукаммал гардид. Агар дар ибтидои соли 1948 дар шуъба ҳамагӣ 25-30 нафар донишҷӯ таҳсил мекарда бошанд, ҳоло дар шуъбаҳои гуногуни он зиёда аз ҳазор нафар донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ба донишҷӯёни факултет айни замон дар маҷмӯъ беш аз 70 нафар устодони варзидаи собиқадору ҷавон дарс мегӯянд.

Як зумра чеҳраҳои маълуму машҳури илму фарҳанги ҷумҳурӣ, аз ҷумла, академикони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Диноршоев, Х. Отахонова, А. Раҳмонзода, М. Имомзода, узви вобастаи АИ ҶТ А. Маниёзов, М. Н. Қосимова, Д. Саймуддинов, Х. Шарифов, Ҷ. Назриев, А.

Кӯчаров, профессорон В. Асрорӣ, Р. Мусулмониён, А. Сатторзода, Х. Асозода, Т. Неъматзода, С. Воҳидов, С. Амирқулов, Б. Камолиддинов, Т. Н. Хаскашев, Ҳ. Маҷидов, Д. Хоҷаев, У. Тоиров, И. К. Усмонов, Р. С. Комилов, М. Муллоаҳмадов, Қ. Восеъ, Ш. Кабиров, А. Маҳмадаминов, Р. Раҳмонӣ, Б. Мақсудов, А. Абдусатторов, М. Нарзиқул, Ш. Исрофилниё, З. Мухторов, Ф. Шарифова, Ш. Исматуллозода, С. дар ҳамин боргоҳи илму маърифат ба камол расидаанд. Хушбахтона, аксари ин донишмандон ҳоло дар факултет ба шогирдон дарс гуфта, ба аспирантону унвонҷӯён роҳбарӣ менамоянд.

Солҳои 50-60-уми асри ХХ дар рушди минбаъдаи факултет олимони варзида профессорон Д. Т. Тоҷиев, В. М. Асрорӣ, Ш. Ҳусейнзода, С. Табаров саҳми хеле арзанда гузоштаанд. Маҳз ҳамин устодон аз ҳисоби шогирдони хушзавқу хушсалиқа устодони ҷавонро ба камол расонданд, ки баъдан онҳо идомабахши кору фаъолияти эшон гаштанд. Ин буд, ки як зумра ҷавонони хушзавқ, ба монанди М. Муҳаммадиев, М. Н. Қосимова, С. Ҳалимов, С. Имронов, Х. Шарифов, Ҳ. Маҷидов, Х. Асозода, М. Норматов, С. Амирқулов, А. Сӯфизода, Ш. Бобомуродов, А. Неъматов, Ҳ. Талбакова, Д. Хоҷаев, А. Маҳмадаминов, М. Солеҳов, Б. Мақсудов, В. Абдулазизов ва дигарон сафи устодони факултетро пурра намуда, барои боз ҳам рушду инкишоф додани он саҳми арзанда гузоштанд. Дар навбати худ, устодони мазкур шогирдони зиёдеро, ба монанди номзадҳои илми филология, дотсентон А. Мирбобоев, М. Зайниддинов, М. Саломов, Д. Ҳомидов, С. Ҳалимова, Ж. Гулназарова, М. Низомов, П. Ниёзов, Н. Қаландаров, Ф. Ҳайдаров, С. Эмомалӣ, Н. Каримов, С. Қурбонов, Ҳ. Дӯстов, Ф. Мизоёров, М. Ҳайдаров Ш. Бобомуродов тарбия кардаанд, ки ифтихори ин боргоҳи илму маърифат буда, онҳоро метавон ҳамчун идомадиҳандагони анъанаи устодони хеш муаррифӣ кард.

Айни замон дар факултети филология насли наве ба кори таълиму тарбия ва илм ҷалб шудаанд, ки кӯшиши идома додани анъанаҳои неки устодонро асоси фаъолияти худ қарор додаанд, ба монанди: докторону номзадҳои илмҳои филологӣ Х. Ш. Кабиров, М. Музофиршоев, Х. Камолов, У. Саъдуллоев, Ш. Бобомуродов, Ф. Мирзоёров, Г. Нозимова, М. Ҳайдаров, М.

Аюбова, Қ. Тӯраҳасанов, Г. Шукуров, А. Бобобеков, М. Муслимов, Ш. Раҳимова, Д. Ҳафиззода, ва муаллимони калону ассистентон Қ. Нурқаев, З. Ёрова, Ҳ. Раҳмонов, Л. Ҳоҷибоева, Н. Худоёрова, И. Ҳасанов, А. Нуриллозода А., Авғонов, Ф. Латифов, Ҳ. Муслимов, И. Бобомаллаев, М. Ҳасанов, Б. Аловиддинов, Г. Камолова, Д. Акбарова, М. Муродов, Н. Муҳаммадхоҷа, Д. Нуралиева, С. Холназарова ва М. Ҳасанов.

Факултети филологияро бисёр чеҳраҳои машҳуру шинохта ва донишмандони маъруф сарварӣ кардаанд. Нахустин декани факултети филология, ки он вақтҳо факултет номи таъриху филологияро дошт, Мануйлова К. П. таъйин мешавад. Баъдтар номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Гранберг В.Г. ба ин вазифа пазируфта мешавад. Пас аз он ки факултети ҳуқуқшиносӣ ба факултети таъриху филология муттаҳид мешавад, декани факултети таъриху филология олими забоншинос Арзуманов С. Ҷ. таъйин мегардад. Дар солҳои баъдӣ олимони машҳури соҳаи таъриху филология – Бухоризода А. Л., Тоҷиев Д.Т., Каримов Т. Р., Неъматзода Т., Бобохонов М., Қосимова М. Н., Асрорӣ В. М., Давлатов М., Усмонов И. К., Х. Шарифов, Х. Асозода, Имомзода М. С., Б.Б. Шарифов, Д. Хоҷаев, М. Қ. Саломов ва Мисбоҳиддини Нарзиқул вазифаи декании факултетро ба уҳда доштанд. Айни замон Сироҷиддини Эмомалӣ сарварии ин махзани илму адабро ба дӯш дорад.

Дар ин солҳо робитаю ҳамкории факултети филология ба марказҳои бузурги илмию таълимии шаҳрҳои Маскаву Санкт - Петербург, Амрико, Фаронса, Тбилис, Боку, Тошканд, Қазон хеле густариш меёбад. Донишмандони маъруфу машҳури ин марказҳо, ба монанди: М. Н. Боголюбов, А. Н. Болдирев, В. С. Расторгуева, А. З. Розенфелд, В. А. Лившитс, С. Н. Соколов, И. О. Оранский, Л. Г. Гертсенберг, Ҷ. Гиюнашвили, А. Шафоӣ, В. Б. Иванов, Х. Миннегулов, Масъуди Сипанд, Франсӣ Ричард ба аспирантону унвонҷӯён роҳбарӣ ва ба донишҷӯёни факултет курсу семинарҳои махсус хондаанд.

Факултети филология дар оғози замони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, хусусан, дар давраи муноқишаҳои дохилӣ тавонист, ки фаъолияти худро ҳамеша барқарор дошта, сарфи назар аз мушкилиҳо, сатҳи илмӣ ва таълимиро ба таври муназзам нигоҳ бидорад. Дар замони истиқлолият факултети филология ба ҳайси тарғибгари забону адабиёт ва фарҳангу

тамаддуни миллати тоҷик мавқеи хосса пайдо кард. Тӯли ин солҳо барои омода намудани мутахассисони соҳибмаълумот ихтисосҳои нави ҳуҷҷатшиносӣ ва таъминоти ҳуҷҷатии идорӣ, забоншиносӣ ва технологияи нави иттилоотӣ, тарҷумаи бадеӣ, фарҳанги ҷаҳонӣ ва ватанӣ-фолклор ва мероси хаттӣ ифтитоҳ ёфт. Аксари хатмкардагони ин ихтисосҳо ба ҳайси тарҷумон, кормандони бахшҳои гуногуни идораҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ кору фаъолият доранд.

Донишҷӯёни ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик аз соли дуюми таҳсил мувофиқи завқу хоҳишашон ба ихтисосҳои кафедраҳои тахассусӣ: забони адабии муосири тоҷикӣ, таърихи забон ва типология, назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ, таърихи адабиёти тоҷик ҷудо шуда, аз рӯйи ихтисоси интихобкардаашон кори курсӣ, кори хатмкунӣ, маърӯзаи илмӣ, реферат ва рисолаи дипломӣ менависанд, таҷрибаҳои таълимӣ, омӯзгорӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ мегузаранд.

Дар факултет барои таълими босамару натиҷадеҳ кабинети муҷаҳҳази «Махзани адаб» - и ба номи профессор Худойназар Асозода, Маркази фарҳангии ба номи профессор Ш. Ҳусейнзода, кабинети ба номи профессор Д. Т. Тоҷиев ва толори ба номи профессор Худоӣ Шарифзода дар ихтиёри донишҷӯён қарор дошта, маҳфилҳои илмӣ, адабӣ, мизҳои мудаввар, вохӯрию суҳбатҳои донишҷӯёну устодон бо арбобони илму фарҳанг, адибон, чеҳраҳои маъруфи ҷумҳурӣ дар ин кабинету марказҳо муттасил баргузор мегарданд.

Дар факултет корҳои илмиву тадқиқотӣ пайваста бо раванди таълим ҷараён мегирад. Устодони факултет дар панҷ кафедра аз рӯйи самтҳои мушаххаси илмӣ кори тадқиқотӣ мебаранд. Масоили тадқиқшавандаи устодон характери илмиву назарӣ, илмиву амалӣ ва илмиву методӣ доранд. Натиҷаи корҳои илмии устодон дар шакли рисолаҳои илмӣ (номзадию докторӣ), илмию методӣ (дастури таълимӣ, васоити таълимӣ, китоби дарсӣ), мақолаҳо, гузоришҳо дар конференсия ва семинарҳои илмии ватанию хориҷӣ омода мешаванд.

Дар факултет ҳамасола аз тариқи таҳсили аспирантураю докторантура устодони ҷавону лаёқатманд рисолаҳои номзадию докторӣ навишта дифоъ менамоянд ва сафи устодони унвондорро пурра мегардонанд. Ҳамчунин аз соли таҳсили

2015-2016 бо тақозои замон дар факултет қабули доктор PHD ба роҳ монда шуд.

Устодони факултет дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва сатҳи байналмилалӣ фаъолона ширкат меварзанд. Махсусан, чеҳраҳои барҷастаю намоёни илми филология, академикон: А. А. Раҳмонзода ва М. С. Имомзода, узви вобастаи АИ Тоҷикистон С.Ш. Табаров, М. Н. Қосимова, Х. Шарифов, А. Кӯчаров, профессорон Ҳ. Маҷидов, Х. Асозода, Д. Хоҷаев, А. Маҳмадаминов, У. Тоиров, Р. Раҳмонов, А. Абдусатторов, Б. Мақсудов, Ш. Исрофилниё, Мисбоҳиддини Нарзиқул, З. Мухторов, Ф. Шарифова, С. Сабзаев, Ш. Кабиров, дотсентон Ҳ. Талбакова, М. Норматов, М. Солеҳов, М. Зайниддинов, М. Абдурраҳмонова, Ж. Б. Гулназарова, Р. Ваҳҳобзода, Сироҷиддини Эмомалӣ, А. Мирбобоев, М. Саломов, С. Анварӣ ва дигарон на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки берун аз он низ маълуму машҳуранд.

Аз ҳайати устодони факултет 2 нафар академики АИ ҶТ, 4 нафар узви вобастаи АИ Тоҷикистон, 8 нафар узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, 13 нафар профессор ва 9 нафар узви Иттиҳодияи рӯзноманигорони Тоҷикистон мебошанд.

Дар факултет маҳфилҳои илмӣ, адабӣ ва фаннии «Забоншиноси ҷавон», “Ҳуҷҷатнигорӣ”, «Сипанди сухан», «Нақди адабӣ», «Адибони ҷавон», “Равоқи андеша” «Адабиётшиносӣ», “Турсунзодахонӣ” ва “Лоиқхонӣ» фаъолият мекунанд, ки дар онҳо шогирдон таҳти роҳбарии устодони варзида бо гузоришу маърӯзаҳои илмӣ ва намунаи эҷодиёти назмию насрии худ иштирок менамоянд. Инчунин, дар назди кафедраҳо маҳфилҳои илмии инфиродии профессорон ва дотсентони варзида фаъол ҳастанд, ки дар тарбияи шогирдон нақши муассир доранд.

Дар сатҳи Донишгоҳ маҳфили “Посдорон ва дӯстдорони забон” амал мекунад, ки фаъолияти он ба сурати густурда ба роҳ монда шудааст. Маҳфилҳои илмӣ дар болоравии сатҳи илмӣ ва касбии шогирдон саҳми муҳим доранд. Устодони варзидаи факултет шогирдонро аз тариқи ҳамин маҳфилҳо ба кори илмӣ ҷалб менамоянд. Шогирдони факултет, ки дар ин маҳфилҳо маҳорату малакаи илмии худро сайқал медиҳанд, дар озмунҳои фаннӣ дар ҷумҳурӣ тайи чанд соли охир ҷойи аввалро ишғол менамоянд.

Адибони номдори муосири тоҷик – Шоирони халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Гулрухсор Сафиева, Гулназар Келдӣ, Аскар Ҳаким, Сайдалӣ Маъмур, Раҳмат Назрӣ, Нависандаҳои халқии ҷумҳурӣ Юсуф Акобиров, Саттор Турсун, Сорбон, Аъзам Сидқӣ, Муҳиддин Хоҷаев, шоир ва адабиётшинос Рустам Ваҳҳобзода ва дигарон дастпарварони маҳфили «Адибони ҷавон»-и факултет буда, аввалин чакидаҳои хомаи онҳо дар ҳамин маҳфил муҳокима ва манзури хонандагон гардидаанд. Ин маҳфил анъанаи наҷиб дорад, ки то имрӯз он идома ёфта истодааст. Дар муҳокима ва баррасии шеъру ҳикояи навқаламони маҳфил адибони баркамол устод М. Турсунзода, М. Раҳимӣ, Б. Раҳимзода, Ф. Муҳаммадиев ва дигарон иштирок мекарданд. Баъдтар ин анъанаи устодонро адибони ҷавону хушистеъдод Бозор Собир, Гулрухсор Сафиева, Саттор Турсун, Раҳмат Назрӣ, Зулфия Атоӣ, ки парвардаи маҳфили «Адибони ҷавон» буданд, идома дода, тез-тез меҳмони ин маҳфил мешуданд. Имрӯзҳо ин маҳфил таҳти роҳбарии олиму адиби шинохта Рустам Ваҳҳобзода фаъолияти хубу босамар дорад. Доираи шогирдони маҳфил маҳдуд набуда, донишҷӯёни эҷодкорро аз факултаҳои дигар низ фаро мегирад.

Дар факултет корҳои ташкилию тарбиявӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти ҳар як устод маҳсуб меёбад. Устодони факултет ин корро, аз як тараф, дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ анҷом диҳанд, аз ҷониби дигар, дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ: иттифоқи касаба, шӯрои кураторону духтарон ва созмони ҷавонон амалӣ мегардонанд.

Дар факултет тибқи квотаи президентӣ як гурӯҳ донишҷӯён таҳсил мекунанд, ки аксари онҳо бо баҳои хубу аъло хонда, дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок менамоянд.

Дастовардҳои факултет дар панҷ соли охир баёнгари ин аст, ки устодони факултет бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ кору фаъолият намуда, дар ҳамаи бахшҳо ба комёбиҳои назаррас соҳиб шудаанд. Сол то сол сатҳи азхудкунии барномаҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯёни факултет боло рафта, иштироки онҳо дар дарсҳо, маҳфилу озмунҳо хеле хуб шудааст. Дар солҳои 2011 – 2017 аз ҷумлаи устодону аспирантони факултет 6 нафар рисолаи докторӣ ва 13 нафар рисолаи номзадӣ дифоъ намуданд. Дар панҷ соли охир (солҳои 2013 –

2017) фаъолияти илмӣ ва дастовардҳои устодони факултет дар соҳаи илм чунинанд: 1912 номгӯй асарҳои илмӣ, таълимиву методӣ ва илмию омавӣ ба табъ расонида шудаанд, ки аз ин миқдор 1628 мақола, 48 монография, 94 китоб ва китоби дарсӣ, 94 воситаи таълимӣ, 48 дастурӣ методӣ мебошанд.

Равобити байналмилалии факултет бар мабнои густариши доираи ҳамкориҳои таълимӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва омӯзишӣ ба роҳ монда шудааст. Аз давраи пас аз барқарории истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ дар кишвари азизамон то ин ҷониб чандин шаҳрвандони хориҷӣ, аз кишварҳои Эрон, Афғонистон, Покистон, Чин, Канада, Туркия, Олмон, Амрико, Куриё ба ҳайси забономӯз, магистрант, аспирант ва унвонҷӯ дар маркази омӯзиши забонҳо ва кафедраҳо ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Донишмандони хориҷӣ дар доираи ширкат дар конференсияҳои байналмилалӣ ба факултет ташриф овардаанд. Устодони факултет дар конференсия ва семинарҳои байналмилалӣ фаъолона ширкат намуда, дар чунин ҳамоишҳои илмие, ки дар кишварҳои Россия, Чин, Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Покистон ва дигар кишварҳо баргузор гардидаанд, суханронӣ кардаанд.

Муаллиф ба ҳамаи устодону кормандони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз ҷумла шахсоне, ки барои дастрас намудани маводу ҳуҷҷатҳо саҳм гузоштаанд, арзи сипос ва миннатдорӣ менамояд.

***Баъди мо мерос дар рӯйи ҷаҳон***
***Одамиву қадрдониҳои мост.***
***(Ҳабибулло Файзулло)***

**Сироҷиддини Эмомалӣ – декани факултети филологияи ДМТ**



**Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

25-уми июни соли 1960 дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон таваллуд шуда, соли 1976 мактаби миёна, соли 1980 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб, соли 1990 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Унверситети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро хатм кардааст. Рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Сохтор ва маънои ҷумлаи амрӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ» соли 2002 дифоъ намудааст.

Дар соли 2014 барои дастовардҳо дар соҳаи илми гуманитарӣ бо медали «Хизмати шоиста», соли 2011 барои хизматҳои бисёрсола дар соҳаи маориф бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» сазовор дониста шудааст.

Муаллифи китоби «Шасти камолот» (бо шариктаълиф) (2009), «Ҷумлаи амрӣ дар забони адабии тоҷикӣ» (2010), «Забон-ҳастии миллат» (мураттиб) (2013), «Вожашиноси нозукбин ва омӯзгори асил» (мураттиб) (2013), «Забони давлатӣ барои хонандагони синфи даҳуми муассисаҳои умумии миёнаи таълимашон бо забони русӣ, узбекӣ, қирғизӣ, туркманӣ» (бо шариктаълиф)(2017); «Феҳристи номҳои миллӣ», «Фарҳанги номҳои миллӣ» (2017) зиёда аз 50 мақолаи илмӣ-оммавӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои (2002-2005) ҷонишини декани факултети филалогия дар ихтисоси ҳуҷҷатнигорӣ; аз соли 2007 то соли 2016 вазифаи мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикиро ба уҳда дошт. Аз соли 2014 аъзои ҳайати мушовараи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Абдураҳимов Салом – (**07.06.1937 дар шаҳри Уротеппа таваллуд шуда, соли 2006 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), забоншинос, номзади илми филология, дотсент.

Абдураҳимов С. соли 1958 Унверситети давлатии Тоҷикистонро хатм кардааст. Солҳои 1958-1990 дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти АИ ҶТ фаъолият дошт. Солҳои 1990-2004 дар кафедраи хат ва матни форсии тоҷикии ДДМТ ба сифати дотсент фаъолият намудааст.

Абдураҳимов С. барои хизматҳои назаррас дар соҳаи маориф бо Грамотаҳои фахрии Совети Олии РСС Тоҷикистон сарфароз гардида, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино мебошад.

Яке аз муаллифони "Грамматикаи забони адабии тоҷик" (Синтаксис қисми 2, китоби дарсӣ барои факултаҳои филологии мактабҳои олӣ (1984) мебошад. Дар давраи фаъолият зиёда аз 60 асару мақолаҳои илмӣ таҳия кардааст.

Ос.:Ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи тоҷик ( 1973); Ибораҳои ҷонишинӣ (1979).



**Абдусатторов Абдушукур** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

28-уми апрели 1954 дар шаҳри Конибодом таваллуд шуда, соли 1976 шуъбаи арабӣ-тоҷикии факултети шарқшиносӣ, соли 1992 шӯъбаи аспирантураи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистонро хатм карда, соли 1994 рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Ташаккул ва таҳаввули рубоӣ дар адабиёти асрҳои X-XI форсу тоҷик» дифоъ намудааст. Соли 2003 рисолаи доктoриро дар мавзӯи «Таъсири забон ва адабиёти араб ба адабиёти асри XI (Аҳди Сомониён ва Ғазнавиёни аввал)» дифоъ кардааст.

Муаллифи китобҳои «Талмеҳ дар шеъри аҳди Сомониён» (1996), «Рӯъяти Қуръон дар шеър» (1997), «Арабият ва адабиёти аҳди Ғазнавиён» (2001), «Равобити адабии Арабу Аҷам дар асри XI » (2003), «Шоирони аҳди Ғазнавиён» (1999, бо ҳамқаламии профессор Х. Шарифов), «Сӯзании Самарқандӣ. Мунтахаби

ашъор» (2006, бо ҳамқаламии профессор Имомов М.), «Саъдии Шерозӣ. Насиҳат-ул-мулк» (2007, бо ҳамқаламии профессор Имомов М.), «Асрори шеъри марғуб» (2005), «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (2007, бо ҳамқаламии профессор Х. Шарифов), «Ашъори ҳакимон ва орифон» (2011, бо ҳамқаламии профессор Х. Шарифов), «Таърихи адабиёти араб» (2009), «Таърихи Систон» (2013, бо ҳамқаламии профессор Имомов М.) ва зиёда аз 300 мақолаи илмӣ, илмӣ-омавӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 2006-2009 мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ ва солҳои 2009-2013 мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия буд. А. Абдусатторов роҳбарии шогирдони зиёдеро бар уҳда дорад, то ҳол чанд нафар аз шогирдони эшон рисолаҳои номзадии худро дифоъ намудаанд.



**Абдулазизов Ваҳобҷон** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

29-уми октябри соли 1955 дар ҷамоати деҳоти Гулистон, ноҳияи Ленин (ҳоло н. Рӯдакӣ) таваллуд шуда, соли 1972 мактаби миёна, соли 1977 шуъбаи рӯзонаи факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, соли 1985 шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Унверситети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро хатм карда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик» соли 1993 дифоъ намудааст.

Дорандаи нишони сарисинагии «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон» (2011), ордени давлатии Ҷумҳурии Афғонистон - «Фидокорӣ», медали Давлатии Ҷумҳурии Афғонистон «Аз мардуми сипосгузори Афғонистон» (1987-1988) ва медали «10-солагии Инқилоби Савр» (1988) ҳамчунин медалҳои фахрии КМ ВЛКСМ- «За активную работу в комсомоле» (1981); «Трудовая доблесть» (1983); медали КМ ВЛКСМ ва Комитети Созмонҳои Ҷавонони (КМО) СССР - «За укрепления мира, дружбы и солидарности молодёжи»(1987) ва «Медали ифтихорӣ»-и

«Созмони Демократии Ҷавонони Афғонистон» - ду дафъа солҳои 1983 ва 1987 инчунин чандин Ифтихорномаҳои Вазорати маориф мебошад.

Муаллифи китоби «Пешгирии инфексияи ВНМБ (ВИЧ – инфексия) ва ҷавонон»(2010) ва «Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забони адабии тоҷик» (2013)» зиёда аз 90 мақолаи илмӣ-оммавӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: муовини декани факултети филологияи ДМТ оид ба илм (1996-2005), Сардори Раёсати муносибатҳои байналмилалии Вазорати маорифи Тоҷикистон (2005- 2009), ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф (2009-20012). Мудири шуъбаи илм ва инноватся (2012 -2013), мудири шуъбаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (2013-2014). Директори Маркази табъу нашр, тарҷума ва баргардони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2014 -2017).

**Абдуллоев Фотеҳ** – (соли 1943 дар шаҳри Панҷакент таваллуд шудааст) муҳақиқ ва рӯзноманигор.

Фатҳулло Абдуллоев, соли 1962 омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакентро хатм намуда, як сол дар мактаби ҳафтсолаи деҳаи Хулозии ноҳияи Комсомолобод (Нуробод) муаллимӣ мекунад. Соли 1962 ба факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1967 хатм менамояд.

Пас аз хидмат дар сафи Артиши Шӯравӣ аз моҳи августи соли 1969 то моҳи августи 1972 дар вазифаи ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ ифои вазифа намуда, ба донишҷӯёни факултетҳои забон ва адабиёти тоҷик ва шарқшиносӣ аз забони муосири тоҷик дарс мегуфт.



**Авғонов Алишер Файзуллоевич** - ассистенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

26-уми ноябри соли 1987 дар ноҳияи Орҷоникидзеобод (ҳоло шаҳри Ваҳдат) таваллуд шудааст. Соли 2004 мактаби миёна, соли 2009 факултети филологияи тоҷик, соли 2013 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи ДМТ хатм намудааст. Рисолаи номзадии худро дар мавзӯи "Пайдоиш ва рушди шеъри маснӯъ дар адабиёти форсӣ (асрҳои XI- XII)" ба анҷом расонида, дар ҳоли муҳокима қарор дорад.

Муаллифи мақолаҳои "Қавомии Мутарразӣ ва қасидаи маснӯи ӯ (2012), "Сохторшиносии қасидаи "Бадоеъ-ул-асҳор-фи-саноеъ-ул-ашъор" (2012); "Воситаҳои бадеии шеъри маснӯъ" 2012, "Матни комили қасидаи маснӯи Қавомии Мутарразӣ" (2012), "Қасидаи маснӯъ ва анвои он" (2012), "Маънӣ ва мафҳуми шеъри маснӯъ" (2013), "Хабари қатли Абӯмуслими Хуросонӣ" (2014).

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: аз 01.09.2014 -2016 ҷонишини декан оид ба тарбияи факултети филологияи ДМТ.



**Азимов Аъзамҷон Холматович** – доктори илми филология, профессор

8-уми марти соли 1959 дар деҳаи Ворухи ноҳияи Исфараи вилояти Ленинобод (ҳоло вилояти Суғд) таваллуд шудааст. Соли 1976 ба шуъбаи шабонаи факултаи филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуда, солҳои 1977-1979 дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи СССР хизмат карда, соли 1984 гурӯҳи журналистикаи шуъбаи рӯзонаи факултети филология, соли 1993 шуъбаи аспирантураи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро хатм кардааст. Соли 1994 дар мавзӯи "Таърихи ташаккули матбуоти тоҷики солҳои бистум" (дар мисоли рӯзномаи "Овози тоҷик" ва заминаҳои он) рисолаи номзадӣ ва соли 2009 дар мавзӯи

"Журналистикаи тоҷик дар давраи инқилоби маданӣ") (солҳои 1929-1940) рисолаи доктариашро ҳимоя кардааст.

Азимов А. Х. бо нишони "Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (2003), "Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон" (2004), "Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" (2005), "Аълочии телевизион ва радиои Ҷумҳурии Тоҷикистон" (2014), барандаи ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ (2008) сарфароз гардонида шудааст. Дорандаи медали "100-солагии матбуоти тоҷик" (2012), ордени "Барои химатҳои шоён дар назди Ватан" (2015 ФР)

Бо тавсияи комиссияи имтиҳоноти давлатӣ аз моҳи июни соли 1984 дар кафедраи "Фолклор ва адабиёти халқҳои ССР" ба ҳайси лаборанти калон ба фаъолияти меҳнатӣ оғоз кардааст. Ҳамзамон, ба фаъолияти илмӣ-омӯзгорӣ машғул шуда, солҳои 1990-1997 дар шуъбаи журналистикаи факултаи филологияи тоҷик (аз соли 1992 факултаи журналистика ва тарҷумонӣ) дар вазифаи ассистент ва дотсеннт кор кард.

Дар саҳифаҳои матбуоти тоҷик зиёда аз 120 мақолаҳояш бахшида ба масъалаҳои гуногуни ташакули матбуот ва таърихи журналистикаи тоҷик ба табъ расидааст. Ҳамчунин, дар жанрҳои мухталифи публитсистика-мақола, тақриз, лавҳа, очерк, гузориш, репортаж, хабар, ҳисобот, нигориш ва ғайраҳо зиёда аз 200 мавод омода ва нашр намудааст.

Муаллифи монография, китобҳо ва маҷмӯаи мақолаҳои "Шарораи меҳр" (1997), "Очеркҳо аз таърихи матбуоти тоҷик" (солҳои 20-30. 1998), "Воқеияти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик" (2000), "Нишоти умр" (ҳаммуаллиф, 2000), "Нурбахши зиндагӣ" (ҳаммуаллиф, 2000), "Гавҳаршинос" (ҳаммуаллиф, 2001), "Ҳадиси дӯст" (ҳаммуаллиф, 2000), "Публитсистика ва замони муосир" (2003), "Корвони умр" (2003), "Таърихи ташаккули радиои тоҷик" (2005), "Пайвандгари дилҳо (2007), "Становление таджикского радио" (20070, "Меҳрафзун" (2007), "Адабиёт дар матбуоти солҳои сиюм" (2008), "Марзи сухан" (2008).

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 2002-2006 мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистика ва тарҷумонии ДДМТ; солҳои 2006-2007 декани факултети муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқ ва дар як вақт

муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи байналмилалии Тоҷикистон; аз соли 2014 то ҳол аъзои Шӯрои диссертатсионӣ дар назади ДМТ оид ба ҳимояҳои рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ (аз рӯйи ихтисоси журналистика).

Зери роҳбарии ӯ ду нафар рисолаи номзадӣ дифоъ кардааст.



**Азизов Сулаймон Талбакович -** 10-уми июни соли 1983 дар ноҳияи Файзобод таваллуд шуда, соли 2001 мактаби миёна, соли 2006 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Азизов Сулаймон солҳои 2006- 2009–ба ҳайси ассистент дар кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Доишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Ӯ муаллифи 6 мақолаи илмӣ – омавӣ буда, солҳои 2006 – 2008 котиби илмии кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ буд.



**Акбарова Давлатбӣ Нусратуллоевна**– муаллимаи калони кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

20-уми ноябри соли 1972 дар деҳаи Боғи Ҳабиби ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон таваллуд шуда, соли 1990 мактаби миёна, соли 1995 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии шаҳри Кӯлобро хатм намуда, солҳои 1998-1999 муҳаққиқ-коромӯзи кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, соли 2005 шуъбаи аспирантураи ДМТ-ро хатм намуда рисолаи номзадиашро дар мавзӯи “Калимасозии морфологии достони “Сиёвуш”-и “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ” ба анҷом расонидааст.

Муаллифи як қатор мақолаҳои илмӣ ва дастури таълимии “Забони тоҷикӣ” барои факултети ҳуқуқшиносӣ мебошад.



**Акрамов Муқим** (14.02.1936 дар шаҳри Уротеппа таваллуд шудааст), забоншинос, номзади илми филология, дотсент.

Соли 1958 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм кардааст. Солҳои 1958 – 1973 аввал лаборант, сипас ходими хурди илмии Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёт АИ ҶТ буд. Солҳои 1979 – 1997 дар кафедраи забони муосири тоҷики ДДМТ фаъолият дошт. Муаллифи як монография ва зиёда аз 20 таълифоти илмию методӣ мебошад. М. Акрамов “Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дорандаи “Медали баои хизмати шоиста” (2011) аст.



**Аловиддинов Бурҳониддин Давронович** – ассистенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

1-уми январи соли 1986 дар деҳаи Нӯшори ноҳияи Тоҷикобод дар оилаи зиёӣ ба дунё омада, соли 2003 мактаби миёна ва соли 2008 факултети филологияи тоҷик, соли 2012 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намуда, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Ифодаи категорияи грамматикии намуд дар ибораҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ» ба анҷом расонида, дар арафаи ҳимоя қарор дорад.

Муаллифи мақолаҳои “Муродифҳои феълҳои ёвари намудҳои мутлақ ва давомдори ибораҳои фразеологии феълии забони адабии тоҷикӣ”(2013) “Ифодаи намуди мутлақ дар ибораҳои фразеологии феълии забони тоҷикӣ”(2013) “Намуди умумии ибораҳои фразеологии феълии забони адабии тоҷик ва фарқи онҳо аз намудҳои мутлақ ва давомдор”(2013).



**Алиева Дилафрӯз Равшановна** – методисти шуъбаи ғоибонаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

4-уми октябри соли 1978 дар шаҳри Душанбе таваллуд шуда, соли 1993 мактаби миёна, соли

2007 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст.

Барои фаъолияти пурсамар соли 2012 бо «Ифтихорнома»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон сарфароз гардрнида шудааст.

Солҳои 2004-2007 котибаи садорати факултети филология; солҳои 2007-2008 дар кафедраи таърихи забон ва типология ба сифати лаборанти калон фаъолият кардааст. Аз соли 2009 то ҳол дар вазифаи методисти шуъбаи ғоибонаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият карда истодааст.



**Амирқулов Субҳон** – адабиётшинос, доктори илмҳои фиддология, профессор.

25-уми июли соли 1935 дар маҳаллаи Гулшани ноҳияи Хузори вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбакистон таваллуд шудааст. Хатмкардаи Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе (1955). Солҳои 1957-1960 аспиранти шуъбаи рӯзонаи Донишгоҳи омузгории ш. Душанбе, 1960-1966 ассистент, муаллими калони ДДТ, 1967-1997, муаллими калони факултети филологияи ДДТ, солҳои 1998-2008, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи ДДМТ буда, аз соли 2008 то инҷониб ходими илмии Институти илмӣ-тадқиқотии ДМТ мебошад.

Дорандаи нишону мукофотҳои "Собиқадори меҳнат", "Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон", Грамотаи фахрии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ордени "Шараф" Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (2005).мебошад. XI X

Муаллифи китобҳои "Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ ва достони ӯ "Юсуф ва Зулайхо" (1967), "Адабиёти тоҷик дар нимаи якуми асри XIX" (1980), "Фирдавсӣ ва мактаби адабии Аҳмади Дониш" (1995), "Таҳаввули адабиёти тоҷик дар нимаи аввали асри XIX" (1997), "Рӯдакӣ- падидаи нодир ва ҷаҳонии тамаддуни аҳди Сомониён" (1999), "Таҳаввули жанрҳои адабиёти тоҷик дар нимаи аввали асри XIX" (2005), "Падидаи нодир" (2008), "Нигоҳе ба инктшофи таърихи адабиёти тоҷик дар Мовароуннахр (қарни XIX)" (2010), "Устод Рӯдакӣ-аввалин шоири миллӣ ва ҷаҳонӣ" (2015), барномаҳо ва беш аз сад

мақолаи илмӣ-оммавӣ ва методист. Таҳти роҳбарии Амирқулов Субҳон ду нафар рисолаҳои номзадии худро дифоъ кардаанд.

**Аминова Собира –** (соли 1930 дар шаҳри Самарқанд таваллуд шуда, соли 1984 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), адабиётшинос, номзади илми филология, дотсент.

Соли 1953 Донишгоҳи давлатии Ӯзбекистон, соли 1957 шуъбаи аспирантураро хатм кардааст. Аз соли 1966 то поёни умр дар кафедраи адабиёти шӯравии тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон аввал муаллими калон, сипас аз соли 1967 ба ҳайси дотсент фаъолият кардааст. Дар тӯли фаъолияти илмию омӯзгориаш тақрибан 30 таълифоти илмӣ ба табъ расондааст. Таълифоти илмии вопасинаш «Проблемаи ташкили оила ва никоҳ дар эпоси «Гуруғлӣ» ва адабиёти классикии тоҷик» номатбуъ аст.



**Анварӣ Сулаймон** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

5-уми октябри соли 1946 дар ноҳияи Комсомолобод (ҳоло Нуробод) ба дунё омада, соли 1965 мактаби миёна, соли 1969 факултети таъриху филология, бахши забон ва адабиёти тоҷик ва соли 1975 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченкоро хатм карда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Вожаҳои низомии «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ» соли 1980 дифоъ намудааст.

Барои фаъолияти хуб дар таълиму тарбия бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон», се Грамотаи фахрии Вазорати маорифи Тоҷикистон сарфароз гардидааст.

Муаллифи китобҳои «Шеваи омӯзиш ва парвариш» (1991), «Суруди Зафар» (1994), «Вожаҳои низомӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ» (1994), «Забони аҳди Сомониён ва арзиши сухан» (1999), «Ромишгари мумтоз» (2000), «Дар ҷустуҷӯйи сухани зебо» (2000), «Ҷойгоҳи сухан дар осори форсӣ-тоҷикӣ» (2005), «Туфон дар ғунча» (2009), «Зафари

нотакрор» (2010), «Сухан дар коми ӯ меёфт сайқал» (2011), «Ҳоҷӣ Ҳусайн ва арзиши сухан» (2013), «Зафари таронапардоз» (2016), «Шоҳнома»-ганҷинаи сухан» (2017), «Арзиши бадеии сухан» (2017), «Нақди масоили суханшиносӣ» (2017), «Дар густараи забон ва баён» (2017), «Ҳамнавои рӯзгор» (2017) ва китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ»[барои синфҳои V,VI, VII-и мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ (солҳои 1984, 2015) ва барои риштаҳои ғайрифилологии донишгоҳҳо (2015)] ва ғайра ва беш аз 270 мақолаи илмӣ, дастурӣ (методӣ) ва оммавӣ (публитсистӣ) мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятиву роҳбарӣ: солҳои 1996-2002 декани факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷӯраев (ҳоло ДДОТ ба номи устод С. Айнӣ), солҳои 1997-1999 раиси ҳайати коршиносони бахши забон ва адабиёти тоҷики Вазорати маорифи ҷумҳурӣ. Узви Шӯрои ҳамгунсозии истилоҳоти Кумитаи забон ва истилоҳоти Ҳукумати Тоҷикистон, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва узви Иттифоқи рӯзноманигорони Тоҷикистон аст.

Таҳти роҳбарии ӯ се нафар рисолаи номзадӣ дифоъ кардаанд.



**Асозода Худойназар** (25.12.1941 дар деҳаи Момайии ноҳияи Балҷувони собиқ вилояти Кӯлоб, (ҳоло вилояти Хатлон) таваллуд шуда, 18.02.2014 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст) – доктори илмҳои филология, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро соли 1968 хатм карда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи “Симои синфи коргар дар адабиёти советии тоҷик” соли 1974 ва соли 1989 дар Шӯрои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии АИ ИҶШС дар мавзӯи «Ташаккули системаи жанрҳои насри дарии Афғонистон» рисолаи докторӣ дифоъ кардааст.

Асозода аз ҷумлаи муҳаққиқоне буд, ки барои бо ҳам пайвастани риштаҳои гусастаи се шохаи адабиёти умумифорсӣ кӯшишҳои судманд намуда, собит кардаанд, ки ҳарчанд ин се

шоха бо номҳои адабиёти форсӣ, тоҷикӣ ва дарӣ ёд шаванд ҳам, моҳиятан ва таърихан адабиёти муштарак ҳастанд. Ин андешаро ӯ дар китобу рисолаҳои “Нигарише ба насри муосири дарии Афғонистон” (1981), “Развитие жанров в прозе на дари” (1987), “Формирование жанровой системы в прозе Афганистана на языке дари” (1988), “Адабиёти садаи XX-и форсии тоҷикӣ” “Адабиёти садаи XX-и форсии тоҷикӣ», “Адабиёти Эрон дар садаи XX” (1997), “Содиқ Ҳидоят ва дунёи эҷоди ӯ” (2007) бо далелҳои илмӣ собит намудаанд. Таҳқиқоту таълифоти боарзиши ӯ дар мавриди бозшинохти аҳволу осори поягузорони адабиёти навини тоҷикӣ - устодон Айниву Лоҳутӣ ва Улуғзода, эътирофи умум пайдо кард. Ӯ тавассути китобу рисолаҳои “Устод Айнӣ дар шинохти С.Улуғзода” (2001), “Иловаҳо ба шарҳи ҳоли устод Айнӣ” (2004), “Воқеият, сиёсат ва С. Айнӣ” (2010), “Зиндагинома ва осори Садриддин Айнӣ” (2013), “Садриддин Айнӣ дар миён ҳаст ва хоҳад монд” (2013) дар баробари равшан намудани саҳифаҳои торики рӯзгори Садриддин Айнӣ ва бозшинохти шахсияти эҷодии ӯ бо далелҳои раднопазир бар даҳони онҳое, ки солҳои охир бемаврид хизматҳои миллатдӯстонаи устод Айниро зери шубҳа қарор медоданд, муҳри хомӯшӣ зад. Илова бар ин, саҳми Х. Асозодаро дар лоҳутишиносӣ ва улуғзодашиносии тоҷик махсус бояд зикр намуд, зеро бисёр паҳлуҳои рӯзгору эҷодиёти адибони номбурда дар замонашон бар асари маҳдудиятҳои мафкуравию сиёсӣ аз назари муҳаққиқон дур монда буд. Асозода ба хотири аз байн бурдани ин қабил ноқисиҳо китобҳои “Чеҳраҳои адабӣ ва фарҳангӣ” (1996), “Абулқосим Фирдавсӣ дар шинохти С. Улуғзода” (2000), “Устод Айнӣ дар шинохти С. Улуғзода” ( 2001), “Сотим Улуғзода ва фоҷиаи ӯ” (2005), “Саргузашти устод Лоҳутӣ” (2009) ва мақолаҳои зиёдеро таълиф намудааст.Фаъолияти илмию адабии профессор Асозода гуногунҷабҳа буд. Китобҳои ҷолибу хондании “Зиёрати Каъбатуллоҳ” (1999), “Афғонистони шоҳӣ” (аз дафтари хотираҳо, солҳои 1971-1973, 2001), “Афғонистони инқилобӣ” (аз дафтари хотираҳо, солҳои 1987-1981, 2003) ва китоби шашҷилдаи “Достони зиндагӣ” (2006-2013) хусусияти ёддоштӣ доранд ва бо сабки хоси адабию публисистӣ таълиф шудаанд. Китобҳои дарсии “Адабиёти тоҷик дар садаи XX” (1999), “Забон ва адабиёти тоҷик” (2007), “Адабиёти тоҷик”

(китоби дарсӣ барои синфи XI, 2007), “Таърихи адабиёти тоҷик” (давраи нав, 2014) ба қалими ӯ тааллуқ дорад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1992-1993 муовини аввали ректори Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон; 1993-1996 мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ ДДМТ; солҳои 1996-1998 декани факултети филологияи ДДМТ; мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ (1999-2004). Солҳои 2005 -2008 ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон; Солҳои 2008-2013 мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.



**Асрорӣ Воҳид Мирашурович**- (моҳи ноябри соли 1917 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шуда, 3-юми июни соли 1996 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст) доктори илмҳои филология, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Соли 1949 факултети забон ва адабиёти Институти давлатии педагогии Душанбе ба номи Т.Г.Шевченкоро хатм намуда, худи ҳамон сол ба аспирантура дохил гардида, рисолаи номзадиашро соли 1953 дар мавзӯи «Рубоиёти халқии советии тоҷик» ва рисолаи докториашро соли 1968 дар мавзӯи «Фолклор ва эҷодиёти нависанда» (дар мисоли эҷодиёти С.Айнӣ ва А.Лоҳутӣ) дифоъ намуд.

Воҳид Асрорӣ муаллифи зиёда аз 500 асару мақолаи илмӣ, таълимӣ, публитсистӣ, бадеӣ буда, даҳҳо асарҳои адабиёти халқҳои шӯравиро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардаанд, ки «Эҷодиёти Юсуф Вафо» (1956), «Халқ ва адабиёт» (1968), «Адабиёт ва фолклор» (1967), «Эҷодиёти даҳанакии халқ» (1980, бо ҳаммуаллифии Р. Амонов), «Фолклор, халқият, нависанда» (1982), «Жанрҳои хурди фолклори тоҷик» (дар 3 қисм, 1983-1990 : силсилаи мақолаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ «Намунаи рубоиёти халқии замони советии воҳаи Зарафшон» (1951), «Байтҳои халқии воҳаи Зарафшон» (1952), «Оид ба фолклори советии тоҷик» (1954), «Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ» (1956), «Баъзе мулоҳизаҳо доир ба вазни рубоиёти халқӣ» (1957), «Ҳаҷв дар адабиёти советии тоҷик» (1985), «Мавқеи афсонаҳои халқӣ дар эҷодиёти С.Айнӣ» (1959), «Мавзӯи В.И.Ленин дар адабиёти

бачагонаи тоҷик» (1961), «Баъзе масъалаҳои муносибати фолклор ва адабиёт» (1970).

Воҳид Асрорӣ барои муҳассилини макотиби миёнаву олӣ китобҳои дарсӣ таълиф намудааст, ки «Забони тоҷикӣ» (барои синфҳои 2-3) ва «Эҷодиёти даҳанакии халқ» мисоли онҳост. Китоби аввал солҳои 1960-1980 дар мактабҳои ҷумҳурӣ ҳамчун китобҳои дарсӣ омӯзонида мешуд, китоби дуюм дар Афғонистон бозгардон шуда, то имрӯз ҳамчун воситаи таълим истифода мешавад.

Амали тарҷума паҳлӯи дигари фаъолияти эҷодии профессор В.Асрорӣ маҳсуб ёфта, асарҳои А.Чехов, В.Маяковский, С.Маршак, А.Гайдар, Е.Шварц, П.Турсун ва А.Қаҳҳор дар тарҷумаи устод манзури хонандаи тоҷик гардидааст.

Аз мактаби илмии Воҳид Асрорӣ муҳаққиқони зиёде баҳра бардоштаанд. Муҳаққиқон Тӯйчӣ Миров, Муртазо Зайниддинов, Мурод Муродов зери роҳбарии профессор Асрорӣ рисолаҳои номзадӣ ҳимоя намудаанд.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1968-1973 декани факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз соли 1969 то охири умр (1996) мудири кафедра буданд. Адои хидмат дар вазифаи ҷонишин ва муҳаррири рӯзномаи бонуфузи давр «Пионери Тоҷикистон» шаҳодати равнақи фаъолият дар ин самт маҳсуб меёбад



**Асадуллоев Саъдулло** (12-уми сентябри соли 1932 дар деҳаи Хиставарзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров таваллуд шуда, 26.09.1997 дар дехаи Хиставарз вафот кардааст), адабиётшинос, номзади илми филология, дотсент.

Соли 1958 пас аз хатми факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тохикистон ба аспирантура дохил шуда, рисолаи номзадии хешро таҳти унвони «Абдуллоҳи Ҳотифӣ ва муқоисаи достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и ӯ бо достони ҳамноми Ҳилолӣ» соли 1963 дифоъ кардааст. Солҳои 1955-1965 дар факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар вазифаҳои муаллим, сармуаллим, дотсент, ноиби декани факултет фаъолият кардааст.

Муаллифи беш аз 35 китобу рисолаҳо ва зиёда аз 300 мақолаҳои илмиву публисистӣ мебошад. Аз ҷумла монографияҳои «Лайлӣ ва Маҷнун» дар назми форс-тоҷик (1984), «Камоли Хуҷандӣ» (1996), «Лайлӣ ва Маҷнун» дар адабиёти форсизабон (хулосаи китобшиносӣ)» (1984), рисолаҳои «Абҷад ва таърихҳо» (дар ҳаммуаллифӣ- 1972), «Баъзе истилоҳоти мусиқӣ ва суруду навоҳо дар ашъори Ҳофиз» (Д., 1975), «Амир Хусрави Деҳлавӣ» (1972), «Ба ёрии омӯзандагони алифбои арабии тоҷикӣ» (1988) ва ғайра тааллуқ доранд. Саъдулло Асадуллоев як қатор рисолаҳои худро, аз қабили «Садри Хуҷандӣ. Оли Хуҷанд» (1992), «Ғароиби сипоҳ»-и Тохири Хуҷандӣ (1992), «Ҳазрати Бобо» (1995) ва ғайра ба таҳқиқи рӯзгор ва осори донишмандону сухансароёни Хуҷанд бахшидааст. Хизмати Саъдулло Асадуллоев, махсусан, дар ташаккули илми матншиносии тоҷик назаррас аст. Ӯ мураттиб, муаллифи сарсухан ва тавзеҳоти матнҳои илмӣ-интиқодии «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Ҳотифӣ» (1962), «Ширин ва Хусрав»-и Ҳотифӣ» (1977), «Ашъори мунтахаби Тошхоҷа Асирии Хуҷандӣ» (1982), «Девони Камоли Хуҷандӣ» (бо Ш.Ҳусейнзода ва Н. Қаҳҳорова – 1983, ҷ.1; 1984, ҷ.2), матни илмӣ-интиқодии девони Камоли Хуҷандӣ, бо ҳуруфоти форсӣ дар ду ҷилд (1986, 1987), матни илмӣ-интиқодии «Девони Камоли Хуҷандӣ» (1996), маҷмӯаи «Дурдонаҳо аз ашъори Камоли Хуҷандӣ» (Д., 1996), мунтахаби ашъори Меҳситии Хуҷандӣ (1994), «Намунаҳои зарбулмасалу мақолҳои тохикону ӯзбекони вилояти Қатағани Афғонистон» (1968), «Словарь – пособие для переводчиков» (дар ҳаммуаллифӣ.1967), хрестоматия барои курси матни классикӣ «Матнҳои мунтахаб» (1968)- мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: аз соли 1965 то соли 1991 дар Институти давлатии педагогии Ленинобод ба номи С. Киров (ҳоло ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров) дар вазифаҳои дотсент, профессор, мудири кафедраи адабиёти тоҷик, ноиб-ректори шуъбаи ғоибона фаъолият кадааст; солҳои 1991-1997 президенти «Академияи Камоли Хуҷандӣ»-ро ба ӯҳда дошт.

**(Т. Келдиёров)**



**Аюбова Мамлакат Бойтураевна** - номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

12-уми декабри соли 1956 дар ноҳияи Шаҳритузи вилояти Қӯрғонтеппа (ҳозира Хатлон) таваллуд шуда, соли 1974 мактаби миёна, соли 1979 факултети филологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории ш. Душанбе, соли 1998 шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм карда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Антропонимияи тоҷикони навоҳии Шаҳритузу Қубодиён (номҳои ашхос)» соли 2002 дифоъ намудааст.

Ҳаммуаллифи китобҳои дарсии “Забони тоҷикӣ барои гурӯҳҳои русии факултетҳои ғайрифилологӣ)» (2008, 2014 (бо такмилу тасҳеҳ); “Забони тоҷикӣ (дастури амалӣ барои факултети биология)” (2010); “Забони тоҷикӣ (барои факултетҳои биология ва тиббиву дорусозӣ)” (2013); «Барномаи таълимӣ аз фанни забони тоҷикӣ барои гурӯҳҳои русии ихтисосҳои ғайрифилологӣ» (2010), муаллифи рисолаи илмии «Антропонимияи тоҷикони навоҳии Шаҳритузу Қубодиён (номҳои ашхос)”(2013) ва зиёда аз 50 мақолаи илмӣ-тадқиқотӣ ва оммавию методӣ мебошад.



**Бақозода Ҷӯрахон** – ( 22.09.1937 дар шаҳри Самарқанд таваллуд шуда, 27.04.2012 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Соли 1962 Донишгоҳи давлатии Самарқандро хатм намудааст. Соли 1969 рисолаи номзадиашро дар Пажӯҳишгоҳи адабии ба номи Горкий дар мавзӯи «Масъалаи характер дар насри муосири тоҷик» дифоъ кардааст.

Барои хизматҳои шоёнаш бо Граммотаи фахрии Президиуми Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Аълочии

маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» сарфароз шудааст.

Дар Пажӯҳишгоҳи забону адабиёти АИ ҶТ (1962-1964, 1967-1978), маҷаллаи «Садои Шарқ» (1978-1985), Энсиклопедияи тоҷик (1985-1989) фаъолият кардааст. Аз соли 1989 то охири умр дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба таълиму тадриси шогирдон машғул буд.

Асару мақолаҳои илмии Ҷ. Бақозода беш аз 200 адад буда, ба масъалаҳои муҳимми нақди адабӣ муносибат доранд. Махсусан, рисолаҳои «Падидаҳои навӣ» (1974), «Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ дар насри тоҷик» (1982), «Нависанда ва идеали замон» (1985), «Михаил Шолохов» (1985), «Андеша ва чеҳраҳои адабӣ» (2001), «Абдулҳамид Самад ва инкишофи жанри ҳикоя» (2007), «Гузашти айём ва таҳаввули адабиёт» (2009) ва ғайра дар рушди нақди адабии тоҷик саҳми шоиста доранд. Паҳлуҳои гуногуни осори адабии М. Турсунзода, С. Улуғзода, А. Лоҳутӣ, Ч. Айтматов, Н. Думбадзе, Ҷ. Икромӣ, Ф. Муҳаммадиев, С. Турсун, А. Самад, К. Мирзо, Ф. Ниёзӣ, С. Раҳим ва адибони дигари номвари тоҷик, инчунин масъалаву муаммоҳои раванди адабӣ ва проблемаҳои адабиётшиносии муосир дар таълифоти ӯ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Як силсила ҳикояҳо ва қиссаҳои А. Чехов, Ч. Айтматов, В. Яковенко, Н. Байрамовро аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: Аз соли 1996 то 2002 кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро роҳбарӣ кардааст.

**Беҳбудӣ Надим -** 25-уми марти соли 1929 дар шаҳри Самарқанд таваллуд шудааст. Забоншинос, номзади илмҳои филология, дотсент.

Соли 1949 Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна (САГУ)-ро хатм намудааст. Беҳбудӣ хамткардаи шуъбаи аспирантураи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Сталинобод. Соли 1956 доир ба лаҳҷаи тоҷикони Самарқанд рисолаи номзадӣ ҳимоя кардааст.

Солҳои 1961-1968 дар вазифаи дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ фаъолият кардааст.

Муаллифи мақолаҳои «Краткие свидения о синтаксисе самаркандского говора таджикского языка»// Известия отделения общественных наук. Тадж ССР.– Вып. 3 (36).(1961).

С. 3-20.; «Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда»// Мактаби советӣ.–1959.–№3., «Омӯхтани забони адабӣ дар шароити лаҳҷа»// Мактаби советӣ.– 1962.–№2.



**Бобомуродов Миршакар** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

29-уми декабри соли 1942 дар шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд таваллуд шуда, соли 1961 мактаби миёна, соли 1967 факултети филологияи тоҷики ба номи В.И.Ленин, соли 1970 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тифлис (Гурҷистон)-ро хатм карда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Сохтори фонетикию фонологии калимаҳои якҳиҷогӣ» соли 1975 дифоъ намудааст.

Дар соли 2001 барои хизмати бисёрсола дар соҳаи маориф бо нишони сарисинагии «Аълочии маорифи Тоҷикистон» ва соли 2002 бо медали «Хизмати шоиста» мукофотонида шудааст.

Муаллифи китоби «Таълими баъзе масъалаҳои душвори фонетика ва имлои забони тоҷикӣ» (2005);«Забони тоҷикӣ барои синфи 5» (бо ҳаммуаллифӣ) (2009); «Барномаи забони адабии муосири тоҷик» (бо ҳаммуаллифӣ) (2005); «Луғати мухтасари калимасозии забони адабии тоҷик» (2012); «Нишондоди методӣ ба китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи 5» (бо ҳаммуаллифӣ) (2009); «Ҷамоли мард дар фасоҳати гуфтори ӯст» (2012), "Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ" (бо ҳаммуаллифӣ) (2016) ва зиёда аз 100 мақолаи илмӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ мебошад.



**Бобомуродов Шуҳрат Мавлонович** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

18-уми майи соли 1983 дар шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд таваллуд шуда, соли 2001 мактаби миёна, соли 2006 факултети филологияи тоҷик, соли 2010 шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм карда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Хусусиятҳои морфологии забони ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф» соли 2011 дифоъ намудааст.

Барои хизматҳои бенуқсон дар соҳаи илму маориф бо "Ифтихорнома"-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (2016) ва "Ифтихонома"-и Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон қадрдонӣ шудааст.

Муаллифи китоби «Хусусиятҳои морфологии забони ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф» (2014), «Роҳнамои машғулиятҳои амалӣ аз фанни забони адабии муосири тоҷикӣ (морфология)» (2014), «Барномаи ҳуҷҷатнигории муосир» (бо ҳаммуаллифӣ) (2013), «Барномаи коргузорӣ» (бо ҳаммуаллифӣ) (2013), «Барномаи лингвистикаи ҳуҷҷат» (бо ҳаммуаллифӣ) (2015), китоби "Ҳуҷҷатнигории муосир"(бо ҳаммуаллифӣ) (2017), "Файзи баҳори умр" (мураттиб) (2017) ва зиёда аз 30 мақолаи илмию оммавӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: роҳбари маҳфили "Ҳуҷҷатнигорӣ"-и назди кафедраи забони адабии муосири тоҷикиро ба уҳда дорад; солҳои 2008-2014 котиби илмии кафедраи забони адабии муосири тоҷики факултети филологияи ДМТ; аз соли 2011 то соли 2016 раиси Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавони факултети филологияи ДМТ; аз соли 2016 муовини декан оид ба илми факултети филологияи ДМТ мебошад.



**Бобобеков Алишер Мирбобоевич** - номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи ДМТ.

1-уми сентябри соли 1965 дар шаҳри Панҷакенти вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) таваллуд шуда, соли 1982 мактаби миёна, соли 1990 факултети филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) хатм карда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи "Қатрони Табрезӣ ва мероси адабии ӯ" соли 2012 дифоъ намудааст.

Муаллиф ва мураттиби китобу дастурҳои таълимии "Дастури иншонигорӣ" (2009), "Замимаи китоби дарсӣ барои донишҷӯёни гурӯҳҳои тоҷикии факултетҳои иқтисодӣ" (2009), "Марворида аз уқёнуси беканор" (2010), "Қатрони Табрезӣ"(2014), "Забони тоҷикӣ" (2016) ва зиёда 30 мақолаҳои илмиву оммавӣ мебошад.



**Бобоева Кибриё Абдуҷалиловна** - 28.12.1974, деҳаи Шохтури ноҳияи Ҳисор таваллуд шуда, соли 1998 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраевро хатм намуда, соли 2003 дар кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи ДМТ ҳамчун лаборанти калон кор кардааст. Соли 2004 ба шуъбаи аспирантураи ДМТ дохил шудааст.



**Бобоёрова Лутфия Холиқовна** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик.

10-уми июни соли 1972 дар ноҳияи Варзоб таваллуд шуда, соли 2002 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст.

Рисолаи номзадияшро таҳти унвони "Айнӣ ва адабиёти маорифпарварӣ" соли 2010 ҳимоя намудааст. Аз соли 2011 то

соли 2015 ба ҳайси дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик кор кардааст.

Муаллифи зиёда аз 20 асару мақолаҳои илмӣ - методӣ ва оммавӣ мебошад.



**Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович** – ассистенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

10-уми июли соли 1989 деҳаи Ворухи ноҳияи Исфараи вилояти Суғд таваллуд шуда, соли 2007 гимназия, соли 2012 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро хатм кардааст. Аз соли 2012 дар шуъбаи ғоибонаи аспирантураи ДДОТ ба номи С. Айнӣ таҳсил карда, дар мавзӯи «Нақши Аминҷон Шукӯҳӣ дар адабиёти солҳои 1950-1970» рисолаи номзадӣ таълиф намуда истодааст.

Барои иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятиву илмӣ ва озмунҳо бо чандин ифтихорнома, тақдирнома ва дипломи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ шудааст.

Муаллифи мақолаҳои «Рӯдакӣ аз нигоҳи А. Тоҳирҷонов», «Мавқеи касбу ҳунаромӯзӣ дар ашъори Рӯдакӣ», «Сандуқчаи тилоии ҳарфу ҳиҷо…», «Домани шеър зи дасташ надиҳад Пӯлодӣ…», «Мавзӯъ ва мундариҷаи силсилаи шеърҳои «Муҳаббат ва оила» - и А. Шукӯҳӣ, «Нигоҳе ба забон ва услуби бадеии Аминҷон Шукӯҳӣ», «Шукӯҳӣ ва мусиқӣ».



**Боголюбов Михаил Николаевич** (24.01.1918 дар шаҳри Петроград таваллуд шудааст), забоншиноси рус, эроншинос, академики АИ ФР (1966).

Донишгоҳи Ленинградро (1941) хатм кардааст. Аз соли 1959 профессори Донишгоҳи мазкур мебошад. Асарҳои асосиаш ба омӯзиши забонҳои хоразмӣ («Хонишҳои шахсӣ аз забони хоразмӣ», 1962), суғдӣ («Дастхатҳои суғдӣ аз

кӯҳи Муғ. Хусусиятҳои забонӣ», 1963) ва яғнобӣ («Забони яғнобӣ», 1966) оиданд.

Ӯ дар осори худ барои таъини хусусиятҳои калимоти забонҳои эронӣ аз маводи забонҳои вахонӣ ва ишкошимӣ ба таври фаровон истифода кардааст. Дар як мақолаи илмии ӯ вежагиҳои феъли ёвари «тэй:ту» дар забони вахонӣ баррасӣ гардидааст. Соли 1941 Донишгоҳи давлатии Ленинград ба номи А.А.Ждановро хатм кардааст (ҳамсабақи профессор Д.Тоҷиев). Муҳаққиқи намоёни забонҳои хоразмӣ ва суғдӣ. Солҳои зиёд декани факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Ленинград буд. Ба Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин солҳои 60-80 муносибати зичи илмиву таълимӣ дошт. Баъзе солҳо ба донишҷӯёни солҳои 60-70 асри XX факултет курсҳои махсус хондааст. Мушовири илмии устодони кафедра Додхудоев Р.Х., Ҷӯраев Р., Каримов А., Хаскашев Т. дар шаҳри Ленинград буд.



**Бухоризода Абдураҳмон Латипович** (Соли 1910 дар шаҳри Самарқанд таваллуд шуда, 24-уми октябри соли 1987 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст) забоншинос, номзади илми филология, дотсент.

Соли 1950 факултети забон ва адабиёти Институти педагогии шаҳри Сталинободро хатм мекунад.

Бухоризода А.Л. ба кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин ба кор омада, ба сифати муаллими калон, дотсент фаъолият кардааст.

Дотсент Бухоризода А.Л. доир ба бандакҷонишинҳо рисолаи номзадӣ навишта, дар саҳифаҳои маҷаллаву рӯзномаҳо чанд мақола доир ба ин мавзӯъ ва инчунин масъалаҳои имло ва этимологияи калимаҳо ба табъ мерасонад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: ҷонишини вазири маориф; мудири шуъбаи луғатшиносӣ; аз апрели соли 1955 то апрели соли 1958 декани факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон буд.

**Бурҳонов Муслӣ Бадридинович** – (соли 1919 дар шаҳри Бухоро таваллуд шудааст)

Солҳои 1939-1940 дар Институти муаллимтаёркунии Сталинобод (Душанбеи имрӯза ) механад ва соли 1949 Институти педагогиро хатм мекунад.

Сентябри соли 1954 ба сифати муаллими забони тоҷикӣ дар гурӯҳҳои русӣ ба кафедраи забони тоҷикӣ ба кор қабул карда мешавад ва то соли 1957 дар Донишгоҳ кор кардааст.



**Ваолизода Ҳокимхон Сафолиён** – забоншинос номзади илмҳои филология.

11-уми феврали соли 1964 дар ноҳияи Фархор таваллуд шуда, соли 1981 мактаби миёна, соли 1985 факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи Давлатии Кӯлобро хатм кардааст.

Соли 2007 дар мавзӯи «Аъзоҳои истисноии ҷумла дар забони адабии муосири тоҷикӣ» рисолаи номзадӣ дифоъ кардааст.

Солҳои 1997-2003 ба сифати коромӯз, аспирант, муаллими калони кафедраи забони муосири тоҷики Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) фаъолият кардааст.

Ба унвони Аълочии маорифи Тоҷикистон (соли 2004) ва Аълочии фарҳанги Тоҷикистон (соли 2010) сарфароз гардонида шудааст.

Муаллифи 1 монография ва зиёда аз 20 мақолаҳои илмӣ мебошад. Аз ҷумла, монография бо номи «Аъзоҳои истисноии ҷумла дар забони адабии муосири тоҷикӣ» ва мақолаҳо бо унвонии «Афкори забоншиносии тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва нимаи аввали асри XX», «Хусусияти тавзеҳии аъзоҳои истисноии ҷумла дар забони адабии тоҷикӣ», «Маъно ва муносибати синтаксисии аъзоҳои истисноии ҷумла бо аъзоҳои асосӣ дар забони тоҷикӣ», «Баъзе мулоҳиза оид ба истифодаи аъзои истисноӣ дар повести «Одина»-и устод Айнӣ».

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 2003-2007 муовини сардори идораи таҳсилоти миёна ва олии касбии Вазорати маорифи Тоҷикистон; солҳои 2007-2010 сармутахассиси раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Вазорати маорифи

Ҷумҳурии Тоҷикистон; солҳои 2010-2011 сардори раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон; солҳои 2011-2015 сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон; солҳои 2015-2017 сардори Раёсати маорифи вилояти Хатлон . Аз 17.03.2017 то ҳол Сардори Раёсати тасҳилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.



**Ваххобзода Рустам** - номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

5 –уми майи соли 1960 дар ноҳияи Тоҷикобод таваллуд шуда, соли 1983 факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм кардааст. Соли 2008 дар мавзӯи «Таҳаввули поэтикаи вазн ва ритми шеъри муосири тоҷик» рисолаи номзадӣ дифоъ кардааст.

Барои маҷмӯаи «Шаҳри Хуршед» Барандаи Ҷоизаи ба номи Мирзо Турсунзода гардидааст.

Муаллифи китобҳои – «Калимаҳо» ( 1990) ва «Шаҳри Хуршед» (2008) ва «Салом» (2015), Мунтахаби аҳодиси Паёмбари акрам (с)-ро таҳия ва ба забони русӣ тарҷума кардааст. Тазкираи шеъри муосири Тоҷикистон «Бӯи ҷӯи Мӯлиён» (2014) ва таҳияи китоби М. Ёҳақӣ «Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ» (бо тавзеҳот ва таъликот) (2014), дастури таълимии «Дуруст бинависем» (2016) ва рисолаи «Мирзо Турсунзода» (2016) мебошад. Соли 2012 маҷмӯаи мақолаҳояш «Адабиёт ва фарҳанги миллӣ» ба табъ расидааст.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: роҳбари маҳфили адабии “Адибони ҷавон”-и факултети филологияи ДМТ; сардабири Нашрияи миллии адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон «Садои Шарқ»; аз соли 2008 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.



**Воҳидов Султон** – (10.01.1937, дар ноҳияи Ашт таваллуд шуда, 29.11.1992, дар шаҳри Душанбе вафот кардааст). Адабиётшинос, доктори илми филология (1989), профессор (1990).

Соли 1961 факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Хуҷанд ба номи акдемик Б. Ғафуровро соли хатм намуда, дар мавзӯи "Равобити адабии халқҳои тоҷику ӯзбек дар асри ХУ" (дар мисоли равобити адабии Ҷомӣ ва Навоӣ) рисолаи номзадӣ ва дар мавзӯи «Лубоб-ул-албоб» - и Муҳаммад Авфӣ ва инкишофи жанри тазкира дар адабиёти форсу тоҷик» соли 1989 рисолаи докторӣ ҳимоя намуд. Аз соли 1965 то поёни умраш: муаллими калон, дотсент, профессори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон буд.

Профессор Воҳидов С. бо нишони «Аълочии маорифи халқи ҶТ» ва чандин «Ифтихорнома»-ҳои сатҳҳои гуногун мукофотонида шудааст.

Теъдоди асару мақолаҳои тайи солҳои гуногуни фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ таълифнамудаи профессор Воҳидов Султон беш аз 200 адад буда, ба проблемаҳои гуногуни таърихи адабиёти асримиёнагии форс-тоҷик, назария ва накди он, махсусан, ба даврони марҳалаи классикии рушд бахшида шудаанд.

Воҳидов С. дар нашри «Энсиклопедияи советии тоҷик» (ЭСТ муштамил бар ҳашт муҷаллад) ва «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» (ЭАСТ, шомили се ҷилд), (солҳои 1979-1989) басо фаъолона ҳисса гузоштааст. Дар маҷмӯъ ба қомусҳои фавқуззикр бештар аз 50 мақола ба табъ расонидааст. «Равобити адабии халқҳои тоҷику ӯзбек дар қарни ХУ» (1974). «Ҳаёт ва фаъолияти адабии Муҳаммад Авфӣ» (1989).

**(Солеҳов М.)**



**Гулов Сангин Нурович** – номзади илмҳои филология, дотсент.

12-уми июли соли 1965 дар ноҳия Мастчоҳ таваллуд шуд, соли 1983 ба факултети филологияи тоҷик (гурӯҳи журналистика)-и Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда,

онро соли 1991 хатм кардааст. Соли 1995 ба шуъбаи ғоибонаи аспирантура дохил шуда, соли 1997 дар мавзӯи «Бадеият дар очерки муосири тоҷик» пеш аз муҳлат рисолаи номзадӣ дифоъ кард.

Барои фаъолияти пурсамараш дар соҳаи маориф ва журналистика бо нишонҳои Аълочии матбуот (соли 2002), Аълочии фарҳанг (соли 2007) ва Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2014) қадрдонӣ шудааст.

Фаъолияти меҳнатиро соли 1990 дар матбуот оғоз намуда, сипас соли 1991 бо даъвати кафедраи назария ва таърихи журналистикаи тоҷики факултети филологияи тоҷик (ҳоло кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистика) ба Донишгоҳ чун ассистент ба кор омад.

Гулов С. муҳаққиқи назария ва амалияи журналистика буда, ба қаламаш беш аз 80 мақолаи илмӣ тааллуқ дорад. Муаллифи китобҳои «*Амвоҷи сухан*» (маҷмӯи мақолаҳои илмӣ, 2005. - 96 с.), «*Махсусияти очерки муосири тоҷик*» (монография, 2012. - 136 с.), ҳаммуаллифи дастурҳои таълимии «*Жанрҳои журналистикаи радио*» (дар 2 қисм, 1997, 2005), «*Риояи меъёрҳои ахлоқӣ дар телевизион*» (2012. -176 с.), «*Таҳқиқоти журналистӣ*» (2001. – 24 с.), «*Муқаддимаи журналистика*» (2016. – 176 с.), «*Равзанаи нигоҳ*» (маҷмӯи мақолаҳои публисистӣ, 2015. – 108 с.), мураттиби китобҳои «*Интихобот ва ВАО*» (2000. – 124 с.), «*Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон*» (2008. – 232 с.), «*Мактаби маҳорат*» (бо забони русӣ, 2009. - 132 с.), «*Журналистика ва ҳуқуқи кӯдак*» (2015. – 192 с.), роҳнамо барои омӯзгорон «*Журналистика ва ҳуқуқи кӯдак*» (2015. – 62 с.), 9 барномаи таълимии фаннӣ ва Стандартҳои ихтисосҳои журналистӣ мебошад. Гулов С. бо ВАО-и ҷумҳурӣ ҳамкорӣ дошта, садҳо тақризу мақола ва очерку мусоҳиба ба нашр расондааст. Дар баробари омӯзгорӣ солҳои 1997 – 2015 дар нашрияҳои «Ҷавонони Тоҷикистон», «Ҳафтганҷ», Радиои тоҷик, маҷаллаи «Элита», Маркази тадқиқоти журналистӣ, Шурои ВАО фаъолияти журналистӣ кардааст.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1992-1996 раиси иттифоқи касаба; солҳои 1996-2005 муовини декан оид ба таълим, илм ва тарбия; солҳои 2007-2008 декани факултети журналистика, солҳои 2009-2010, 2012 -2014 муҳаррири нашрияи «Ба қуллаҳои дониш», солҳои 2011 – 2016 мудири

кафедраи журналистикаи байналхалқӣ буд. Узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон (аз соли 1994), раиси созмони ибтидоии ИЖТ дар ДМТ (аз соли 1999). Аз соли 2016 то ҳол мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи ДМТ.

Бо роҳбарии Гулов С. 2 нафар аспирант рисолаи номзадӣ дифоъ кардаанд.



**Гулназарова Жило Бӯриевна** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

19-уми сентябри соли 1972 дар деҳаи Боғи Ҳабиби ноҳияи Муъминободи вилояти Кӯлоб (ҳоло вилояти Хатлон) таваллуд шуда, соли 1989 мактаби миёнаро бо медали нуқра, соли 1994 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм карда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Таснифоти маъноии феъл дар «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ» соли 2009 дифоъ намудааст.

Барои саҳмгузор будан дар соҳаи маориф ва таълиму тарбияи насли наврас соли 2010 бо ифтихорномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, соли 2012 бо ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 2015 бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» сазовор дониста шудааст.

Муаллифи китобҳои «Таснифоти маъноии феъл дар «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ» (2011), «Луғати феълҳои «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ» (2014), китоби дарсии «Забони давлатӣ барои синфи 5”, зиёда аз 30 мақолаи илмӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 2006-2009 котиби илмии кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи ДМТ; солҳои 2008-2011 раиси Шӯрои бонувону духтарони факултети филологияи ДМТ; аз соли 2012 то ҳол мудири кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.



**Ғаффоров Шоҳрух Ҳабибуллоевич** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи ДМТ.

31-уми январи соли 1976 дар деҳаи Иттифоқи ноҳияи Фархор таваллуд шуда, соли 2005 шуъбаи рӯзонаи факултети филологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм намуда, соли 2005 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм намуда, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи "Азрақии Ҳиравӣ ва хусусиятҳои бадеӣ - эстетикии қасоиди ӯ" соли 2012 дифоъ кардааст.

Вобаста ба тадқиқоти илмӣ як монография таҳти унвони «Қасидасарои нававар (Азрақии Ҳиравӣ)» ба чоп расонида, муаллифи зиёда аз 20 мақолаи илмӣ ва илмӣ – оммавӣ мебошад. Инчунин китоби дарсии "Забони тоҷикӣ" (барои ихтисосҳои таъриху фалсафа) - ро бо ҳаммуаллифӣ навиштааст.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 2005-2007 муовини декани факултети филологияи ДМТ оид ба тарбия; аз соли 2009 то моҳи сентябри соли 2011 ёвар ва мушовири муовини аввали ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба таълим; солҳои 2011 - 2013 мудири шуъбаи тайёрии ДМТ; аз соли 2013 то ҳол директори литсейи риёзӣ -табиии ДМТ.



**Ғанизода Савринисо** – забоншинос, номзади илмҳои филология, дотсент.

11-уми марти соли 1957 дар шаҳри Ленинобод таваллуд шуда, соли 1979 факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло ДМТ) бо дипломи аъло, соли 1982 шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро хатм кардааст.

Солҳои 1989 – 1992 дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло ДМТ) дар вазифаи ассистент фаъолият кардааст.

Барои фаъолияти пурсамар дар соҳаи маориф бо Ифтихорномаҳои донишгоҳ ва Кумитаи иттифоқи касабаи вилоят сарфароз гардидааст.

Муаллифи ду рисола ва зиёда аз 40 пажӯҳиши илмӣ, мақолаҳои илмӣ-оммавӣ ва публитсистӣ бахшида ба масоили мубрами калимасозии забони тоҷикӣ аст. Ономасиологический подход к сложному словообразованию тадж. лит. яз. – (1996); Таркиби ономасиологии калимаҳои мураккаби забони тоҷикӣ (2016); “Сохтори ономасиологии калимаҳои мураккаби забони тоҷикӣ”; “Оид ба муносибати калимаҳои мураккаб бо воҳидҳои наҳвӣ”; “Оид ба мавқеи эллипсис дар ҷараёни ташаккули универб” “Сермаъноии калимаҳои мураккаб ва таносуби онҳо бо воҳиди махраҷӣ”; “Вусъати маънои луғавии ҷузъҳои калимаҳои мураккаб”.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1977-1979 вакили мардумии ноҳияи Роҳи оҳан (ҳозира ноияи Шоҳмансур)-и шаҳри Душанбе; солҳои 1996-1997 котиби масъули Комиссия оид ба татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати ш. Хуҷанд; солҳои 1996- 2001 узви Шӯрои махсусгардонидашудаи ҳимояи рисолаҳои номзадӣ дар назди ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров; соли 2001 котиби илмии Шӯрои яккаратаи диссертатсионӣ оид ба ҳимояи рисолаҳои номзадии назди ДДХ; солҳои 2002-2007 котиби илмии сексияи забоншиносии назди Шӯрои диссертатсионӣ оид ба дифои рисолаҳои номзадии бахши филологияи тоҷики ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров.



**Давлатов Маҳмуд –** (соли 1933 дар ноҳияи Ховалинг таваллуд шуда, соли 1992 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), адабиётшинос, номзади илми филология, дотсент.

Соли 1959 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро, соли 1963 шуъбаи аспирантураро хатм намуда, соли 1972 рисолаи номзадиашро дифоъ кардааст.

М. Давлатов дорандаи нишонҳои сарисинагии «Аълочии маорифи Иттиҳоди Шӯравӣ», «Барои муваффақиятҳо дар соҳаи маълумоти олии Иттиҳоди Шӯравӣ» буда, бо медалҳои Барои мехнати шоён дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 30-солагии

ғалаба бар фашизми Германия ва Собиқадори меҳнат мукофотонида шудааст.

Муаллифи китобҳои «Ғазал ва анъанаи он дар эҷодиёти А.Лоҳутӣ» (1973), «Сарояндаи инқилоб» (1985) ва мақолаҳои «Ғазалҳои иҷтимоӣ-сиёсӣи Лоҳутӣ», “Садоқати инқилоб», «Ғазали сидқу сафо», «Назми ибратбахш», «Дастагули дӯстӣ ва бародарӣ». Давлатов М. бо эҷоди рисолаву мақолаҳои «Сарояндаи ҷанги муқаддас», «Офтоброро дӯст медорам» ва суханрониҳояш дар конфронсу ҷамъомадҳои илмӣ мақоми мухаммас, мусаддас, мустазод барин навъҳои анъанавии шеърро дар адабиёти давраи нави тоҷик таъкид кардааст.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: Солҳои 1977-1988 декани факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон.



**Давронов Абдувалӣ** – (09-уми майи соли 1957 дар нохияи Исфара таваллуд шуда, 05.01.2013 дар нохияи Исфара ба хок супурда шудааст), доктори илми филология, профессор

Давронов А. хатмкардаи факултаи таъриху филологияи Институти давлатии педагогии ш. Ленинобод (1978, ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд) ва аспирантураи Институти адабиёти ба номи Манук Абегяни Академияи илмҳои Арманистон (1984) мебошад. Соли 1991 рисолаи номзадиро дар мавзӯи “Марҳилаҳои асосии равобити адабии халқҳои тоҷику арман дар асрҳои миёна” ва соли 2009 рисолаи докториро дар мавзӯи “Пайвандҳои адабии халқҳои тоҷику арман дар аҳди нав (асри XX)” дифоъ кардааст.

Бо нишони сарисинагии «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1997) мукофотонида шудааст.

Фаъолияти меҳнатии Давронов А. асосан, бо ду роҳ ҷараён ёфтааст. Яке таълиму тарбия дар мактабҳои олии Тоҷикистон, дигар таҳқиқу таълифи дастур ва китобҳои илмӣ-методӣ барои мактабҳои олӣ. Ба қалами ӯ зиёда аз 300 рисолаю монографияву мақолаҳои илмӣ-методӣ тааллуқ дорад. Давронов аз ибтидои фаъолияти илмии худ ба масъалаҳои

пайванди адабии халқҳои тоҷику арман, тоҷику рус ва авар таваҷҷуҳ намуда, як силсила тадқиқот анҷом додааст.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: Давронов А. солҳои 1984-1996 аввал ба ҳайси муаллими калон, баъд дотсенти Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон фаъолият кардааст. Аз соли 1996 то 2014 мудири кафедраи забони Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон; Солҳои 1993-2003 котиби Шӯрои танқид ва адабиётшиносӣ.



**Додихудоев Раҳим Халилович** – (15.06.1928 дар ноҳияи Шуғнон таваллуд шуда, соли 1994 дар шаҳри Москва вафот кардааст), забоншинос, доктори илми филология, профессор.

Соли 1958 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро хатм кардааст. Аз соли 1958 то соли 1980 ассистент, муаллими калон ва дотсенти кафедраи забони тоҷикии ДДТ.

Дорандаи нишонҳои сарисинагии «Аълочии маорифи халқи СССР» (1973), «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон» буда, бо медалу Ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

Муаллифи бештар аз 60 асари илмист. Асарҳои ӯ асосан ба масъалаҳои инкишофи таърихии фонетикаи забонҳои помирӣ, таърихи ташаккул ва таҳаввули воҳидҳои грамматикии забонҳои эронӣ, масъалаҳои ономастика, топонимика, ваҷҳи тасмияи калимаҳо (этимология) ва ғ. бахшида шудаанд. Додихудоев як қатор масъалаҳои забоншиносии умумиро тадқиқ намуда, аз маводи забонҳои гуногуни эронӣ, хусусан, забонҳои бехат, истифода бурдааст. Барои мактабҳои олӣ «Луғати хетерограммаҳои паҳлавӣ» (1969) ва «Дастури мухтасари таърихи забони тоҷикӣ» (1978) - ро мураттаб сохтааст.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: сандин сол декани факултети филологияи руси УДТ, солҳои 1980-1984 ректори Институти педагогии забон ва адабиёти руси РСС Тоҷикистон (ҳоло Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон).



**Дурманова Саврия Раҳматуллоевна** – лаборанти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

26-уми октябри соли 1973 дар ноҳияи Ҳисор, дар оилаи коргар таваллуд шуда, соли 1992 мактаби миёна, соли 2010 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм кардааст.

Аз соли 2013 унвонҷӯи кафедраи таърихи адабиёт тоҷики ДМТ. Дурманова С. дар мавзӯи «Хираднномаи Искандарӣ»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва хусусиятҳои бадеию ғоявии он» кори таҳқиқӣ бурда истодааст. Оид ба мавзӯи кори илмиаш мақолаҳои зеринро ба табъ расонидааст: «Муқоисаи сохтории маснавии «Хираднномаи Искандарӣ»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ»; «Баррасии муқаддимаи «Хираднномаи Искандарӣ»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ»; «Тасвири шаҳри ормонӣ дар достонҳои «Искандарнома»-и Низомӣ ва «Хираднномаи Искандарӣ»-и»; «Анъана ва наворӣ дар «Хираднномаи Искандарӣ»-и Ҷомӣ».



**Дӯстов Ҳамрохон Ҷумъаевич** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон.

13-уми сентябри соли 1981 дар ноҳияи Шӯрообод (ҳозира Шамсиддин Шоҳин)-и вилояти Хатлон таваллуд шуда, соли 2005 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси «забон ва адабиёти тоҷик» хатм кардааст. Ӯ соли 2007 ба шуъбаи рӯзонаи аспирантура дохил шуда, соли 2010 рисолаи номзадии худро бо номи «Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷик» дифоъ намудааст.

Барои меҳнати пурсамараш дар таълиму тарбияи насли наврас ва тарғиби барномаҳои ҲХДТ бо Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ифтихорномаву Сипосномаҳои КИ ҲХДТ дар ноҳияи Шоҳмансур қадрдонӣ шудааст.

Китоби «Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷик» ва дастури таълимии «Роҳнамо аз фанни луғатшиносии забони адабии муосири тоҷикӣ» ба қалами Ҳ. Дӯстов тааллуқ дошта, муаллифи зиёда аз 30 номгӯи мақолаҳои илмӣ илмию методӣ ва илмию омавӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 2011 то 2013 ёвари муовини ректор оид ба таълим; аз соли 2013 то 14.01.2015 дар вазифаи мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони ДМТ; аз соли 2015 то 09.07.2016 ба ҳайси директори Маркази фарҳангӣ-таълимии Конфутсий фаъолият карда; аз 09.07.2016 то ҳол вазифаи мудирии кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи ҳамин донишгоҳро ба зимма дорад. Аз соли 2014 то ҳол муовини раиси Кумитаи иҷроияи ибтидоии «Дониш»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.



**Ёрова Зебуниссо Назаровна** – ассистенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

10-уми ноябри соли 1964 дар ноҳияи Рӯдакӣ таваллуд шуда, соли 1981 мактаби миёна, соли 1986 шуъбаи рӯзонаи факултети филологияи тоҷики ДМТ, соли 1993 шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм карда, дар мавзӯи «Мавқеи Ҷумъа Одина дар насри муосири тоҷик» таҳқиқот бурда истодааст.

Мураттиби барномаи «Таърихи адабиёти тоҷик» (2013) ва муаллифи зиёда аз 35 мақолаи илмӣ- омавӣ мебошад.

Соли 2016 барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» сазовор дониста шудааст.



**Зайнидинов Муртазо (Мухтадо)** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

30- юми декабри соли 1958 дар деҳаи Ворухи ноҳияи Исфараи вилояти Суғд таваллуд шуда, соли 1976 мактаби миёна, соли 1981 факултети филологияи тоҷики ДМТ, соли 1987 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленинро хатм карда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Робитаҳои адабии халқҳои тоҷику тотор дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX» дифоъ намудааст.

Соли 2009 барои хизматҳои бенуқсон дар соҳаи маориф бо нишони «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон»; соли 1998 «Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон»; соли 2010 «Аълочии фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; соли 2009 сазовори мукофоти давлатии «Ордени дӯстӣ» гардидааст.

Муаллифи китобу дастурҳои «Машъалафрӯз» (1995), «Раҳнамои накӯиҳо» (1998), «Фонуси ёдҳо» (1998), «Қайюм Носирӣ. Абӯалӣ Сино» (2008), «Адабиёти ҷаҳон» (2001), «Тафсири Ҳусайнӣ. Сураи Юсуф» (2004), (бо ҳаммуалифӣ) «Таърихи адабиёти хориҷӣ» (2005), «Ёде аз бузургон» (2010), «Таърихи адабиёти хориҷӣ» (2015), «Пайванди халқҳо ва тамаддунҳо» (2016). Барномаи таълимии адабиёти иттиҳод (2005), Барномаи таълимии адабиёти хориҷӣ (2005), китоби дарсии «Адабиёти ҷаҳон барои синфҳои 10-11» (2001).

Муалифи зиёда аз 300 мақолаҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ, таълимӣ-методӣ ва китобу дастурҳо мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1993-1996 муовини декани факултети журналистика ва тарҷумонии ДМТ оид ба корҳои таълим ва тарбия; солҳои 1999 - 2001 мудири шуъбаи таълими Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон; солҳои 2001 - 2002 муовини Сардори қисми таълими ДДМТ. Соли 2002 тариқи гузариш фаъолияти меҳнатиашро дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати сармутахассис

идома додааст. Соли 2005 тариқи гузариш ба ДДМТ баргашта то соли 2008 ба сифати сардори Идораи таълимию методӣ фаъолият намудааст. Солҳои 2008 - 2011 декани факултети журналистикаи ДМТ; аз соли 2013 то ҳол мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи ДМТ. Узви Иттиҳоди тарҷумонҳо ва ноширони Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва Балтия; аъзои Иттифоқи журналистони Тоҷикистон (2009), аъзои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (2015).



**Зоғакова Гурдофарид Исроиловна** – номзади илмҳои филология, котиби илмии Шӯрои олимони ДМТ ва дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи ДМТ.

7-уми ноябри соли 1979 дар ноҳияи Шаҳритуси вилояти Қӯрғонтеппа (дар айни ҳол вилояти Хатлон) таваллуд шуда, соли 1998 мактаби миёна, соли 2007 шуъбаи рӯзонаи факултети филология тоҷики ДМТ, соли 2011 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм карда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Идиомаҳо дар забони адабии муосири тоҷик (дар асоси маводи осори бадеии С. Айнӣ)» соли 2011 дифоъ намудааст.

Дар соли 2016 бо «Ифтихорнома»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон сарфароз гардонида щудааст.

Муаллифи мақолаҳои илмии «Синонимҳои идиоматикӣ дар насри Садриддин Айнӣ» (2009), «Нишонаҳои муҳимтарини воҳидҳои фразеологӣ» (2010), «Роҷеъ ба масъалаи нишонаҳои муҳимтарини идиоматикии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ» (2010), «Мавқеи гурӯҳҳои маъноии ифодаҳои идиоматикӣ дар насри бадеии С. Айнӣ» (2011), «Мавқеи санъатҳои бадеӣ дар қолаби идиомаҳои осори бадеии С. Айнӣ» (2011), «Унсурҳои маъноии ифодаҳои идиоматикӣ дар насри бадеии Садриддин Айнӣ» (2012) ва «Ифоданокии воҳидҳои идиоматикӣ дар насри бадеии С. Айнӣ» (2014) мебошад.



**Зайдуллои Хайрулло** – 10-уми сентябри соли 1990 дар деҳаи Дубедаи ноҳияи Файзобод таваллуд шуда, соли 2008 мактаби миёна, соли 2012 факултети умури бонкиии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро хатм кардааст.

Зайдуллои Хайрулло солҳои 2012-2016 дар вазифаи оператори маркази иттиолотии таҳлилӣ (МИТ) дар факултети филологияи Донишгоҳи милллии Тоҷикистон фаъолият кардааст.

Аз соли 2016 то ҳол дар вазифаи муҳандис – барномасози сектори омори маркази иттилоотии таҳлиии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият карда истодааст.



**Зоирова Рисолат Сайдуллоевна –** лаборанти «Махзани адаб»-и профессор Худойназар Асозода дар факултети филология Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

14-уми феврали соли 1986 дар ноҳияи Файзобод таваллуд шуда, соли 2008 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намуда, аз соли 2015 унвонҷӯи кафедраи назария ва адабиёти навини форси тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Зоирова Р. дар мавзӯи «Таҳаввули жанри роман дар осори Кароматуллоҳи Мирзо (дар мисоли романи «Марги бегуноҳ»)» таҳқиқот бурда истода, муаллифи 6 мақолаи илмӣ ва илмию оммавӣ мебошад.



**Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ** - доктори илмҳои филология, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

28-уми апрели 1959 дар ноҳияи Темурмалик таваллуд шуда, соли 1976 мактаби миёна, соли 1981 факултети филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон), соли 1991 аспирантураи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро хатм карда, соли 1991 рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Ҳунари портретофарӣ дар насри Садриддин Айнӣ» ва соли 2002 рисолаи докториашро дар мавзӯи «Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии Садриддин Айнӣ» дифоъ намудааст.

Дар соли 1999 бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷистон», соли 2011 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ордени «Дӯстӣ», Грамотаи Сарони давлатҳои ИДМ, Грамотаи Кумитаи иҷроияи Котиботи ИДМ, нишони «Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2016) ва як қатор ифтихорномаву мукофотҳои ватаниву хориҷӣ қадрдонӣ шудааст.

Имомзода Муҳаммадюсуф аз соли 2011 инҷониб Корманди фахрии таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия, аз соли 2013 доктори фахрии Донишгоҳи педагогии Синзяни Ҷумҳурии Мардумии Чин, аз соли 2013 доктори фахрии Донишгоҳи давлатии забоншиносии Москва ва аз соли 2018 Доктори фахрии Донишгоҳи славянии Қирғизистону Русия ба номи Б.Н. Елсин мебошад.

Муаллифи китобҳои «Маънавият ва нақши зоҳир» (2000), «Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии Садриддин Айнӣ» (2001), «Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ» (2007), «Хирмани андеша» (2010) ва зиёда аз 200 мақолаи илмӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1991– 1999 муовини декани факултети филологияи ДДМТ оид ба таълим; солҳои 1999-2004 декани факултети филологияи ДДМТ; солҳои 2004 – 2012 ректори Донишгоҳи Славянии Россияву Тоҷикистон фаъолият намуда, аз соли 2012 то ҳол ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аст. Солҳои 2009–2012 Раиси Шӯрои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ дар назди Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон; аз соли 2013 то ҳол Раиси Шӯрои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Аз соли 2017 раиси Шӯрои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D020500 – филология, 6D021000 – филологияи хориҷӣ, 6D050400– рӯзноманигорӣ дар заминаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.



**Имронов Саъдоншоҳ** (01.09.1930 дар ноҳияи Рошткалъаи ВМКБ таваллуд шуда, 18.01.2006 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), номзади илмҳои филология, дотсент.

Имронов Саъдоншоҳ пас аз хатми мактаби ҳафтсола солҳои 1946-1950, дар Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Хоруғ таҳсил намудааст. Соли 1950 ба факултети таъриху филологияи Унверситети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло ДМТ) дохил шуда, соли 1955 онро аз рӯйи ихтисос забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Соли 1961 шуъбаи аспирантураро хатм намуда, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи "Ибни Ямини Фарюмадӣ ва атрибутсияи асарҳои ба ӯ нисбатдодашуда" соли 1967 дифоъ кардааст.

Бо унвони фахрии "Ходими хизматнишондодаи маорифи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон" (1991) сарфароз шудааст.

Ба қалами Саъдоншоҳ Имронов зиёда аз 300 китобу мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-методӣ ва илмӣ-оммавӣ тааллуқ дорад. Китобҳои "Ибни Ямини Фарюмадӣ (Ҳаёт ва мероси адабӣ)" (1966), "Шарифҷон Ҳусейнзода. Библиография" (1974), "Розҳои нуҳуфта" (2000), "Ёдномаи устод Рӯдакӣ" (2001), "Профессор Урватулло Тоиров" (2002) ва мақолаҳои "Ибни Ямини Фарюмадӣ ва Ибни Ямини Шибурғонӣ" (1964), "Доир ба масъалаи пайдоиши мустазод дар адабиёти форсу тоҷик" (1970), "Ду байти тозаи Рӯдакӣ" (1972), Аҳамияти таърихии муқаттаоти Ибни Ямин (1974), "Доир ба хусусияти жанрии ду шеъри Шамсиддини Шоҳин" (1980), "Сиҳоҳ-ул-фурс"– сарчашмаи адабӣ" (1980), "Назаре ба мусаммати мухаммас" (1983), "Сарчашмаи як байти маснавии мансуб ба Рӯдакӣ" (2000), "Асрори қатли Бадриддин Ҳилолӣ" (2000), "Як ҳуҷҷати тоза оид ба микдори шеъри Рӯдакӣ" (2001), "Аз таърихи интисоби ашъори Қатрони Табрезӣ ба устод Рӯдакӣ" (2001), "Доир ба як нусхаи як ғазали Ибни Сино дар "Бадоеъ-ул-вақоеъ" (2001) ба масъалаҳои муҳимми назария ва таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, омӯзиши шахсиятҳои илмиву адабӣ бахшида шуда, аҳамияти баланди илмӣ доранд. Қайд кардан бамаврид аст, ки устод С. Имронов баъд аз устод С. Айнӣ, академик А. Мирзоев, профессорон Ш. Ҳусейнзода, Х.

Мирзозода ва А. Афсаҳзод яке аз муҳаққиқони барҷастаи тоҷик аст, ки дар бораи шахсият ва осори устод Рӯдакӣ мақолоти зиёде нашр намудааст. Дар соли 2001 ин мақолаҳо дар маҷмӯаи "Ёдномаи устод Рӯдакӣ" гирдоварӣ ва нашр шуд. Ба монанди "Сипандӣ ва қасидаи ӯ дар тазмини шеъри "Бӯи ҷӯи Мӯлиён"-и Рӯдакӣ", "Як ҳуҷҷати тоза оид ба миқдори ашъори Рӯдакӣ", "Фарҳанги "Сиҳоҳ-ул-фурс" ва арзиши он дар омӯзиши осори Рӯдакӣ ва муосирони ӯ", "Ашъори тозаи Рӯдакӣ дар тазкираи "Хайр-ул-баён", "Таҷдиди назар ба масъалаи миқдори шеъри Рӯдакӣ", ки бозёфти тоза дар рӯдакишиносӣ мебошанд. Бояд қайд кард, ки устод С. Имронов яке аз бунёдгузорон ва сухангӯёни фаъоли маҳфили солонаи "Ёдбуди устод Рӯдакӣ" дар факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон буд.

Устод Саъдоншоҳ Имронов дар таълифу нашри мақолаҳои энсиклопедӣ низ саҳми бориз дорад ва дар "Энсиклопедияи советии тоҷик" ва "Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик" беш аз 100 мақолаи ӯ чоп шудааст.

Як соҳаи фаъолияти илмии устод Имронов таҳия ва нашри осори адибони форсизабони асримиёнагӣ буд. Соли 1991 бо ҳамкории С. Воҳидов мунтахаби "Макорим-ул-ахлоқ"-и Хондамирро ба чоп расонидааст. Дар соли 2003 бо ҳамкории профессор Б. Мақсудов китоби "Таърихи адабиёти Эрон"-ро таҳия ва чоп намудааст, ки то имрӯз ҳамчун китоби дарсӣ истифода мешавад. Солҳои зиёде ба ҷамъоварӣ ва таҳияи девони Камолуддини Биноӣ машғул шуда, девони ӯро дар ҳаҷми 980 саҳифа ба чоп омода намуд, вале имконияти чопи он ба муҳаққиқ муяссар нашуд. Соли 2012 бо кӯшиши профессор Худоӣ Шарифов ва дотсент Муҳриддин Низомов девони Камолуддини Баноӣ дар таҳия ва муқаддимаи Саъдоншоҳ Имронов бо кӯмаки Сафорати Ҷумҳурии исломии Эрон ба чоп расид. Инчунин, С. Имронов асарҳои мунтахаби Ибни Ямини Фарюмадӣ (дар ҳаҷми 1500 саҳифа) ва девони ашъори Мулло Огаҳ Ибни Ямини Шибурғониро (дар ҳаҷми 500 саҳифа) таҳия ва омодаи чоп намудааст, ки, мутаассифона, ҳанӯз рӯйи чопро надидаанд.

Бо роҳбарии ӯ И. Икромов дар мавзӯи "Ҳаёт ва эҷодиёти Абулфараҷи Рунӣ" рисолаи номзадӣ дифоъ кардааст.

**(М. Низомов)**



**Исматуллозода Ширин** – доктори илмҳои филология, профессор.

14-уми марти соли 1970 дар ноҳияи Ҳисор таваллуд шуда, соли 1992 шуъбаи рӯзонаи факултети филологияи тоҷики ДМТ, соли 1997 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм карда, рисолаи номзадиро соли 2007 дар мавзӯи «Баъзе хусусиятҳои лексикӣ-семантикии ғазалиёти Камол» ва рисолаи доктириро соли 2014 дар мавзӯи «Хусусиятҳои забонӣ ва корбурди истилоҳоти соҳавӣ дар асрҳои Х1-Х11» дифоъ намудааст.

Солҳои 2002-2016 дар кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолияти омӯзгорӣ дошт.

Муаллифи китобҳои «Дафтари ишқ (Баъзе хусусиятҳои лексикӣ-семантикии ғазалиёти Камол)», «Баъзе масъалаҳои назариявии илми истилоҳшиносӣ», «Истилоҳоти тиббии «Захираи Хоразмшоҳӣ»-и Исмоили Ҷурҷонӣ», «Луғати русӣ ба тоҷикии истилоҳоти геологӣ», таҳия ва баргардони «Ғазалиёти Анварӣ», китоби дарсии «Забони давлатӣ» барои синфи 7 ва зиёда аз 40 мақолаи илмӣ ва корҳои методӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 2007-2009 дар вазифаи муовини декани факултети филологияи ДМТ оид ба тарбия фаъолият намудааст; солҳои 2009-2012 дар вазифаи сардори Раёсати илм ва навоварии техникии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; аз моҳи июли соли 2013 то соли 2014 директори Муассисаи нашриявии «Маориф»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон; солҳои 2014-2015 дар вазифаи муовини ректор оид ба таълим ва корҳои методии Донишгоҳи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода; аз соли 2015 то ҳол директори Коллеҷи омӯзгории шаҳри Душанбе мебошад.

Дар айни замон дар кафедраи таърихи забон ва типология ба сифати ҳамкор фаъолият дорад.



**Исрофилов Шарифмурод** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

7-уми январи соли 1966 дар шаҳри Панҷакент ба дунё омада, соли 1983 мактаби миёна, соли 1990 шуъбаи рӯзонаи факултети филологияи ДМТ, соли 1995 шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм карда, соли 1995 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Тасвири май дар ашъори Ҳофизи Шерозӣ» дифоъ намудааст.

Солҳои 2007 - 2010 докторанти ДДМТ ва аз 01-уми июли соли 2010 дар мавзӯи «Носири Бухороӣ ва такомули ғазал дар асри Х1У» рисолаи докторӣ дифоъ намудааст.

Дар соли 2012 барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» ва соли 2013 бо “Ифтихорнома”-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон сазовор дониста шудааст.

Муаллифи китобҳои “Таҳлили матнҳои адабӣ” (2000), “Хизонаи пурганҷ” (таҳлили мутуни манзуму мансури асрҳои Х-Х1) (2001), “Фарҳанги таҳлилии алфози хароботии ашъори Хоҷа Ҳофиз” (2003), “Сухани аҳли дил” (2007),“Носири Бухороӣ ва такомули ғазал дар асри Х1У” (2007), “Хамриёти Ҳофиз” (2010), “Мероси адабии Носири Бухороӣ ва такомули ғазали ошиқонаи орифона дар асри Х1У” (2012), «Наследие Носира Бухараи и развитие любовно-мистической газели в Х1У веке» (2014), «Шарҳи мунтахаби ашъори устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» (2016), «Шарҳи мунтахаби «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ» (2016), «Шарҳи мунтахаби «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ» (2016), «Шарҳи бист ғазали Саъдии Шерозӣ» (2016), «Шарҳи бист ғазали Ҳофизи Шерозӣ» (2016), «Шарҳи мунтахаби «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ» (2016). Инчунин таҳиягар ва мураттиби китобҳои «Поэзия любви и мудрости (Фольклор и литературное памятники Таджикистана)» (2009), «Жемчужины океана поэзии (Фольклор

и литературное памятники Таджикистана)» (2011), «Баҳор М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ» (2012).

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 2001 - 2005 декани шуъбаи ғоибонаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ва ҳамзамон мудири кафедраи филологияи тоҷики ин донишкада; Солҳои 2005-2006 декани факултаи забонҳои Шарқи ДДЗТ; Солҳои 2010-2011 мудири кафедраи адабиёти тоҷики ДДЗТ, аз 01 феврали соли 2012 то 2017 директори Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.



**Исматов Саъдӣ Маҳдиевич** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

09-уми июли соли 1967 деҳаи Саричашмаи ноҳияи Кӯлоб таваллуд шуда, соли 1990 Донишкадаи омӯзгории шари Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ва соли 1997 аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм карда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи, «Лексикаи сару либос дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ» соли 2004 дифоъ намудааст.

Соли 2012 бо нишони «Аълочии матбуоти Тоҷикистон» сарфароз гардонида шудааст.

Муаллиф ва мураттиби «Маҷмӯаи матнҳо барои диктант» (2006), «Вожаномаи мухтасари соҳавии русӣ ба тоҷикӣ» (2006), «Дастури таълимии забони тоҷикӣ барои факултетҳои физика ва математика» (2009) «Калимаҳои ташдиддор» (2009) «Тоҷ» андар «Шоҳнома» ( 2009), Сирри рақамҳо (2011), «Сию се мақола» (2011), « Ормонҳои миллии ман» (2015) ва бештар аз 200 асару мақолаҳои илмӣ-методӣ ва оммавӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: **аз** соли 2009 то соли 2012 директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума; солҳои 2012-2016 мудири кафедраи телевизион ва радиои факултети журналистика; аз соли 2016 то ҳол декани факултети журналистикаи ДМТ мебошад.



**Кабиров Шаҳбозбек** – номзади илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

12-уми августи соли 1944 дар ноҳияи Москваи вилояти Кӯлоб (ҳоло ноҳияи Мир Сайид Алии Хамадонии вилояти Хатлон) таваллуд шудааст.

Соли 1963 мактаб–интернати «Коммунизм»–и деҳаи Саричашма ва соли 1968 факултети филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллиии Тоҷикистон)-ро бо дипломи аъло хатм кардааст. Соли 1979 рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Хусусиятҳои лексикии «Таърихи Бадахшон» дифоъ кардааст.

Барои хизматҳои шоиста ва тӯлониаш дар тарбияи мутахассисони соҳаи филологияи тоҷик бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» (1988) ва медали «Хизматҳои шоиста» (1999) сарфароз гардонида шудааст.

Муаллифи асарҳои «Хусусиятҳои лексикии «Таърихи Бадахшон» (1984), «Калиди дари ганҷ» (1991), «Синтаксис ва пунктуатсия» (ҳаммуаллиф) (1991), «Луғати омонимҳои забони тоҷикӣ» (1992), «Тарбияи ватандӯстиву интернатсионалии ҷавонон» (ҳаммуаллиф) (1988), «Алифбо ва имлои ниёгон» (барои факултетҳои ғайрифилологӣ) (2002), «Забон ва адабиёти тоҷик» (ҳаммуаллиф) барои факултетҳои ғайрифилологии мактабҳои олии ҷумҳурӣ) (2007), «Алифбои ниёгон ва матн» (барои синфҳои 4 ва 5, ҳаммуаллиф) (2006), «Сухан бифканад минбару дорро» (ҳаммуаллиф) (2009), «Забони тоҷикӣ» (барои гурӯҳҳои тоҷикӣ, ҳаммуаллиф) (2016), «Наҳв ва аломатгузорӣ» (ҳаммуаллиф) (2012), «Забони тоҷикӣ» (барои гурӯҳҳои русӣ, ҳаммуаллиф) (2016), «Забони тоҷикӣ» (барои факултетҳои биологияву дорусозӣ), (ҳаммуаллиф) (2015), «Сухан аз арши барин омадааст» (2013) ва зиёда аз сад барномаҳои таълимӣ, мақолаи илмӣ-методӣ ва ҳамчунин беш аз 150 мақолаи оммавӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1996 - 2012 мудири кафедраи забони тоҷикӣ барои ихтисосҳои ғайрифилологии

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.Узви Иттифоқи журналистон (1992) мебошад.

Се нафар унвонҷӯ таҳти роҳбарии ӯ рисолаи номзадӣ ҳимоя намуда, се нафари дигар машғули иншои рисола мебошанд.



**Кабиров Хуршед Шаҳбозбекович** – забоншинос, доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

27-уми апрели соли 1973 таваллуд шуда, соли 1990 мактаби миёнаи №24-и ш. Душанбе, соли 1996 шуъбаи арабии факултети шарқшиносии ДМТ (УДТ), солҳои 1994-1996 Маркази омӯзиши забонҳои Донишгоҳи давлати Кувейтро хатм кардааст.

Соли 2009 рисолаи номзадиашро таҳти унвони «Вижагиҳои хоси забони шеъри Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ» ва рисолаи доктории ашро соли 2017 таҳти унвони «Таҳқиқоти этнолингвистии лексикаи рӯзгордории тоҷикони Чин (дар мисоли маводи гурӯҳи этникии сарикӯлиҳо)» ҳимоя намудааст.

Муаллиф ва мураттиби – "Дастури иншонигорӣ" (барои довталабони макотиби олӣ) (2008); Дастури таълимии «Забони тоҷикӣ» барои факултетҳои иқтисодӣ (замима ба китоби дарсӣ) (2009); «Марвориде дар уқёнуси бекарон» (2010); «Султони мулки сухан» (2011); "Вижагиҳои хоси забони шеъри Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ" (монография); «Этнолингвистическое исследование бытовой лексики языка таджиков Китая» (2016) (монография), «Таҳқиқоти этнолингвистии лексикаи рӯзгордории тоҷикони Чин (дар мисоли маводи гурӯҳи этникии сарикӯлиҳо)» (2017, ба забони русӣ) ва бештар аз 60 асару мақолаҳои илмию методӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1996 – 1997 мудири шуъбаи илм ва робитаҳои байналмилалии раёсати обуҳавосанҷии Вазорати ҳифзи муҳити зист ва солҳои 1997-2001 ба сифати мутахассиси пешбар, баъдан сармутахассиси раёсати сиёсати илмӣ-техникӣ ва барномаҳои рушди иҷтимоии

Вазорати иқтисод ва робитаҳои иқтисоди хориҷии ҶТ фаъолият намудааст.



**Камолиддинов Баҳриддин** – доктори илмҳои филология, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Соли 1935 дар ҷамоати Понғози ноҳияи Ашт таваллуд шудааст. Б. Камолиддинов баъд аз хатми Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Конибодом, соли 1953 ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти тоҷики мактаби ҳафтсолаи ҷамоати Пунғази ноҳияи Ашти вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) оғоз меёбад. Соли 1959 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм намуда, соли 1966 дар мавзӯи «Забон ва услуби ҳикояҳои Ҳаким Карим» рисолаи номзадӣ ва соли 1988 дар мавзӯи «Муродифоти наҳвии дар забони адабии ҳозираи тоҷик» рисолаи докторӣ дифоъ намудааст.

Барои меҳнати пурсамараш бо ду Грамотаи фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон, унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, нишонҳои Комёбиҳои беназир дар таълими мактаби олӣ ва Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст.

Нахустин рисолаҳои илмиаш бо унвонҳои «Ҳаким Карим», «Забон ва услуби Ҳаким Карим» солҳои 60-ум ба табъ расидаанд. Солҳои минбаъда монография, китобу дастурҳои таълимии ӯ: «Услубшиносӣ» (1973-1988), «Маҷмӯаи машқҳои синтаксиси забони тоҷикӣ» (1976-1981), «Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён» (1986), «Ҳусни баён» (1989), «Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ» (1992), «Услубшиносӣ» (ҳаммуаллифи китоби дарсӣ барои хонандагони синфҳои X-XI, 1995), «Сухан аз баҳри дигарон гӯянд» (2001), «Масъалаҳои баҳсноки наҳви забони тоҷикӣ» (2003), «Сухандонон сухан санҷида гӯянд» (2005), «Забони тоҷикӣ» (китоби дарсӣ барои хонандагони синфи X1, 2007), «Наҳви забони адабии муосири тоҷикӣ» (2010), «Муродифоти синтаксисии забони тоҷикӣ (ба забони русӣ) » (2012) чоп

шудаанд. Номбурда яке аз муаллифон ва муҳаррирони китоби грамматикаи илмии академии «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» (иборат аз се ҷилд) ба шумор рафта, бахшҳои навъҳои сохтории ҷумлаҳои содда ва нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда ба қалами ӯ таалуқ доранд. Беш аз саду панҷоҳ номгӯй мақолаҳои илмию методиаш дар маҷаллаю маҷмӯаҳои мухталифи илмӣ чоп гардидаанд.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои зиёд ба ҳайси ҷонишини декан оид ба таълим дар факултетҳои филология ва шарқшиносӣ, мудири кафедраи умумидонишгоҳии забон ва адабиёти тоҷик, проректори таълими Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ифои вазифа намудааст. Ӯ дар тӯли солҳои 1994-2011 мудири кафедраи услубшиносӣ ва таҳририи адабии факултети журналистикаи ДМТ-ро бар уҳда дошт. Ӯ ҳамчун узви Комиссияи татбиқи Қонуни забони назди Ҳукумати Тоҷикистон, узви ҳайати кории ислоҳоти имлои забони тоҷикӣ хидмати шоиста кардааст.

Профессор Б. Камолиддинов дар рушди илми забоншиносии тоҷик ва омодасозии мутахассисони забоншинос нақши арзанда дорад. Таҳти роҳбарии ӯ 14 нафар рисолаи номзадӣ ва 2 нафар рисолаи докторӣ дифоъ намуда, ҳоло бо фаъолияти илмию омӯзгорӣ машғуланд.



**Камолов Хуршед Маҳмадисоқович** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

13-уми июни соли 1976 дар шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд ба дунё омадааст. Соли 1993 мактаби миёна, соли 1998 шуъбаи рӯзонаи факултети филология ва соли 2007 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Соли 2007 дар мавзӯи “Ибораҳои изофӣ дар “Таърихи Табарӣ”-и Балъамӣ” рисолаи номзадӣ дифоъ кардааст.

Барои хизматҳои бенуқсон дар соҳаи маориф бо “Ифтихорнома”-и ДМТ қадрдонӣ гардидааст.

Муаллифи асарҳои “Иборaҳои изофӣ” (2011), «Маҷмӯаи саволномаҳои тестӣ барои дохилшавандагони макотиби олӣ» (бо ҳаммуаллифӣ) (2012), “Омӯзиши хат ва имлои форсии классикӣ” (2015), “Муҳовараи тоҷикӣ-англисӣ-чехӣ” (бо ҳаммуаллифӣ (2017), “Забони давлатӣ” (барои синфи 4) (2017), барномаҳои таълимӣ аз фанҳои забоншиносии муқобалаӣ ва минтақаҳои забонӣ, забоншиносии иҷтимоӣ ва бештар аз 30 мақолаи илмӣ.

Мавсуф ҳунари хушнависӣ дорад ва китоби дарсии “Алифбои арабии тоҷикӣ ва имлои он” (муаллиф Қосимова М. Н., 2002)-ро хаттотӣ намудааст. Барои донишҷӯён бо номи “Машқи хатти арабиасос” (2014) роҳнамое низ таҳия намудааст.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: танзимгари Маркази омӯзиши забонҳои ДМТ (2002-2009), мудири Маркази омӯзиши забонҳои ДМТ (2009-2010), муовини декани факултети филологияи ДМТ оид ба масоили тарбиявӣ (2010-2015). Аз соли 2014 то имрӯз раиси бюрои иттифоқи касабаи факултети филологияи ДМТ мебошад.



**Камолова Гадобегим Раҳимовна** – ассистенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

17-уми августи соли 1975 дар ноҳияи Файзобод таваллуд шуда, соли 1992 мактаби миёна, соли 2000 факултети филологияи ДМТ-ро хатм карда, дар мавзӯи «Асосҳои лингво-дидактикии пунктуатсияи забони тоҷикӣ» таҳқиқот бурда истодааст.

Муаллифи мақолаҳои «Таълими аломати китобатии тире (–) - и таркиби ҷумлаҳо» (2014), «Усулҳои босамари таълими як аломати китобатии забони тоҷикӣ» (2015), «Усули таълими ифодаи аломатҳои китобат ҳангоми омӯзиши воҳидҳои туфайлӣ» (2015).

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: аз соли 1999 то ҳол танзимагари шуъбаи рӯзонаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.



**Каримов Назрулло Салимович** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

15-уми сентябри соли 1976 дар ноҳияи Москва (ҳоло Ҳамадонӣ) ба дунё омада, соли 1993 мактаби миёнаи рақами 18-и деҳаи Даштиҷуми ноҳияи Шӯрообод (ҳоло Шамсиддини Шоҳин), соли 2000-ум шуъбаи рӯзонаи факултети филологияро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик ва соли 2005 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм карда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавию маъноии забони ғазалиёти Абулқосим Лоҳутӣ» соли 2013 дифоъ намудааст.

Барои фаъолияти хуб дар ҷодаи таълим ва илм бо Грамотаи фахрии Вазорати маорифи Тоҷикистон (2013) ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2007) сарфароз гардидааст.

Муаллифи китобҳои «Усули таҳлили луғавии вожаҳо» (ҳаммуаллиф) (2012), «Хусусиятҳои луғавию маъноии забони ғазалити Лоҳутӣ» (2014), «Луғати вожаҳои арабии ғазалиёти Лоҳутӣ» (2014), дастури таълимии «Забони тоҷикӣ барои факултети муносибатҳои байналхалқӣ» (2015), «Алифбо ва имлои ниёгон» (ҳаммуаллиф) (2015) ва мураттиби «Барнома аз фанни алифбои ниёгон барои донишҷӯёни соли аввали ихтисосҳои ғайрифилологӣ» (2012), «Барномаи фанни забони тоҷикӣ барои магистрони соли аввали факултетҳои ғайрифилологӣ» (2014) инчунин муаллифи зиёда аз 30 мақолаи илмӣ ва илмӣ-оммавӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 2002-2013 мушовири ноиби аввали ректори ДМТ, соли 2013 ба сифати директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ; аз моҳи октябри соли 2013 то ҳол мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи ДМТ интихоб гардид. Аз соли 2015 аъзои бахши

забоншиносии Шӯрои дифои рисолаҳои номзадӣ ва доктории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.



**Каримов Ардашер** – (соли 1934 таваллуд шуда, соли 1996 вафот кардааст), забоншинос, номзади илми филология, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷик барои факултетҳои ғайрифилологӣ (ҳоло забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик.

Хатмкардаи Донишкадаи омӯзгории Душанбе. Баъди хатми таҳсил дар аспирантураи Донишгоҳи давлатии Ленинград аз соли 1967 дар ДДТ ба кор шурӯъ кард. Соли 1968 рисолаи номзадиашро дифоъ кардааст.

Ба унвони “Васоити таълимӣ аз забоншиносии умумӣ”, “Хрестоматияи забони паҳлавӣ”, “Омӯзиши хатти ниёгон ” ва “Луғати хетеограммаҳои паҳлавӣ” асарҳо дорад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: муддате корманди шуъбаи илм ва муовини декани факултаи филология буд. Аз соли 1989 то поёни умр аввал дотсент, сипас мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик барои факултаҳои ғайрифилологӣ буд.



**Каримов Азиз –** (таваллуд 07.11.1926, дар шаҳри Самарқанд таваллуд шуда, 08.03.1984, дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), ходими маориф.

Дорандаи нишони сарисинаги Аълочии маорифи СССР буд. Бо медали Барои меҳнати шоён, Грамотаи Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон ва ифтихорномаҳои ВМ ҶТ мукофотонида шудааст.

Фаъолияти меҳнатиаш дар ИТИИПТ: солҳои 1946-1953 – ходими илмӣ, 1953-1973 – мудири шуъбаи забон ва адабиёти тоҷик. Фаъолияти илмию тадқиқотии ӯ, асосан, масъалаҳои таълиму тарбияро фаро гирифта, вобаста ба ин зиёда аз 200 мақолаю дастурҳои методӣ таълиф кардааст, ки усули омӯзиш ва таълими забону адабиёти тоҷикро дар бар гирифтааст.

Миёни солҳои 60 ва 80 бо ҳаммуаллифӣ барои таълим дар синфҳои 5, 6, 7 ва 8 зери унвони «Забони тоҷикӣ» китобе таълиф карда буд, ки солҳои зиёд чун китоби дарсӣ хидмат

кардааст. Чанд соле аз усули таълими забони тоҷикӣ ба донишҷӯёни факултети филологияи тоҷики УДТ дарс гуфтааст.



**Каримов Ҳилол –** (соли 1908, дар нохияи Конибодом таваллуд шуда, соли 1985, дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), забоншинос, профессор, Арбоби шоистаи илми ҶШС Тоҷикистон, муаллими шоистаи мактаби ҶШС Тоҷикистон.

Солҳои 1923-1929 – донишҷӯи доруттадрис (Омӯзишгоҳи педагогӣ), 1927-1930 омӯзгори мактаб, 1929-1930 – донишҷӯи факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Осиёи миёна (Тошканд).

Каримов Ҳилол бо ордени «Ситораи Сурхи меҳнат», ду «Нишони фахрӣ», медалҳои «Меҳнати шуҷоатнок», «Бистсолагии ғалаба бар Германияи фашистӣ», «Ба садсолагии рӯзи таваллуди В.И.Ленин», шаш Ифтихорномаи Вазорати корҳои хориҷии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

Каримов Ҳ. муаллиф ё шариктаълифи 14 китобу дастурҳои таълимӣ, аз ҷумла, китобҳои дарсии «Алифбо», «Китоби хониш» (барои синфҳои 5-6) мебошад. Дар таълифи китоби «Забони адабии ҳозираи тоҷик» (барои мактабҳои олӣ) ва «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» (дар се ҷилд) иштирок кардааст.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1931-1932 ҷонишини директории Донишкадаи тоҷикии агрономӣ-педагогӣ (Тошканд), 1932-1933 мудири сектори таълимӣ – педагогӣ ва муҳаррири нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1935-1941 ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии илмҳои педагогии Комиссариати маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон, мушовири илмии Комиссияи ҳукуматии ба алифбои нав гузаронидани хатти тоҷикӣ ва ҷонишини директор оид ба илми Пажӯҳишгоҳи илмӣ –тадқиқотии мактабҳои ҶШС Тоҷикистон буд. Солҳои 1946-1951 ҷонишини вазири корҳои хориҷии ҶШС Тоҷикистон, 1956-1961 директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотии илмҳои педагогӣ ҶШС Тоҷикистон, 1968 - 1972 декани факултаи шарқшиносии ДДТ буд. Аз соли 1972 то

поении умр – мудири кафедраи филологияи Эрони ҳамин донишгоҳ буд.



**Каримова Зулфия Мазиёевна** – мудири кабинети кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

21-уми октябри соли 1978 дар деҳаи Тагноби ноҳияи Ҳамадонӣ вилояти Хатлон таваллуд шуда, соли 1994 мактаби миёна, соли 2007 шуъбаи ғоибонаи факултети филологияи ДМТ-ро хатм намудааст.

Соли 2009 лаборанти кафедраи забони тоҷикӣ барои факултетҳои ғайрифилологӣ, аз соли 2016 то кунун мудири кабинети кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Муаллифи мақолаҳои "Асолати забон дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ" (20012); "Унсурҳои таърихӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ (2013)" "Калимаҳои таърихӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ (2015)" мебошад.



**Кенҷаев Мирзо Қурбонович** – муаллими калони кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

1-уми майи соли 1961 дар шаҳри Душанбе таваллуд шуда, соли 1984 факултети шарқшиносии Донишгохи давлатии Точикистонро хатм кардааст.

Солҳои 2002-2006 муаллими калони кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ, солҳои 2007-2008 муаллими калони кафедраи забонҳои Шарқи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, солҳои 2008-2011 муҳаррири нашриёти "Адиб", солҳои 2012-2014 мудири шуъбаи нашриёти "Маориф ва фарҳанг" шуда кор кардааст. Аз соли 2014 то имрӯз роҳбариМаркази забон ва фарҳанги Тоҷикистону Қиргизистон дар назди Донишгоҳи давлатии хиттаи Олтойи Федератсияи Руссия мебошад.

Муаллифи китобҳои ашъори "Панҷаи хуршед" (2010), "Садои пойи ошно"(2011), "Дастагули ёд" (2012).

Мирзо Кенҷа инчунин чанде аз китобҳои ашъори адибони хориҷиро ба забони тоҷикӣ баргардондааст, аз ҷумла, китоби шеърҳои шоири халқии Белоруссия Максим Танк "Тулӯи офтоб", Роберт Рождественский "Пажвоки ишк.", "Бар Шумо дорам таманно", "Осмони бекарона", "Зи ту миннатпазирам" (Русия). Ӯ ҳамчунин яке аз мутарҷимони очерки 8-ҷилдаи таърихӣ-ҳасбиҳолии муаррихи озарӣ Элмира Охундова бо номи "Зери бори ҳокимият ва масъулият" (2013) мебошад, ки аз ҳаёт ва фаъолияти давлатмарди сиёсии Озарбойҷон – Ҳайдар Алиев, қисса мекунад.

Мирзо Кенҷа гирдоварандаи "Фарҳанги мухтасари имлои забони тоҷикй" (2013) мебошад.

Аз соли 2004 инҷониб узви Конфедератсияи байналмилалии иттифоқҳои журналистӣ ва аз соли 2011 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад.



**Кӯчаров Аламхон** – доктори илмҳои филология, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

4-уми феврали соли 1946 дар деҳаи Саричашмаи ноҳияи Шӯрообиди вилояти Кӯлоб ба дунё омада, соли 1964 мактаб-интернат, соли 1969 факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, соли 1976 шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм карда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Масъалаҳои матншиносии повести «Одина»-и С. Айнӣ» соли 1978 ва соли 1997 рисолаи доктириро дар мавзӯи «Мавқеи нақди матн дар адабиётшиносии тоҷик ва масъалаҳои матншиносии насри С. Айнӣ» дифоъ кардааст.

Профессор А. Кӯчаров бо нишони “Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон” (1995) ва “Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон” (2008), бо ордени “Дӯстии халқҳо” (2001) ва Ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ (2003) сазовор гаштааст.

Аламхон Кӯчаров соҳиби рисолаҳои «Тадқиқи текстологии «Одина»-и С. Айнӣ» (1982), «Хусусиятҳои миллӣ ва

интернатсионалии назми М. Турсунзода» (1988), «Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик» (1994», «Накди матни осори С.Айнӣ» (2000), «Накди матн ва масъалаҳои матншиносии насри С.Айнӣ» (2002), Адабиёти тоҷик барои синфи 11-уми мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ (бо ҳаммуаллифӣ – 2007, 2011, 2015), «Турсунзода: маҳорат ва садоқат» (2011), «Таҳрири адабӣ ва фаъолияти муҳарририи С.Айнӣ» (2013), «Муҳаққиқи соҳибмактаб» (2014), китобҳои бадеии «Сад рубоӣ» (2012), «Бобо ва набераҳо» (2013), Матнҳои илмии қиссаҳои «Одина» (1992) ва «Марги судхӯр» (2010)-и С. Айнӣ ва матнҳои саҳеҳи қиссаҳои «Одина» (2015), «Марги судхӯр» (2015), рисолаҳои «Қуддусия» (1993), «Маърифати нафс» (1994) ва «Дарвешия» (2014)-и Мир Сайид Алии Ҳамадониро ба табъ расондааст. Ба муносибати 700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон ва дастгирии ЮНЕСКО соли 2015 дар сатҳи байналмилалӣ таҷлил гардид, се рисолаи ин мутафаккирро ҳам бо ҳуруфи кириллӣ ва ҳам бо алифбои ниёгон ба чоп омода намуд, ки бо номи «Се рисола»-и Амир Сайид Алии Ҳамадонӣ (2015) ба табъ расид. Инчунин соли 2015 Кӯчаров бо ҳаммуаллифии Ҷ. Ҷӯрабоев, С. Муллоҷон, А. Сайфуллоев китоберо бо номи «Маориф - гарави пешравии ҷомеа» (2015) ба табъ расондаанд. Китоби «Муҳаққиқи соҳибмактаб» ғолиби «Озмуни сол - 2014» гардида, сазовори дипломи Вазорати фарҳанг ва Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: Солҳои 1980 - 1988 роҳбарии маҳфили адабии «Адибони ҷавон»-и факултети филологияи тоҷики Институти давлатии омӯзгории ба номи Рӯдакии Кӯлобро ба уҳда дошт. Солҳои 2002-2010 мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи ДМТ. Солҳои 2011-2016 сарходими илмии Институти илмӣ-тадқиқотӣ дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва аз моҳи июни соли 2016 то ҳол ба ҳайси профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи ДМТ фаъолият дорад. Аз соли 2003 то ҳол узви бахши накди адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад. Солҳои 2007 – 2009 узви Шӯрои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд. Аз соли 2003 то ҳол узви Шӯрои диссертатсионии ДМТ аст. Аз соли 2007 то ҳол узви



комиссияи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи илм ва техника мебошад.

Зери роҳбарии А. Кӯчаров 9 унвонҷӯ аз Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон рисолаҳои номзадӣ дифоъ намудаанд.

**Қаландаров Наврӯз Аҳмарович** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

23-юми марти соли 1969 дар шаҳраки Мӯъминободи ноҳияи Ленинград (ҳозира ноҳияи Мӯъминобод) таваллуд шуда, соли 1996 шуъбаи рӯзонаи факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, соли 2003 шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм карда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Аз таърихи таҳаввули матни «Марги судхӯр»-и С. Айнӣ» соли 2004 дифоъ кардаст.

Соли 1997 бо “Ифтихорнома”-и Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон; соли 2002 бо “Ифтихорнома”-и Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2002 бо “Ифтихорнома”-и Идораи кор бо ҷавонони шаҳри Душанбе; соли 2005 бо “Ифтихорнома”- и Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2005 бо “Ифтихорнома”-и Ҳокимияти иҷроияи ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе; соли 2002 ва соли 2005 бо “Ифтихорнома”- ДДМТ; соли 2011 ва соли 2014 бо “Ифтихорнома”-и мақомоти КИ ҲХДТ дар ноҳияи Шоҳмансур; соли 2013 бо “Ифтихорнома”-и мақомоти КИ ҲХДТ дар ш. Душанбе ва соли 2013 бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон” қадрдонӣ шудааст.

Муаллифи китобҳои “Таърихи матнҳои қаламии қиссаи «Марги судхӯр»-и С. Айнӣ” (2003); “Аз таърихи таҳаввули матни қиссаи «Марги судхӯр» - и С. Айнӣ (2008) ва муаллифи 25 мақолаи илмӣ ва мураттиби барномаҳои таълимӣ-методӣ мебошад.

Мақолаҳои ӯ: «Нигоҳе ба накди матни қиссаи «Марги судхӯр»-и С. Айнӣ», «Зарурати тадқиқ ва дараҷаи омӯзиши матни қиссаи «Марги судхӯр»-и С. Айнӣ», «Таърихи матнҳои қаламии қиссаи ««Марги судхӯр»-и С. Айнӣ», «Таҳаввули

қиссаи «Марги судхӯр»-и С. Айнӣ аз матни ӯзбекӣ то матни тоҷикӣ».

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1994-1999 Раиси созмони ҷавонон, танзимгари дараҷаи аввал оид ба корҳои тарбиявӣ ва ҳимояи фонди донишҷӯён ДДМТ; солҳои 2001-2006 мудири шуъбаи кор бо ҷавонон, узви раёсат ва Шӯрои олимони ДДМТ (ҳамзамон раиси Шӯрои шуъбаҳои кор бо ҷавонони мактабҳои олии шаҳри Душанбе), солҳои 2006-2009 мудири сектори ташкилии ДМТ; аз соли 2013 то ҳол муовини декан оид ба шуъбаи ғоибонаи факултети филологияи ДМТ мебошад.



**Қаҳҳорова Назира** (24.11.1939 дар шаҳри Панҷакент таваллуд шуда, 14.02.1984 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), адабиётшинос, номзади илми филология, дотсент.

Соли 1962 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин ва соли 1965 шуъбаи аспирантураи Университети давлатии Тоҷикистонро хатм намуда, соли 1970 дар мавзӯъи «Саъдӣ ва мақоми ӯ дар инкишофи ғазал» рисолаи номзадӣ дифоъ намуд.

Дорандаи нишони «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон».

Таълифоти адабиётшиносии Қаҳҳорова Н. аз соли 1965 оғоз гардидааст. Аввалин мақолаҳои адабиётшиносии ӯ соли 1965 дар рӯзнома ва маҷаллаҳои «Маориф ва маданият», «Садои Шарқ» ба табъ расидаанд. Ӯ барои ба нашр омода кардани ашъори шоирони бузурги адабиёти форс-тоҷик, мисли Саъдии Шерозӣ ва КамолиХуҷандӣ хизмати арзанда кардааст. Китобҳои «Ҳофизи Шерозӣ. Чашмаи меҳр» (Мунтахаби ғазалиёт, (1971); «Саъдии Шерозӣ. Мунтахаби ғазалиёт», (1977), «Равшангари дилҳо» (1982), «Камоли Хуҷандӣ»-ро (ҷилд 1, 2, бо ҳамкории С. Асадуллоев (1985-1986) ба чоп омода кардааст. Инчунин, муаллифи китобҳои “Саъдӣ ва мақоми ӯ дар инкишофи ғазал” (1970), “Вазни ғазалиёти Саъдӣ” (1975), “Устоди каломи ҷонбахш” (1977), “Равшангари дилҳо” (1982), “Робиаи Балхӣ – сардафтари шоираҳои форс-тоҷик” (1982) ва зиёда аз 40 мақола ва асарҳои илмӣ-методӣ аст.

Адабиёт: Воҳидов Султон. Магӯ гузашта рафиқон зи дил фаромӯшанд, Ҷавонони Тоҷикистон, 1990; Тоиров У.,

Манзараи ҷавонӣ, Маориф ва маданият, Д., 1967; Мақсудов Б. Бақои умр, Чархи гардун, Д., 1997.

***(У. Тоиров, Б. Мақсудов)***



**Қосимова Мукаррама Набиевна** – доктори илмҳои филология, профессор, Арбоби илм ва техника, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи байналмилалии илмҳои мактабҳои олӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

16-уми январи соли 1933 дар шаҳри Конибодом таваллуд шуда, соли 1950 мактаби миёна, соли 1955 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин, соли 1959 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи ҳамин донишгоҳро хатм карда, соли 1962 рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Ҷумлаҳои пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик» ва дар соли 1981 рисолаи доктириро дар мавзӯи «Синтаксиси ҷумлаҳои содаи насри асри Х1» дифоъ кардааст. Ӯ аввалин тоҷикзан – доктори илмҳои филология, мебошад.

Қосимова М.Н. дорандаи нишонҳои «Аълочии маорифи халқ» (1967), «Мактаби олии СССР. Барои муваффақиятҳои шоиста дар фаъолияти меҳнатӣ», «Нишони фахрӣ. АИ ҶТ», медалҳои «Барои меҳнати шоиста. Бахшида ба муносибати 100-солагии зодрӯзи В. И. Ленин» (1970), «Ветерани меҳнат» (1985) аст.

Ӯ муаллифи зиёда аз 190 номгӯй осор, аз ҷумла дастурҳои таълимии «Матни классикӣ» (1969), «Практикум аз забони ҳозираи тоҷик. //Морфология ва синтаксис» (1976), «Луғати мухтасари мавзуии таълимии тоҷикӣ - русӣ» (2002), «Кратий русско - таджикский тематический учебный словарь» (бо ҳаммуаллифии Д.М.Искандарова (2002), «Мухтасар оид ба истилоҳоти забоншиносии пешини тоҷик» (2002), китобҳои дарсии «Хат ва имлои матни классикии тоҷик» (1976, 1989, 2000, 2010), «Алифбои арабии тоҷикӣ ва имлои он» (2002), «Таърихи забони адабии тоҷик. Асрҳои 1Х-Х. Ҷ.1» (2003, 2012), «Таърихи забони адабии тоҷикӣ. Асрҳои Х1-ХП. Ҷ. 2» (2016),

монографияҳои «Ҷумлаҳои пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик» (1961), «Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои содаи насри асри Х1 //Дар асоси материали «Сиёсатнома», «Қобуснома», «Сафарнома», «(1976), «Структура ва семантикаи ҷумлаҳои сода дар насри асри Х1» (1986), «Синтаксиси ҷумлаҳои содаи насри асри Х1» (1997), «Синтаксис простого предложения таджикско-персидской прозы Х1 в. (в сопоставлении с современным таджикским литературным языком) « (1997), «Об дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ» (2003), «Чор унсур: маъниофаринӣ, калимасозӣ (дар асоси маводи «Маснавии маънавӣ») (2007), «Вожаи бад: маъно, калимасозӣ, вазифаҳои грамматикӣ (дар асоси осори асрҳои 1Х-Х)» (2011), маҷмуаи мақолаҳо «Ганҷи сухан» (2013) мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятиву роҳбарӣ: вакили Симпозиуми байналмилалии бонувон (1967, Москва), вакили съезди 1 Умумиитифоқии кормандони маорифи халқ (1988, Москва) ; солҳои 1966-1968 ва 1974-1978 декани факултети филологияи Университети давлатии Тоҷикистон, солҳои 1986-1995 мудири кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи ҳамин донишгоҳ, солҳои 1995-2003 - мудири кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон, солҳои 2001-2009 роҳбари Маркази омӯзиши забонҳо (МОЗ) дар назди ДМТ; солҳои 1982-1989 котиби илмӣ ва солҳои 1990-2012 раиси Шӯрои диссертатсионӣ оид ба дифои рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дар назди ДМТ буд. Ӯ солҳои тӯлонӣ узви Шӯрои диссертатсионӣ дар назди ИЗА ба номи Абӯабдуллои Рӯдакӣ, узви Комиссияи аттестатсионии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Комитет оид ба мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илму техника ба номи Абуалӣ ибни Сино буд.



Бо роҳбарии бевоситаи ӯ 48 нафар, аз ҷумла 11 нафар рисолаҳои докторӣ ва 37 нафар рисолаҳои номзадии худро дифоъ намуданд.

**Қосимӣ Саъдӣ** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети

филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

7-уми июли соли 1969 дар деҳаи Паткуноби ноҳияи Дарвози ВМКБ таваллуд шуда, соли 1986 мактаби миёна, соли 1992 шуъбаи рӯзонаи факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Қандил Ҷӯраев (ҳоло ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ) ва соли 1997 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи донишгоҳи мазкурро хатм намуда, соли 1998 рисолаи номзадияшро дар мавзӯи «Бадеияти латифаҳои халқии тоҷикӣ» дифоъ намудааст.

Соли 2012 барои тарғибу ташвиқ ва таълими фарҳанги мардумӣ бо нишони «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва соли 2013 барои хизматҳояш дар соҳаи маориф ва саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас бо нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сазовор дониста шудааст.

Саъдии Қосимӣ муаллиф ва мураттиби дастури таълимии «Назмшиносӣ» (2007) ва зиёда аз 70 мақолаи илмӣ, инчунин, мураттиби васоити методии «Корҳои санҷишӣ аз фанни таърихи адабиёти тоҷики асрҳои IX,XV, XVI, XIX ва ибтидои асри XX» (2004), «Корҳои санҷишӣ аз фанҳои муқаддимаи адабиётшиносӣ ва эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷик» (2005), дастури илмӣ-методӣ доир ба ҷашни Наврӯзи Аҷам - «Дастури наврӯзӣ» (солҳои 2006 ва 2012), «Барнома барои донишгоҳҳои омӯзгорӣ аз рӯйи усули таълими зинавӣ аз фанни эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик» (2000), «Барномаи фанни таърихи адабиёти хориҷӣ» (2005).

Фаъолияти ҷамъиятиву роҳбарӣ: солҳои 1997-2000 ҷонишини декани факултети филологияи тоҷик оид ба тарбия (ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ); солҳои 2000-2005 ҷонишини декани факултети филологияи тоҷик оид ба таълим (ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ); солҳои 2005-2007 декани факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ; солҳои 2007-2008 ҷонишини декани факултети филологияи тоҷик оид ба таълим (ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ); соли 2008 ёрдамчии ректори ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ; солҳои 2008-2013 ёрдамчии ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; солҳои 2013-2014 сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, солҳои 2014-2017 ёрдамчии Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз соли 2017



то ҳол муовини ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба таълим аст.

**Қосимов Солеҳ Салимович** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

11-уми июли соли 1976 дар деҳаи Даштиҷуми ноҳияи Шӯрообод (ҳоло Шамсиддини Шоҳин) ба дунё омада, соли 1993 мактаби миёна, соли 1999 шуъбаи рӯзонаи факултети филологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло, соли 2005 шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Соли 2013 дар мавзӯи «Зиндагинома ва осори Салими Хатлонӣ (Масъалаҳои назми тоҷик дар давраи Истиқлолияти Тоҷикистон) рисолаи номзадӣ ҳимоя кардааст.

Барои фаъолияти пурсамараш дар таълиму тарбияи донишҷӯён соли 2013 бо нишони “Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” қадрдонӣ шудааст.

Қосимов С. 1 монографияи илмӣ, зиёда аз 20 мақолаи илмӣ-методӣ ва оммавӣ дар нашрияҳои давлатӣ нашр карда, як дастури методӣ «Оид ба таълифи рисолаҳои дипломӣ аз адабиёти тоҷик» дар ҳаммуаллифӣ таҳия намудааст.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 2004-2007 методисти шуъбаи илмию методӣ ва сармутахассиси Шӯрои илмию методии ДМТ; солҳои 2007-2008 ёрдамчии ректори ДМТ; солҳои 2008 -2010 ёрдамчии муовини ректор оид ба таълими ДМТ; аз моҳи феврали соли 2010 то имрӯз дар вазифаи муовини сардори раёсати таълими ДМТ кору фаъолият намуда истодааст. Аз соли 2014 узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон мебошад.



**Қурбон Восеъ** – доктори илми филология, профессор 2-юми июли соли 1942 дар деҳаи Дарғи ноҳияи Айнӣ таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби миёна ба Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Хуҷанд дохил шуда, соли 1962 онро ба итмом расондида ва солҳои 1962-

1964 дар зодгоҳаш омӯзгорӣ кардааст. Соли 1964 донишҷӯи факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин гардидааст. Моҳи ноябри ҳамон сол ба хизмати ҳарбӣ даъват шуда, ҳамзамон курси дусолаи низомиро бо баҳои аъло ба итмом расонидааст. Баъди хизмат таҳсилро дар Донишгоҳ идома дода, соли 1972 онро бо дипломи аъло хатм кардааст. Солҳои 1972-1978 дар шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил намудаааст. Соли 1978 рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Таъсири ҷавонмардӣ дар назми асрҳои X-XII адабиёти форс-тоҷик» ва соли 1993 рисолаи доктириро дар мавзӯи «Адабиёти ҷавонмардии форсу тоҷик дар асрҳои X-XV» ҳимоя кардааст.

Қурбон Восеъ бо ифтихорномаву мукофотҳои давлатӣ сазовор гардидааст: Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон (1976), Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996), академики Академияи илмҳои педогогӣ-иҷтимоии Федератсияи Россия (1999). Аз соли 2001 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст. Ҳамчунин, бо чор медали собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Афғонистон, медали 10-солагии иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии ҶТ (2003) мукофотонида шудааст.

Ба қалами Қурбон Восеъ зиёда аз 500 китобу мақолаи илмӣ, илмӣ-оммавӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ ва методӣ-таълимӣ тааллуқ дорад, аз ҷумла 11 монография: «Номаи ҷавонмардӣ» (1985), «Оини ҷавонмардӣ» (Кобул, 1988), «Оини риндӣ ё маслаки Ҳофиз» (1991), «Литература джавонмарди X-XVвв.» (1996), «Се манзар» (1999), «Чаҳор китоби насри ҷавонмардӣ» (2002), «Таджикская рыцарская литература» (2004), «Сарчашмаҳои адабиёти ҷавонмардӣ» (Ҷ.1., 2007), «Адабиёти ҷавонмардии форсу тоҷик» (Ҷ.2., 2008)., «Рисолаҳои ҷавонмардӣ» (2010), «Мактаб ва маслаки Ҳофиз» (2013). «Ғазали муосир» (1985), «Достони Амир Арслон» (1986); «Ахлоқи Мӯҳсин», «Футувватномаи султонӣ» (1991-2010), «Рисолаи Ҳотамия» (1991), «Абӯмуслимнома» (Ҷ.1,2,1994-2001), «Одоби муошират» (1998), «Абӯмуслими Хуросонӣ» (2001), «Иқболнома» (Исломобод, 1999), «Девони Маҳҷубаи Ҳиротӣ» (2005), «Насимӣ. Девон» (2005), «Тазкираи шоирони муосираи Ҳирот», «Шоҳини Шерозӣ» (Иерусалим, 2014), «Ғазали ноёби Ҷомӣ ва шеъри муосири Ҳирот» (2016). «Омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти Абуалӣ ибни Сино дар синфи VIII» (1980), «Албому схемаҳо

дар бораи хаёт ва фаъолияти С.Айнӣ» (1985), «Дарси мунозиравии адабиёт» (1992), «Академик Иброҳим Обидов» (1998), «Мактабдори бузургмеҳр» (аз рӯзгори Ш. Ҳусейнзода, 2007), «Фазилатгуҳар» (2005), «Маъруфи маориф» (2002), «Фалсафаи илм» (2012), «Суханварӣ» (2013). Таълифоти иҷтимоӣ-сиёсӣ: «Абармарди дунёи сиёсат» (2001), «Нақши ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар раванди демократикунонии ҷомеа» (2001), «То чашм кушодем, ба хеш оина дидем» (Техрон, 2002), «Сиёсатмадори таърихнигор» (2003), «Аз қасри Арбоб то кохи Ваҳдат» (2004), «Корномаи Ваҳдат» (2007), « Чароғи ҳидоят, нури уммат ва бақои миллат» (2009), «Сиёсати давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ" (2010), бистҷилдаи «Ваҳдат, Давлат ва Президент» (1998-2013), «Масири саодат» (2011), «Назарияи Ваҳдат» (К.1.2., 2011), «Давлатсоз» (2012), «Истиқлолият ва ваҳдат» (2012), «Ваҳдат – зевари давлати миллӣ» (2012), «Ваҳдат - таҳкимбахши давлати соҳибистиқлол» (2012).

Таснифоти бадеӣ: «Коғази сиёҳ» (1973), «Фиғони дарахт» (1998), «Беномус» (2001), «Рашк» (2001), «Андарзи дарё» (2002), «Ҳақталоши Зарафшон» (2010).

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: Аз соли 1983 то соли 1990 дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ) ва муовини декани факултети филологияи Донишгоҳ фаъолият намудааст. Солҳои 1990-1992 мушовири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Солҳои 1992-1997 ба ҳайси мудири кафедраи забонҳои Академияи милисаи ВКД ҶТ фаъолият кардааст. Аз соли 1997-2000 дар вазифаи мудири кафедраи улуми башарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон кор кардааст. Соли 2000 мушовири давлатӣ, баъдан мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба робита бо ҷомеа таъин гардидааст. Аз соли 2003 то 2014 раиси Кумитаи иҷроияи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон будааст.

**(Р. Восиева)**



**Қурбонов Содиқ Ҳамроқуллович** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

23-юми октябри соли 1974 дар ноҳияи Бойсуни вилояти Сухондарё таваллуд шуда, соли 1990 мактаби миёна, соли 1996 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст.

Соли 1998 муҳаққиқ-коромӯзи кафедраи таърихи забон ва типологияи ДДТ. Соли 2003 шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи миллии тоҷикистонро хатм карда, соли 2004 таҳти унвони «Ибораҳои исмӣ дар лаҳҷаҳои Бойсун» рисолаи номзадиашро дифоъ намудааст.

Барои хизматҳои бенуқсон дар соҳаи омӯзгорӣ бо нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2016) сарфароз гардонида шудааст.

Муаллифи 1 монография, 12 дастури таълимӣ ва беш аз 70 асару мақолаҳои илмӣ-методӣ ва оммавӣ мебошад. «Лаҳҷанумӯи дигари забони куҳан” (2008) (монография); “Забони тоҷикӣ” (дастури таълимӣ барои факултетҳои физика ва риёзӣ) (2014) (ҳаммуаллиф), “Ҳуҷҷатнигорӣ” (2015),“Таълими қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ” ( 2016).



**Қурбонов Нодир Фозилович** – номзади илмҳои филология.

4-уми июни соли 1985 дар ноҳияи Файзобод таваллуд шуда, соли 2003 макаби миёна, соли 2008 факултети филологияи ДДМТ (ҳозира ДМТ)-ро хатм кардааст.

Солҳои 2010-2014 ба сифати ассистенти кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ фаъолият кардааст ва дар ин муддат дар мавзӯи «Афкори забоншиносии Шамси Қайси Розӣ» рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст. Муаллифи 15 мақолаи илмӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: мудири кафедраи забонҳои романӣ-германӣ ва тарҷумашиносии факултети забонҳои романӣ-терманӣ дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (2014-2016).



**Қурбонов Мадохир** – (05.01.1929 дар ноҳияи Шӯроободи вилояти Хатлон таваллуд шуда, соли 1998 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), забоншинос, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент.

Хатмкардаи Донишкадаи муаллимайёркунии Кӯлоб (1952), УДТ (1957) ва аспирантураи ИДПД (1963). Баъди хатми аспирантура солҳои 1963–1970 мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ИДПК, солҳои 1971–1972 мудири шӯъбаи таълими забон ва адабиёти ИТИИП, солҳои 1972–1991 дотсенти кафедраи фолклор ва адабиёти халқҳои СССР ва кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики УДТ буд. Муаллифи чанд барнома, китоби дарсӣ ва мақолаҳои илмӣ мебошад.

**Ос**.: “Таълими забони тоҷикӣ” дар синфи 5. (1974), “Инкишофи нутқ дар дарсҳои забони модарӣ” (1978), “Методикаи инкишофи нутқи мураттаб” (1982), “Асосҳои лингвистӣ ва методологии таълими услубшиносӣ дар мактаби миёна” (1988), “Забони тоҷикӣ” (китоби дарсӣ барои синфи 5) (1990).



**Латифов Фатҳилло Ғаниевич** – ассистенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

10-уми марти соли 1986 дар деҳаи Қуми ноҳияи Айнӣ таваллуд шуда, соли 2005 мактаби миёна, соли 2010 шуъбаи рӯзонаи факултети филологияи ДМТ, соли 2013 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намуда, дар мавзӯи «Масъалаҳои сохтор ва мундариҷаи қасоиди Амир Хусрави Деҳлавӣ» тадқиқоти илмӣ бурда истодааст.

Муаллифи мақолаҳои “Сарчашмаҳои адабии қасидаи “Дарёи аброр”-и Амир Хусрави Деҳлавӣ” (2013), “Муҳтавиёти қасоиди Амир Хусрав” (2013), “Сохт ва таркиби қасоиди Амир Хусрави Деҳлавӣ” (Теҳрон, 2015) мебошад.



**Лившиц Владимир Аронович** (6.10.1923, дар ш. Ленинград таваллуд шуда, 10.06.2017 вафот кардааст), забоншинос -шарқшинос, доктори илми филология, профессор.

Донишгоҳи давлатии Ленинград ба номи А.А. Ждановро хатм кардааст. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Солҳои 1952-1958 ходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон дар Институти педагогӣ ва Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон аз грамматика, таърихи забон (давраи миёнаи таърихи забони форсии тоҷикӣ) ба донишҷӯён лексия хондааст. Аз соли 1958 корманди шуъбаи Ленинградии Институти шарқшиносии АФ СССР мебошад. Ӯ яке аз мутахассисони барҷаста дар таҳқиқи давраи миёнаи забонҳои форсӣ-тоҷикӣ буда, дар хониш ва тафсири навиштаҷоту катибаҳои ҳуҷҷатҳои суғдӣ, хоразмӣ, портӣ, бохтарӣ беҳтарин мутахассис буд. Зиёда аз 100 мақолаву асарҳои пурарзиш ба қалами ин олими маъруф тааллуқ дорад.

**Маҷидов Ҳомид** – доктори илмҳои филология, профессори кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.



15-уми июни соли 1937 дар деҳаи Чоряккорони ноҳияи Рӯдакӣ таваллуд шуда, соли 1961 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин, соли 1967 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи ҳамин донишгоҳро хатм карда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавию маъноии воҳидҳои фразеологии феълии забони адабии ҳозираи тоҷик» соли 1968 ва  рисолаи доктариро дар мавзӯи «Системаи фразеологии забони адабии муосири тоҷик» соли 1995 дифоъ намудааст.

Профессор Маҷидов Ҳ. бо медали «Ветерани меҳнат» (1987), нишони «Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурии

Тоҷикистон» (1995) ва унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» (1997) сазовор дониста шудааст.

Муаллифи интишороти "Изучение русской фразеологии в таджикской школе» (дар ҳамкорӣ).– Душанбе, 1980, «Ҳилол Каримов – муаллими нахустини мо».–Душанбе, 1982, "Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик".–Душанбе, 1982, The Similarity of Reflecting Reality in tajik phraseology and in other languages // The «Shahname» of Firdowsi is uniqe, creative, and artistic achievement in history of word civlization.– Dushanbe – Tehran, 1994, «Забони адабии муосири тоҷик ва меъёрҳои луғавии он» // Садои Шарқ. – 2005.– №7-9; «Забони адабии муосири тоҷик». Ҷ.1.– Луғатшиносӣ.– Душанбе, 2007, «Системаи фразеологии забони адабии муосири тоҷик».– Душанбе, 2006, "Фразеологическая система современного таджикского литературного языка». (2006), «Мулоҳизае чанд роҷеъ ба баъзе масъалаҳои грамматикаи забони тоҷикӣ» // Садои Шарқ.-2010.– №2; «Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ».– Душанбе, 2014.

Профессор Маҷидов Ҳ. бунёдгузори назарияи фразеологияи забони тоҷикӣ аст. То имрӯз зиёда аз 300 дастуру мақолаҳо ва асарҳои илмии ӯ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва форсӣ рӯйи чоп омадаанд.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1985-1988 проректори Донишкадаи педагогии забон ва дабиёти рус оид ба таълим; солҳои 2002-2005 мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ; солҳои зиёд ба ҳайси узви Шӯрои махсуси Академияи илмҳои Тоҷикистон оид ба дифои рисолаҳои докторӣ аз забон, узви комиссияи кории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тадбиқи Қонуни забон, узви гурӯҳи кории Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» фаъолият намудааст.



**Маҳмадаминов Абдулҳай Саидович** – доктори илмҳои филология, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии фаултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

1-уми апрели соли 1951 дар деҳаи Муллоконии ноҳияи Сари Хосори вилояти Кӯлоб таваллуд шуда, соли 1973 Университети давлаии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленинро бо дипломи аъло хатм карда, соли 1993 рисолаи номзадиро дар мавзӯи “Намунаи адабиёти тоҷик”–и С. Айнӣ ва ҷараёни адабии солҳои 20-ум” ва соли 1997 рисолаи доктириро дар мавзӯи “Садриддин Айнӣ ва ташаккули адабиётшиносии муосири тоҷик” (дар асоси “Намунаи адабиёти тоҷик”) дифоъ намудааст.

Маҳмадаминов Абдулҳай ба нишони сарисинагии «Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1998) ва унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» (1999) сарфароз гардидааст.

Маҳмадаминов Абдулҳай танҳо дар хусуси асари бунёдии С. Айнӣ тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» беш аз 100 мақола ва чор монография «Ҷустуҷӯи ҳақиқат» (1994, ба забони русӣ), «Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ» (1998), «Айнишиносӣ ва замони ҳозира» (2005), «Садриддинхоҷаи Айнӣ ва сарнавишти тоҷикон» (2008) ба табъ расонидааст.

Маҳмадаминов Абдулҳай матни илмию интиқодии китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимии «Тартил-ул-Қуръон», «Таҳзиб-ус- сибён», «Зарурийёти динийя», «Намунаи адабиёти тоҷик» -и С. Айнӣ, «Мухтасари таърихи Ислом», «Мавлуди шариф ё худ миръоти Хайру-л- башар», «Мусулмонони Доруррохат», «Оила ё худ вазоифи хонадорӣ», «Баёноти Сайёҳи Ҳиндӣ», «Қоидаҳои забони тоҷик (Сарф ва наҳв)», «Раҳбари наҷот», «Намунаи ганҷи шойгон», «Бародари меҳрубон»-и А.Фитрат, «Дафтари сабз»-и Сомеи Одиназодаи Хатлонӣ, «Маданият ва вазоиф», «Шариати исломия ва тараққиёти мадания»-и Сайид Аҳмади Васлии Самарқандӣ, «Василат-ун - наҷот» - и Муҳаммадҳусайни Ҳоҷиро омода ва ба зевари табъ ороста аст.

Тарҷумаи китоби дарсии С. Айнӣ «Духтарбача ё ки Холида», осори шарқшиносони рус А. Д. Гребенкин «Тоҷикони округи Зарафшон», «Таҷрибаи тавсифи бекигарии Кӯлоб» ба қалами устод Маҳмадаминов А. тааллуқ дорад.

Фолклоршиносӣ ва луғатшиносӣ қисми таркибии фаъолияти тадқиқотии Маҳмадаминов Абдулҳай мебошад. Таснифи луғати шеваи гӯиши мардуми Хатлон таҳти унвони «Фарҳанги Асалмоҳ», осори фолклории «Қиссаи ҳазрати Шоҳ Аҳтам», «Маликаи зебоҳусн», «Шоҳзода Доробшоҳи зарринкамар» аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Барнома ва дастурҳои таълимии «Программаи адабиёти тоҷик» (1984), «Мавзӯъҳои корҳои контролӣ аз адабиёти тоҷик барои шунавандагони ғоибхони факултетҳои иқтисодӣ ва таъриху ҳуқуқшиносии шуъбаи тайёрии УДТ ба номи В.И.Ленин» (1984), «Дастури методӣ оид ба кори амалии шуъбаи тайёрӣ» (1987), «Муқаддимаи адабиётшиносӣ» (Барномаи дарсҳои лексионӣ ва амалӣ) (1996 - 2012), «Адабиётшиносии муқоисавӣ» (2012), «Мактабҳои адабӣ» (2013, 2016), «Назарияи адабиёт» (Барномаи дарсҳои лексионӣ ва амалӣ) (2013), “Адиби мубориз”(1998), “Поиски истины («Образцы таджикской литературы» в борьбе за права таджикского народа)” (1994), “Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ (тазкираи С. Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик»)”(1998), “Ислом – нурбахши адабиёт ва фарҳанг”(2004), “Сомеи Одиназодаи Хатлонӣ”. Дафтари сабз. (2004), «Айнишиносӣ ва замони ҳозира» (2005), «Сухан аз корномаи устод Лоҳутӣ» (2007), «Садриддини Айнӣ - олим» (2010), «Сайид Садриддинхоҷаи Айнӣ. Духтарбача ё ки Холида» (2010), «Ҳоҷӣ Абдурраухи Фитрати Бухорой. Раҳбари наҷот» (2011), «Родмарде аз Самарқанди бостон» (2012), «Маликаи зебоҳусн. Афсонаҳои Сайиди Маҳмадӣ дар сабти Абдулҳай Маҳмадаминов» (2016) ва муаллифи зиёда аз 400 мақола аст.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1984 – 1992 ҷонишини декани шуъбаи тайёрии ДМТ; солҳои 1996 – 1999 ҷонишини декан оид ба шуъбаи ғоибонаи факултаи филологияи ДМТ; аз соли 2009 то соли 2016 раиси Шӯрои илмию методии факултети филологияи ДМТ; роҳбари маҳфили илмии «Накди адабӣ»-и факултети филологияи ДМТ мебошад. Аз соли 2009 то соли 2016 узви Шӯрои илмию методии ДМТ.



**Мақсудов Бадриддин** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

31-уми майи соли 1956 дар шаҳри Конибодом таваллуд шуда, соли 1973 мактаби миёна, соли 1978 факултети филология, соли 1989 шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро хатм карда, соли 1992 рисолаи номзадиро дар мавзӯи “Камоли Хуҷандӣ ва хусусиятҳои асосии ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ” дифоъ намудааст. Соли 2000 дотсенти Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон, соли 2007 рисолаи доктории худро дар мавзӯи “Фахруддини Ироқӣ ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик” дифоъ намуда, аз соли 2010 профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ мебошад.

Соли 1985 ба хотири иҷрои содиқонаи вазифаи интернатсионалистӣ дар Ҷумҳурии демократии Афғонистон бо Нишони ИЛКҶУ, соли 1987 барои ороиши намунавии толори хониши Кабинети Ҷомӣ Грамотаи Фахрии Вазорати мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси РСС Тоҷикистон, соли 1997 барои тарғиби донишҳои ихтисосии адабӣ дар миёни омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷики мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013 барои хидматҳои шоиста дар соҳаи илму маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ордени Шараф дараҷаи II сарфароз гардонида шудааст.

Муаллифи китобҳои “Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ” (1994), Мунтахаби ғазалиёти Камол “Саду як ғазал” (1996), Мунтахаби ғазалиёти Ироқӣ (2004), “Сайре дар ғазалиёти Ироқӣ” (2007), “Феҳристи дастнависҳои Маркази фарҳангии ба номи Ш. Ҳусейнзода” (2007), “Мунтахаби ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ” (2008), “Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Ироқӣ” (2009), “Равиши таҳқиқи адабиётшиносӣ” (2012), Камоли Хуҷандӣ. Ғазалҳо (2014), “Равиши таҳиқиқ дар адабиёти форсӣ (ва дигар риштаҳои улуми инсонӣ)” (2015), “Камоли Хуҷандӣ. Девон” (2015), 5 дастур ва васоити таълим ва беш аз 200 мақолаи илмӣ ва илмӣ-омавӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1992-1996 ҷонишини декан оид ба илм; солҳои 1996-1997 ҷонишини декан

оид ба корҳои таълими шӯъбаи ғоибона; солҳои 1998-2006 мудири кафедраи улуми башарии Донишкадаи озоди Исмоили Сомонӣ.

Дар тайёр кардани кадрҳои илмии филологӣ саҳм дорад. 3 шогирди бевоситаи ӯ рисолаи номзадиашонро дифоъ кардаанд ва алҳол чаҳор шогирди дохилию хориҷии вай дар арафаи дифоъ қарор доранд.



**Мавлонов Абдуллоҷон Мавлонович** – фолклоршинос, адабиётшинос, номзади илми филология, дотсент.

26-уми декабри соли 1942 дар шаҳри Ленинобод таваллуд шуда, соли 1964 факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин, соли 1969 шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро хатм карда, соли 1972 дар мавзӯи “Ҳаҷв ва юмор дар адабиёти баъдиҷангии советии тоҷик ва журнали “Хорпуштак” рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст.

Солҳои 1965-1966 дар вазифаи лаборанти калон, ассистенти кафедраи таърихи адабиёти шӯравии тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И.Ленин ва солҳои 1970-1993 дар вазифаи дотсенти кафедраи фолклор ва адабиёти халқҳои ИҶШС-и Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) фаъолият кардааст.

Барои меҳнати пурсамараш дар соҳаи маориф соли 2013 бо нишони “Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” сарфароз гардонида шудааст. Инчунин бо медали 30-солагии ДДТ ба номи В.И.Ленин ва ифтихорномаҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Суғд қадрдонӣ шудааст.

Муаллифи зиёда аз 400 мақола ва рисолаи илмӣ, илмию методӣ ва илмию оммавӣ аст: Ҳаҷв ва юмор дар адабиёти баъдиҷангии советии тоҷик ва жур нали «Хорпуштак». (1969), “ Сатира и юмор в таджикской советской литературе послевоенных лет и журнал «Хорпуштак (1972), “Эпиграмма дар адабиёти муосири тоҷик” (1974), “Таърихи ташаккули жанри масал дар адабиёти тоҷик” (1978), “Аз таърихи ҳаҷви

матбуоти советии тоҷик” (1984), “Программаи курси методикаи таълими адабиёт” (1989), “Саволнома барои озмуни тестӣ аз забон ва адабиёти тоҷик” (1995), “Пурсиш ва посухҳо аз забон ва адабиёти тоҷик” (1995), “Ташаккул ва такомули ҳаҷву мутоиба дар адабиёти муосири тоҷик” (2004), “Шоирони халқӣ” (Раҳнамои таълим) (2005) , “Фолклори тоҷик” (2010), “Ҳаҷв ва мутоиба дар адабиёти нимаи дуюми садаи XX тоҷик” (2012), “Роҳ ва усулҳои ҷамъ кардани эҷодиёи даҳанакии халқи тоҷик” (2012-2014), “Васоити муосири баҳо” (2012-2013), “Шоирони халқӣ” (2012-2014), “Фолклори тоҷик” (2012-2015), “Таҳлил ва коркарди матнҳои фолклорӣ” (2012-2017), “Масъалаҳои умумии фолклоршиносӣ” (2013-2017).

Фаъолияти роҳбарию ҷамъиятӣ: солҳои 1959-1960 курери давлатии Совети вазирони ҶТ; солҳои 1993-1996 мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров.



**Мамадулоева Насиба Мамадшифоевна** – китобдорӣ китобхонаи ба номи Шарифҷон Ҳусейнзодаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

8-уми декабри соли 1984 дар шаҳри Душанбе таваллуд шуда, соли 2003 мактаби миёна ва соли 2008 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намуда, аз соли 2014 унвонҷӯйи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ мебошад. Мамадулоева Н. дар мавзӯи «Луғз ва муаммо дар асри XV» таҳқиқот бурда истода, муаллифи мақолаҳои илмӣ дар мавзӯи «Таърихи пайдоиши луғз дар адабиёти классик», «Санъати Луғз дар адабиёти асри X-XII» мебошад.



**Мирзоев Абдулғанӣ** – (12.12.1908 дар деҳаи Варганзаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд шуда, 16.08.1977 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), адабиётшинос, доктори илми филология, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Арбоби шоистаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Ленинград (1939).

Бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат, 2 ордени «Нишони Фахрӣ», чандин медал ва ифтихорномаҳои Раёсати Шӯрои Олии Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

Фаъолияти илмии Мирзоев А. доманадор буда, доир ба забон ва адабиёти тоҷик асарҳои арзишманде боқӣ гузоштааст. Аммо тадқиқоти асосиаш доир ба давраи кам омӯхташудаи адабиёти баъди асри XV мебошад. Ҳаёт ва эҷодиёти Сайидои Насафӣ, Камолиддини Биноӣ, Малеҳои Самарқандӣ, Мулҳами Бухороӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Сайфии Бухороӣ, Аҳмади Донишро таҳқиқ кардааст. Тадқиқоти илмии ҳаҷман хурдаш дар маҷмӯаи «Сездаҳ мақола» (1977) ба табъ расидааст.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: Депутати Шӯрои олии РСС Тоҷикистон, даъватҳои 2-5 буд. Ҳамчунин узви сексияи шарқшиносии Анҷумани умумиитифоқии равобити маданӣ бо кишварҳои хориҷӣ, узви правленияи Анҷумани равобити мадании СССР бо мамлакатҳои араб, муовини раиси анҷмумани равобити мадании Тоҷикистон бо мамлакатҳои араб буд. 1945-1947 мудири сектори адабиёт, 1947-1951 директори ҳамин муассиса, 1951-1958 мудири сектори адабиёти классикии Академияи илмҳои Тоҷикистон, 1958 то поёни умр мудири Шӯъбаи шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Мирзоев А. аз ибтидои таъсиси Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон то соли 1965 аз фанни таърихи адабиёти тоҷик дарс мегуфт, ҳамчунин узви Шӯрои олимон доир ба ҳимояи рисолаҳои номзадӣ буда, ба кори илмию тадқиқотии аспирантҳо роҳбарӣ мекард. Аз соли 1948 узви Иттифоқи нависандагони СССР буд.



**Мирбобоев Азиз** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

22-юми октябри соли 1957 дар ноҳияи Ишкошим ба дунё омада, соли 1975 мактаби миёна, соли 1980 факултети филологияи УДТ (ҳозира ДМТ), соли 1987 шуъбаи аспирантураи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро хатм карда, соли 1991 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Лексикаи чорводории забони вахонӣ» дифоъ намудааст.

Дар соли 1997 барои ба нашр омода намудани фарҳанги масодири гӯйишҳои эронии Тоҷикистон ва саҳми арзанда дар рушди эроншиносӣ ба Ҷоизаи Мавлавии Бунёди байналмилалии забони форсӣ-тоҷикӣ сарфароз гардидааст.

Муаллифи китобҳои “Фарҳанги масодири забонҳо ва гӯйишҳои эронии Тоҷикистон” (бо ҳаммуаллифӣ) (1997); Фарҳанги номҳои тоҷикӣ (бо ҳаммуаллифӣ) (2000); “Девони Одамушшуаро Рӯдакӣ” (бо ҳаммуаллифӣ) (2002); “Иранистика” (2012) (бо ҳаммуаллифӣ), “Муқаддимаи филологияи эронӣ” (2015) барномаҳои таълимӣ аз фанҳои таърихи забони тоҷикӣ, забонҳои қадимаи эронӣ, муқаддимаи филологияи Эрон» ва зиёда аз 200 мақолаи илмӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ мебошад.

Фаъолиятҳои ҷамъиятию роҳбарӣ: Солҳои 1997-2003 котиби илмии кафедраи таърихи забони факултети филологияи ДМТ, муовини илмии декани факултети филологияи Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон; солҳои 1998-2007 узви Шӯрои илмӣ, узви Шӯрои диссертатсионии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон; аз соли 2015 то ҳол мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва ҳамзамон дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи ДМТ.



**Мисбоҳиддини Нарзиқул** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

19-уми сентябри соли 1970 дар деҳаи Артучи ноҳияи Панҷакент таваллуд шуда, соли 1987 мактаби миёна, соли 1993 факултети филология, соли 1996 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) - ро хатм кардааст. Соли 1997 дар мавзӯи “Адабиётшиносии форсии тоҷикӣ дар асрҳои XIII-XIV” (таҳти роҳбарии профессор Х. Шарифов) рисолаи номзадӣ ва соли 2010 дар мавзӯи “Эъҷози хусравӣ”-и Амир Хусрави Деҳлавӣ ва суннатҳои номанигорӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ (асрҳои X-XIV)” (мушовири илмӣ: профессор Худоӣ Шарифов) рисолаи докторӣ дифоъ кардааст.

Дар соли 1997 барои хидматҳои шосита дар рушди соҳаи маориф ва илм бо нишони Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999 барои дастовардҳо дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ бо Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонии Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007 бо Ифтихорномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2016 бо нишони "Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон" сарфароз гардонида шудааст.

Муаллифи китобҳои "Адабиётшиносии форсӣ-тоҷикӣ дар асрои XIII-XIV" (1998), "Фурӯғи ҳастӣ (зиндагинома, баррасӣ ва накди ашъори Лоиқ) (2002), "Ҷойгои сухан" (2006), "Муқаддимаи шеършиносӣ (вазни шеър) (2002), "Авзони ашъори Рӯдакӣ (2008), "Таърих ва назарияи номанигорӣ" (2009), "Эъҷози Хусравӣ" ва мақоми он дар таърихи афкори адабии форсии тоҷикӣ (2009), "Нома ва номанигорӣ" (2013), "Калиди Эъҷоз" (2014), "Трактат Амир Хусрава Дихлави "Эъджази Хусрави" ("Чудо Хусрава") и традиции эпистолярного жанра в истории персидско-таджикской литературы (X-XIV вв.)" (2014) ва беш аз 150 мақолаи илмӣ, илмӣ-омавӣ ва методӣ мебошад. Мақолаҳои муаллиф дар хориҷ аз Тоҷикистон, дар Эрон, Покистон, Доғистон, Қазоқистон низ чоп шудаанд.

Фаъолияти ҷамъиятиву роҳбарӣ: Солҳои 2002-2007 ва 2012-2013 ба ҳайси ҷонишини декан оид ба илм; солҳои 1997 - 2007 сарвари Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавони факултети филология; солҳои 2000- 2007 раиси Шӯрои маркази Ҷамъияти илмии донишҷӯёни ДМТ; солҳои 2013-2016 декани факултети филология; аз моҳи марти 2016 мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи ДМТ.

Аз соли 2010 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (шаҳодатномаи № 389); аз соли 2013 узви Иттифоқи журналистони Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳодатномаи №2023).

Бо роҳбарии профессор Мисбоҳиддини Нарзиқул 5 нафар рисолаи номзадӣ ҳимоя намуда, 7 нафар аспиранту унвонҷӯёни ватанию хориҷӣ корҳои илмӣ-тадқиқотӣ анҷом медиҳанд.



**Мирзоёров Фирдавс Ниёзович** – номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикстон.

25-уми сентябри соли 1979 дар ноҳияи Айнӣ таваллуд шуда, соли 2001 ихтисоси ҳуҷҷатнигории факултети филологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (бакалавр), соли 2003 ихтисоси забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (магистр) ва соли 2008 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Рисолаи номзадиашро соли 2011 дар мавзӯи «Шарҳи грамматикӣ дар фарҳангҳои тафсирии асрҳои XVI-XIX» дифоъ намудааст.

Соли 2010 барои таблиғи худшиносӣ дар соҳаи фарҳангу маориф бо нишони «Аълочии матбуоти Тоҷикистон» сазовор гардидааст.

Муаллиф ва мураттиби лоиҳаи «Стандарти фанни забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-11» ( 2017) (бо ҳаммуаллифӣ), «Барномаи таълимӣ аз фанни забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-11»( ба ҳаммуаллифӣ), «Роҳнамо барои омӯзгорон аз фанни забони тоҷикӣ синфи 6» (бо ҳаммуаллифӣ), «Замима ба китоби дарсии забони тоҷикӣ синфи 6» (бо ҳаммуаллифӣ) мебошад. Ӯ муаллифи ду барномаи таълимӣ аз фанҳои «Лингвистикаи ҳуҷҷат» (2015) ва«Фарҳангнигории муосир» (2016) ва зиёда аз 80 мақолаҳои илмӣ ва илмию оммавӣ мебошад.

Аз соли 2008 узви иттифоқи журналистони Тоҷикистон мебошад.



**Мирзоева Райҳон Лутфуллоевна** – 19-уми марти соли 1985 дар деҳаи Гузари Болои ноҳияи Қубодиён таваллуд шуда, соли 2016 шуъбаи ғоибонаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст.

Аз соли 2011 то соли 2014 ба ҳайси лабаранти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи ДМТ фаъолият намудааст.




**Музаффаров Мирзобадал** – муаллими калон.

1-уми июли соли 1936 дар ноҳияи Айнии вилояти Суғд ба дунё омада, соли 1953 мактаби миёна, худи ҳамон сол ба факултети филологияи тоҷики Институти давлатии педагогӣ ба номи Т.Г. Шевченко (ҳозара Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) дохил шуда, онро соли 1958 хатм кардааст.

Фаъолияти меҳнатии худро соли 1958 дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ РСС Тоҷикистон (ҳозира Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба ҳайси корманди хурди илмӣ оғоз карда, баъди гирифтани мавзӯи илмӣ ба вазифаи корманди калони илмӣ гузаронида шуд. Соли 1967 дар мавзӯи «Тарбияи ватандӯстии сотсиалистӣ дар дарси адабиёт» дастури методӣ ба табъ расонд. Соли 1968 ба Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) гузашта, дар факултети филология дар вазифаи муаллими калон то охири ҳаёт кору фаъолият кардааст. Ӯ дар мавзӯъҳои «Адабиёт ва фолклор», «Фолклори мардуми Фалғар», «Мақоми фолклор дар ташаккули забони адабии ҳозираи тоҷик» мақолаҳо навишта, дар рӯзномаҳои «Маориф ва маданият», маҷаллаҳои «Садои Шарқ», «Мактаби советӣ» ва ғайра ба табъ мерасонд.

Музаффаров М. бинобар қобилияти баланди ташкилотчигиаш солҳои тӯлонӣ ба ҳайси раиси Иттифоқи касабаи устодону кормандони факултети филологияи тоҷики УДТ ба номи В. И. Ленин кор кардааст. Ҳамчун раиси Иттифоқи касаба дар ташкили чорабиниҳо маърифатӣ-фарҳангии факултет фаъолияти намунавӣ дошт.

***(Ш. Музаффарова)***



**Муҳаммадиев Мардон** (28.05.1928 дар ноҳияи Панҷакент таваллуд шуда, соли 2015 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), забоншинос, номзади илми филология, дотсент.

Соли 1944 ба Омӯзишгоҳи омӯзгории Панҷакент дохил мешавад. Соли 1954 факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм намуда, соли 1956 ба аспирантураи кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда, соли 1960 дар мавзӯи «Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик» рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст.

М. Муҳаммадиев аз соли 1960 дар вазифаи муаллими калон ва дотсент то ба нафақа баромадан дар кафедраи забони адабии муосири тоҷики Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳолоДМТ) фаъолият кардааст.

Осор: "Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик" (1962), "Очеркҳо оид ба лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик" (1962), "Луғати синонимҳо" (1975), "Забони ҳозираи тоҷик. Лексика". (дастури таълимӣ) (ҳаммуаллифӣ) (1981), "Луғати синонимҳо" (1984), "Вожашиносӣ" (дастури таълимӣ) (ҳаммуаллифӣ) (1987) "Васоити таълимӣ аз забоншиносии умумӣ" (ҳаммуаллифӣ) (1988), "Лексикаи забони адабии ҳозираи точик" (ҳаммуаллифӣ) (1997) ва зиёда аз 70 асару мақолаҳои илмию методӣ таълиф намудааст.



**Мусулмонқулов Раҳим** – (21.01.1938, дар ноҳияи Қубодиён таваллуд шуда, соли 2016 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), адабиётшинос, доктори илмҳои филологӣ (1980), профессор .

Соли 1962 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, соли 1966 шуъбаи аспирантураро хатм кардааст.

Баъди хатми таҳсил дар ҳамин донишгоҳ ба кор монда, ба ҳайси лаборанти калон (1963), муаллими кафедраи адабиёти советии тоҷик (1967-1979) фаъолият дошт.

Муаллифи таълифоте ба номи: «Сайре дар бӯстони ҳикмат» (1970), «Ду нишони шеъри олӣ» (1971), «Ҳаёти иҷтимоӣ ва

тасвири шоирона» (1969-1973), «Хоҷа Ҳофиз ва Темури Ланг» (1971), «Мафҳуми қасида дар сарчашмаҳои назариявии асрҳои XI -XV» (1979), «Радифи як шоҳасар» (1980), «Қофия: пайдоиш ва арзиш» (1982) ва ғайра. Барои донишкадаҳои олӣ ва мактабҳои миёна асарҳо таълиф кардааст «Саъҷ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик» (1970), «Талаби замон ва равобити адабӣ» (1973), «Асрори сухан» (1980), «Фурӯғи шеъри ҷонпарвар» (1984).

Асарҳои адабиётшиносии Атоуллоҳ Маҳмуди Хусайнӣ – «Бадоеъ-ус-саноеъ» (1974) ва Ҳусайн Воизи Кошифӣ – (Бадоеъ-ул- афкор фи саноеъ-ул-ашъор)-ро (1977) бо пешгуфтору тавзеҳот ба табъ расондааст.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ:Солҳои 1980-1992 мудири кафедраи адабиёти советии тоҷик.



**Муҳибов Хайрулло –** (10.05.1929, дар ноҳияи Темурмалик таваллуд шуда, моҳи октябри соли 2010 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), адабиётшинос, дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи ДМТ муаллими калон буд.

Хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (1956) ва аспирантураи он (1962). Солҳои 1956-1959 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба ҳайси муаллим фаъолият кардааст. Минбаъд ба ҳайси муаллими калони кафедраи адабиёти советии тоҷик (1962-1989), кафедраи фолклоршиносӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик (1989-1995) ва аз 1995 то поёни умр дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон фаъолият дошт.

Зиёда аз 50 тақризу мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст. Мақолаҳои ӯ «Намунаҳои фолклори Кангурт» (1964), «Сароғози очерки тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ» (1981), «Очерк» (1984), «Ду тарҷумаи як шеър» (1987), «Доир ба таҳрири достони «Ҳасани аробакаш»-и Мирзо Турсунзода ва сабаби он» (1988), «Тахаюл ва ҷамъбасти бадеӣ дар очерк» (1999), «Ҳаким Карим - очеркнавис» (1965), «Ду таҳрири як достон» (2007) дар маҷаллаву маҷмӯаҳои илмӣ чоп шудаанд. Дорандаи нишони «Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурии

Тоҷикистон» (1993). Бо ифтихорномаи Шӯрои Олии Тоҷикистон (1958), медали «Собиқадори меҳнат» (1987) мукофотонида шудааст.



**Муъминов Алиакбар –** (Соли 1941 дар шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд таваллуд шуда, соли 1978 дар шахри Душанбе вафот кардааст) номзади илми филология, дотсент.

Соли 1959 ба факултети таъриху филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин ( ҳоло ДМТ) дохил шуда, онро соли 1964 хатм кардааст. Соли 1971 рисолаи номзадии худро бо номи «Сермаъноии калимаҳо дар забони тоҷикӣ» ҳимоя кардааст. Ӯ аз соли 1975 то лаҳзаҳои охири умри худ ба ҳайси дотсент дар кафедраи забони тоҷикии УДТ кор ва фаъолият намудааст.



**Мухторов Зайнидин Мухторович** – доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типология.

28-уми октябри соли 1967 дар шаҳри Панҷакент таваллуд шуда, соли 1992 факултети филологияи ДМТ-ро хатм намудааст.

Соли 1999 рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Лексикаи ирфонии ғазалиёти Саноӣ» ва соли 2013 рисолаи доктириро дар мавзӯи «Сохт ва маънои матн дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ» дифоъ кардааст.

Дар соли 2010 барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» ва соли 2013 барои тарғибу ташвиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳангу маориф бо нишони «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон» сазовор дониста шудааст

Муаллифи китобу монографияҳои «Лексикаи ирфонии ғазалиёти Саноӣ» (2001), «Таърихи забони тоҷикӣ» (2003), «Дастур барои тренерони барномаи «Хониш ва китобат дар рушди тафаккури интиқодӣ» (2008), «Структура и семантика текста» (2013), «Култура академического письма» (2015),

«Лингвистический анализ текста» (2015) ва бештар аз 60 мақолаи илмию оммавӣ аст.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: аз 4-уми январи соли 2009 то 3-юми октябри соли 2014 директори Китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; солҳои 2008-2015 узви Коллегияи адвокатҳои шаҳри Душанбе; аз соли 2009 узви «Ассотсиатсияи байналмилалии Хониш»; аз 26-уми январи соли 2014 то ҳол ба ҳайси раиси Кумитаи авроосиёии «Ассотсиатсияи байналмилалии маърифат» (International Literacy Association); аз январи соли 2016 директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.



**Муслимов Маъбуд** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забону адабиёти тоҷики факултаи филологияи донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

1-уми майи соли 1972 дар ноҳияи Қумсангир (ҳозира Ҷайҳуни вилояти Хатлон) таваллуд шудааст. Соли 1989 мактаби миёна, соли 1990 ба факултаи забонҳои шарқ шуъбаи арабӣ дохил шудааст ва соли 1995 онро хатм кардааст. Соли 1999 шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷик бо унсурҳои луғавии арабӣ» соли 2006 дифоъ намудааст.

Барои корҳои шоёнаш дар ҷодаи таълиму тарбия соли 2014 ба ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми ҶТ сарфароз гардидааст.

Муаллифи монографияи «Воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷик бо унсурҳои луғавии арабӣ» (2009), «Забони тоҷикӣ замимаи китоби дарси барои донишҷӯёни факултетҳои геология ва кимиё» (2009), «Маҷмӯаи саволҳои тестӣ аз фанни забони тоҷикӣ» (2009), «Забони тоҷикӣ китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи кимиё» (2012), «Луғатномаи таълимии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ бо вожаҳои

арабӣ» (20014) ва 35 мақолаи илмӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ мебошад.



**Муродов Маҳмад Соҳибович** – муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ.

21-уми январи соли 1952 дар ноҳияи Панҷ ба дунё омада, соли 1968 мактаби миёна ва соли 1974 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро хатм кардааст.

Мавсуф муаллифи 13 мақолаи илмӣ аз қабили “Мавқеи экспертизаи забоншиносӣ дар илми муосир”, “Тарзи таълими забони тоҷикӣ дар гурӯҳҳои низоми кредитӣ”, “Забони тоҷикӣ ва низоми кредитӣ”, муаллифи “Барномаи забони тоҷикӣ барои гурӯҳҳои ғайрифилологии низоми кредитӣ”, Ҳамчунин дар ҳайати таҳририяи “Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ” шомил мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1998-2003 директори генералии Маркази офияткунӣ, солҳои 2003 то соли 2011 муаллими кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики ДМТ, солҳои 2011-2015 мудири бахши экспертизаи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.



**Музофиршоев Маҳмадалишо** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

27-уми июли соли 1961 дар ноҳияи Шуғнони ВМКБ таваллуд шуда, соли 1989 факултети филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) -ро хатм карда, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Наввожаҳо ва усули тавлиди онҳо дар забони адабии муосири тоҷикӣ» соли 2012 дифоъ намудааст.

Муаллифи моногрфия бо номи «Наввожаҳо ва усули тавлиди онҳо дар забони адабии муосири тоҷикӣ» (2013) ва

зиёда аз 40 мақолаи илмӣ ва васоиту дастуроти таълимӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятӣ: солҳои 2007-2008 ҷонишини декани факултети филологияи ДМТ оид ба тарбия, солҳои 2013-2016 ҷонишини декани факултети филологияи ДМТ оид ба илм ва муносибатҳои байналмилалӣ.



**Муродова Соҷида Саидовна** – 26-уми феврали соли 1962 дар шаҳри Душанбе таваллуд шуда, соли 1979 мактаби миёна, соли 1991 факултети таърихи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло ДМТ) хатм кардааст.

Муродва Соҷида аз солҳои 1983-1993 дар факултети филология ба ҳайси методисти шуъбаи шабона (ғоибона), солҳои 1993-1999 дар факултети журналистика ба ҳайси танзимгар, солҳои 1999 – 2009 дар факултети филология ба ҳайси методисти шуъбаи ғоибона, олҳои 2013 – 2014 сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ ва аз соли 2014 то ҳол ба ҳайси танзимгари шуъбаи рӯзонаи факултети забонҳои Осиё ва Аврупо фаъолият карда истодааст.



**Муслимов Ҳайдар Абубакрович** – ассистенти кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3-юми ноябри соли 1986 дар шаҳри Ваҳдат таваллуд шуда, соли 2005 мактаби миёна, соли 2010 шуъбаи рӯзонаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм карда, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ дар қасоиди Манучеҳрии Домғонӣ» навишта истодааст.

Муаллифи мақолаҳои «Топонимия Мавераннахра в «Худуд-ул-олам» (2011), «Шарҳи чанд мифоним дар қасоиди Манучеҳрии Домғонӣ (2014), «Шарҳи чанд муродифоти қасидаҳои Манучеҳрии Домғонӣ (2014), «Вожаҳои ифодагари узви бадани инсон дар қасоиди Манучеҳрии Домғонӣ (2015),

«Вожаҳои ифодагари ороишот дар қасоиди Манучеҳрӣ (2015) мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятӣ: аз 01.10.2014 то ҳол котиби илмии кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи ДМТ.



**Муминова Кимиё Маҳмадқуловна** – лаборанти калони кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи милии Тоҷикистон

20-уми феврали соли 1987 дар шаҳри Ҳисор таваллуд шуда, соли 2005 мактаби миёна ва соли 2010 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намуда, аз соли 2017 унвонҷӯйи кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ мебошад. Муминова Кимиё дар мавзӯи «Вожаю истилоҳоти пешаварӣ дар «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ» таҳқиқот бурда истодааст.



**Назари Муҳаммадхоҷа** – муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

14-уми майи соли 1982 дар ш. Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон ба дунё омада, соли 1989 мактаби миёна, соли 2005 факултети филологияи ДМТ-ро хатм намудааст.

Фаъолияти кориашро ба ҳайси муҳаққиқ-коромӯзи кафедари таърихи адабиёти тоҷик оғоз намуда, Рисолаи номзадиашро дар мавзӯи “Масъалаҳои поэтикаи сухани бадеӣ дар эҷодиёти Ҳусайн Воизи Кошифӣ” омодаи дифоъ намудааст.

Муаллифи китобҳои “Таърихи адабиёти тоҷик” (Баёз, ч.I), (бо ҳаммуаллиф) (2010), Баёзи адабиёт–синфи 10 (бо ҳаммуаллиф) (2010), Таърихи адабиёти тоҷик (Баёз, ч.II) (2014,) (бо ҳаммуаллиф) мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ; солҳои 2006-2011 китобдор ва мудири Маркази фарҳангии ба номи профессор Ш. Ҳусейнзода буд.



**Неъматов Аҳмадҷон** – (20.01.1946 дар ноҳияи Ашти вилояти Суғд таваллуд шуда, 8.08.2013 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Соли 1967 факултети филологияи Унверситети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро хатм карда, рисолаи номзадиашро соли 1976 дифоъ кардааст.

Дорандаи нишони "Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон" ва медалу ифтихорномаҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мебошад.

Фаъолияти роҳбарию ҷамъиятӣ: солҳои 1985-1987 мушовири бахши таълиму тарбия ва устоди Донишгоҳи Кобули Ҷумҳурии Афғонистон, солҳои 1980-1983 муовини декан оид ба донишҷӯёни хориҷӣ, солҳои 1993-1996 муовини декан оид ба шуъбаи ғоибонаи факултети филологияи ДМТ, солҳои 1990 – 2013 раиси Иттифоқи касабаи кормандону устодони факултети филология ва узви президиуми иттифоқҳои касабаи донишгоҳ.



**Неъматзода Турсунбой Неъматуллоевич** – (8.10.1926 дар ноҳияи Ашти вилояти Суғд таваллуд шуда, 28.08.2008 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), адабиётшинос, доктори илмҳои филология, профессор.

Соли 1942 Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Конибодомро, соли 1952 факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна (ДДОМ)-ро хатм менамояд. Пас аз хатми ин донишгоҳ солҳои 1953-1955 дар шуъбаи аспирантураи Академияи илмҳои Тоҷикистон таҳсил намудааст. Соли 1958 дар мавзӯи «Возеҳ ва эҷодиёти ӯ» рисолаи номзадӣ ва соли 1997 дар мавзӯи «Масъуди Саъди Салмон ва доираи адабии Лоҳур» (асри XI) рисолаи докторӣ дифоъ кардааст.

Аз соли 1955 дар факултети филологияи Уневерситети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин ( ҳоло ДМТ) фаъолияти кориашро оғоз мекунад ва то ба дараҷаи дотсент ва профессори ҳамин донишгоҳ мерасад.

Хидматҳои ӯ дар тули солҳои 1945-1997 бо медалу ифтихорномаҳои ҳукумати Тоҷикистон, собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Афғонистон қадр карда шудаанд. Ӯ бо нишони «Аълочии маорифи халқ» (1967) ва «Корманди шоистаи Тоҷикистон» (1997) сарфароз гардонида шудааст.

Натиҷаи тадқиқоти илмии Т. Неъматзода дар шакли рисола, монография ва мақолаҳо, аз қабили «Возеҳ» (1967), «Абулфараҷи Рунӣ»(1978), «Пайдоиши марсия дар шакли рубоӣ дар адабиёти даризабон» (1988), «Дар пайравии «Шоҳнома» (1994), «Рафоқат ва иртиботи фикрии Масъуди Салмон бо муосиронаш» (1997), «Мухтареи мустазод ва шаҳрошӯб» (1998), «Барзунома», «Шаҳриёрнома ва иртиботи онҳо бо «Шоҳнома» (2005), «Девони Возеҳи Бухороӣ» (2006) ва беш аз 200 асару мақолаҳои ӯ инъикос ёфтааст.



**Ниёзмуҳаммадов Бобоҷон Ниёзович** – (05.05.1906 дар деҳаи Фирӯзобаи ноҳияи Конибодом таваллуд шуда, 25.10.1979 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), забоншинос, доктори илмҳои филология, професор, академики АФ РСС Тоҷикистон, Ходими хизматнишондодаи Илми РСС Тоҷикистон.

Соли 1929 Интститути муаллимии Тошкентро хатм кардааст, соли 1938 шуъбаи аспирантураро хатм кардааст.

Бо мукофоти давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино, (1970) ва бо се ордени «Нишони Фахрӣ», медалҳо мукофотонида шудааст.

Асару китобҳои «Шеваи тоҷикони Шаҳритуз» (1960), «Шеваи тоҷикони Конибодом» (1961) «Синтаксиси ҷумлаҳои сода дар забони адабии тоҷик» (1960) , «Очеркҳо оид ба баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик» (1961), «Забоншиносии тоҷик» (1970) таълифоти ӯ мебошанд.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1938-1941 мудири сектори таъриху забоншиносии Базаи тоҷикистонии АФ СССР; солҳои 1941-1944 директори Институти таърих, забон ва адабаёти Филиали тоҷикистонии АФ СССР; солҳои 1948 -1951 ҷонишини раиси Президиуми Филиали тоҷикистонии АФ СССР;1951-1953 ноиби президенти АФ РСС Тоҷикистон;

солҳои 1953-1962 академик-котиби Шӯъбаи фанҳои ҷамъиятии АФ РСС Тоҷикистон; солҳои 1958-1976 мудири сектори забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ Тоҷикистон.



**Ниёзов Пӯлод Одинаевич** – (17-уми марти соли 1969 дар ноҳияи Шӯроободи (ҳоло Шамсиддини Шоҳин) вилояти Хатлон таваллуд шуда, 04.06.2016 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), номзади илмҳои филологӣ, дотсент.

Соли 1992 омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Рӯдакӣ, соли 1997 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДДТ ба номи В. И. Ленин), соли 2004 шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм карда, соли 2004 дар мавзӯи «Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии «Саломон ва Абсол»-и Ҷомӣ рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст.

Муаллифи китобҳои «Абдурраҳмони Ҷомӣ ва «Саломон ва Абсол»-и ӯ» (2015), «Рӯдакӣ дар шеъри муосири тоҷик» (2005), «Таърихи адабиёти Эрон, ч.2. (баргардон аз хатти форсӣ) (2001), «Барномаи намунавии фанҳои таълимии кафедраи таърихи адабиёти тоҷик» (2012), «Барномаи имтиҳони минимуми номзадӣ аз ихтисоси 10.01.03», «Барномаи намунавии таърихи адабиёти тоҷик» (барои факултетҳои ғайрифилологӣ) (2014) ва зиёда аз 50 мақолаи илмӣ – оммавӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1999-2003 – Раиси Кумитаи иттифоқҳои касабаи донишҷӯёни ДМТ; солҳои 2003-2007 Директори нашриёти «Сино»-и ДМТ; солҳои 2013-2014 – декани факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Данғара.



**Низомов Муҳриддин Зайниддинович** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

2-юми феврали соли 1973 дар ноҳияи Файзобод таваллуд шуда, соли 1990 мактаби миёнаро бо медали нуқра, соли 1995 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло ДМТ)-ро бо дипломи аъло хатм намудааст. Рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Масъалаҳои поэтикаи ғазалиёти Фаридуддин Аттори Нишопурӣ» соли 2002 ҳимоя кардааст. Рисолаи докториашро бо унвони “Ҳафт авранг”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва суннати маснависароӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикии асри XV” барои муҳокима ба кафедра пешниҳод кардааст.

Дар соли 2009 барои саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас бо Ифтихорномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 2012 барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф бо нишони “Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” мукофотонида шудааст.

Муаллифи монографияҳои “Ҳафт авранг”-и Ҷомӣ ва анъанаи достонсароӣ дар асри XV” (2014), “Хусусиятҳои ғоявию бадеии маснавии «Силсилат-уз-заҳаб»-и Ҷомӣ” (2016), 5 барнома ва дастури таълимӣ, беш аз 100 мақолаи илмӣ ва илмӣ-оммавӣ мебошад. Китобҳои “Мурғи саҳар”-и Маликушшуаро Баҳор (2006), “Таърихи ададбиёти Эрон (ҷилди чаҳорум)” (2011) ва “Девон”- и Камолуддин Баноӣ (2012)-ро бо ҳамкории профессор Х. Шарифов ба чоп омода кардааст.

Фаъолияти роҳбарию ҷамъиятӣ: солҳои 2000-2002 ҷонишини декани факултети филология оид ба тарбия; солҳои 2007-2012 ҷонишини декани факултети филология оид ба илм; аз 2-юми майи соли 2012 то 31-уми декабри соли 2012 директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ; солҳои 2013-2016 докторанти кафедраи таърихи адабиёти тоҷик.

Бо роҳбарии М. Низомов як нафар рисолаи номзадиашро ба анҷом расонида, як аспирант ва ду унвонҷӯ рисолаи номзадӣ навишта истодаанд.



**Норатов Мадиброҳим** – дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

1-уми феврали соли 1938 дар ноҳияи Ашти вилояти Ленинобод (ҳозира Суғд) таваллуд шуда, соли 1951 мактаби миёна, соли 1955 Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Конибодом, соли 1960 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Лелин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) соли 1966 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленинро хатм кардааст. Рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Тартиби калима дар забони адабии ҳозираи тоҷик» соли 1968 дифоъ намудааст.

Барои меҳнати пурсамараш бо медалҳои «Барои меҳнати шоён» (1985), нишони «Аълочии маорифи халқ» (1997) ва соли 1998 сазовори унвони ифтихории «Корманди шоистаи Тоҷикистон» гардидааст.

Муаллифи китобҳои «Ҷумлаҳои сода дар забони адабии ҳозираи тоҷик» (2001), «Муқаддимаи забоншиносӣ» (2004), Усули таҳлили синтаксисӣ» (1991), «Таҳлили синтаксисӣ ва навъҳои он» (2008), «Шасти камолот» (2009), «Забоншиносии умумӣ» (2013), «Забони адабии муосири тоҷик» (2011) ва зиёда аз 100 мақолаи илмӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: дотсент М. Норматов дар корҳои ҷамъиятӣ фаъол буда, борҳо аъзо ва котиби ҳизби коммунисти факултет ва комитети ҳизби донишгоҳ интихоб шудааст. Чандин сол раиси Шӯрои методии факултет буда, солҳои зиёд аъзои Шӯрои методии факултет интихоб шуда аст.



**Нозимова Гулрухсор Саидисломовна** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

12 –уми сентябри соли 1978 дар ноҳияи Мӯъминободи вилояти Хатлон таваллуд шуда, соли 1995 мактаби миёна, соли 2007 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб ба номи Рӯдакӣ, соли 2011 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм

карда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Пайдоиш ва таҳаввалули тамсил дар адабиёти форсу тоҷик (асри X ва нимаи аввали асри X1)» соли 2012 дифоъ намудааст.

Барои фаъолияти бенуқсон ва тарғибу ташвиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи Васоити ахбори омма соли 2006 бо "Ифтихорнома"-и Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ шудааст.

Муаллифи китоби "Тамсил дар шеъри форсӣ-тоҷикии асри X ва нимаи аввали асри X1" (2011), "Тулӯи сабзи як орзу" (2012), "«Пайдоиш ва таҳаввалули тамсил дар адабиёти форсу тоҷик (асри X ва нимаи аввали асри X1)»" (2016) ва барномаҳои таълимии "Адабиёти тамсилии форсу тоҷик" (2014) ва "Таърихи адабиёти тоҷик (барои донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ) (ҳаммуаллифӣ)" (2015) зиёда аз 15 мақолаи илмӣ - оммавӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 2013-2014 Раиси Шӯрои занони факултети филологияи ДМТ, солҳои 2013-2014 роҳбари маҳфили "Адабиётшиносӣ".



**Нуралиева Дилором Қудратовна** – ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

28-уми октябри соли 1966 дар ноҳияи Совети вилояти Кӯлоб (ҳозира Темурмалики вилояти Хатлон) таваллуд шуда, соли 1984 мактаби миёна, соли 1990 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи милии Тоҷикистонро хатм намудааст.

Дар мавзӯи "Хусусиятҳои грамматикии ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи ҳуқуқ" тадқиқоти илмӣ бурда истодааст.



**Нурқаев Қарор Муҳаммадиевич** – муаллими калони кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

26-уми апрели соли 1975 дар деҳаи Сарчашмаи ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд

шуда, соли 1992 мактаби миёна, соли 1998 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, соли 2003 аспирантураи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Дар мавзӯи «Хусусиятҳои психологии адабиёти тоҷик» (дар мисоли эҷодиёти Саттор Турсун) ба таҳқиқ ва таҳияи рисолаи номзадӣ машғул аст. Аз ҷониби ӯ барномаи таълимии "Таърихи адабиёти ҷаҳон" (2007), барномаи таълимии "Адабиёти хориҷӣ" (2014), дастури таълимии "Таърихи адабиёти хориҷӣ" (2014) нашр гардидааст. Муалифи зиёда аз 20 мақолаҳои илмӣ, таълимӣ-методӣ ва китобу дастурҳо мебошад. Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 2009-2015 муовини декан оид ба таълим дар факултети филологияи ДМТ буд.



**Нурмаҳмадов Юсуф Шермаҳмадович** – номзади илми филология.

Соли 1964 дар шаҳри Истаравшан таваллуд шудааст. Соли 1989 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм карда, соли 2007 рисолаи номзадиашро бо номи «Категорияҳои лексикӣ ва хусусиятҳои услубии онҳо дар ашъори Лоиқ Шералӣ» дифоъ кардааст.

Соли 1999 бо нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардонида шудааст.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1996-1999 вазифаи муовини декани факултети филология оид ба тарбия ва аз соли 1999 то соли 2009 муовини декан оид ба шуъбаи ғоибона.



**Нуриллозода Аҳдия** – ассистенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

24-августи соли 1992 дар шаҳри Исфара таваллуд шуда, соли 2009 мактаби миёна, соли 2014 факултети филолгияи ДМТ-ро хатм кардааст. Нуриллозода Аҳдия дар баробари фаъолияти ассистентӣ аз соли 2015 ба шуъбаи ғоибона аспирантураи ДМТ дохил шуда, дар мавзӯи «Вижагиҳои

мавзӯию жанрии адабиёти бачагона дар даврони Истиқлол (дар мисоли эҷодиёти Ҷӯра Ҳошимӣ)» таҳқиқот бурда истодааст.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: аз соли 2016 то ҳол раиси Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.



**Орзумуродов Ҷалил –** (16.11.1956 дар ноҳияи Нуратои вилояти Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд шуда, соли 2004 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), адабиётшинос, номзади илми филология, дотсент.

Соли 1978 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм намудааст. Соли 1997 рисолаи номзадиашро дифоъ кардааст.

Солҳои 1992-2004 муаллими калон ва дотсенти кафедраи хат ва матни форсии тоҷикии ДДМТ, солҳои 1992-1996 дар баробари муаллимӣ боз вазифаи директори нашриёти "Сино"-и ДДМТ-ро ба ухда дошт.

Китобҳои "Ғазалиёт"-и Муҳташами Кошонӣ (1995), "Анис-ул-ушшоқ" ё худ нуздаҳ сифати зебоии зан"-и Шарафуддини Ромӣ (1997), "Алифбо ва имлои ниёгон" (бо ҳаммуаллиф) (2000) ва зиёда аз 50 номгӯ тезису мақолаҳои илмиву методӣ ва оммавӣ ба чоп расондааст.



**Оранский Иосиф Михайлович –** (3-юми майи соли 1923 дар шаҳри Петроград таваллуд шуда, 16-уми майи соли 1977 дар шаҳри Ленинград (Санкт -Петербурги ҳозира вафот кардааст).

Ӯ соли 1948 Университети давлатии Ленинградро хатм мекунад. Солҳои 1951-1955 дар Университети давлатии Тоҷикистон ва солҳои 1955-1959 дар Институти педагогии шаҳри Душанбе ба сифати омӯзгор кор кардааст. Баъд ба зодгоҳи худ –шаҳри Ленинград бармегардад ва аз соли 1959 то охири умр (1977) дар Шӯъбаи Ленинградии Институти шарқшиносии АФ ИҶШС машғули тадқиқ ва омӯзиши забонҳои эронӣ ва, махсусан, забони махсуси (арго) водии Ҳисор буд.

Асару мақолаҳои хеле зиёд навиштааст ба монанди: «Омӯзиши таърихи забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ дар университети Петербург», «Доир ба фонетикаи забони тоҷикӣ», «Маълумотҳои нав доир ба забони махфии (арго) Осиёи Миёна», «Забони ҷӯгиёни водии Ҳисор», «оё байни «берёза»-и русӣ ва «бурс»-и тоҷикӣ алоқаи этимологӣ ҳаст»? ва ғайра.



**Офаридаев Назрӣ –** забоншинос, доктори илми филология, профессор.

15-уми ноябри соли 1953 дар деҳаи Хуфи ноҳияи Рушони ВМБК таваллуд шуда, соли 1971 мактаби миёна, соли 1976 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин, соли 1983 шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм карда, соли 1984 рисолаи номзадӣ ва соли 2001 рисолаи докториашро химоя кардааст.

Солҳои 1991-1994 дар вазифаи дотсенти кафедраи усули таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон фаъолият кардааст.

Барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон бо нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Медали Хизмати Шоиста сарфароз гардонида шудааст.

Ба калами профессор Н. Офаридаев беш аз 100 асару маколаҳои илмӣ ва илмиву методӣ тааллуқ доранд: китобҳо: «Микротопонимия Ванджа и Дарваза» (1992), «Ойкнимияи Вилояти Мухтори Кӯхистони Бадахшон» (2000), «Топонимияи таърихии Бадахшон» ( 2009).

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1995-1998 мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Хоруғ; солҳои 2003-2004 мудири кафедраи забони точикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев; солҳои 2004-2005 декани факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ; солҳои 2005-2007 муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии Хоруғ; солҳои 2007-2009 муовини ректор оид ба равобити байналмилалии Донишгоҳи давлатии Хоруғ; солҳои 2009-2017 муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии Хоруғ буд.

Тахти рохбарии профессор Н.Офаридаев 10 нафар рислолахои номзадӣ ва докторӣ ҳимоя кардаанд.



**Раҳмонзода Абдуҷаббори Азиз** – доктори илми филология, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои байналмилалии мактабҳои олӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи ДМТ.

15 – уми марти соли 1959 дар деҳаи Андароби ноҳияи Кӯлоби вилояти Хатлон таваллуд шуда, соли 1983 факултети филологияи Унверситети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) –ро бо баҳои аъло хатм намуда, моҳи ноябри соли 1987 ба аспирантура дохил шуда, соли 1991 дар мавзӯи «Консепсияи замон дар насри солҳои 70-80-уми тоҷик» рисолаи номзадӣ, соли 1999 рисолаи доктории худро дар мавзӯи «Манбаъҳои асотирӣ дар адабиёти тоҷики нимаи аввали асри XX» дифоъ кардааст.

Раҳмонзода Абдуҷаббори Азиз бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» (1987), ордени «Шараф», (2006), Медали «20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон» (2011), «Ифтихорнома»-и Кумитаи иҷроияи кишварҳои аъзои ИДМ (2012), «Диплом»-и Агентии Федиралии ҳамкориҳо бо кишварҳои ИДМ - и Федератсияи Россия (2014) мукофотонида шудааст.

Муаллифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимии «Пиндорҳои асотирӣ дар адабиёти тоҷик (1999), «Назария ва сайри таърихии устурасозии форсии тоҷикӣ (1999), «Заминаҳои асотириву маросимӣ дар адабиёти нимаи аввали садаи XX" (2004); Дар омада ва чопи «Куллиёт»-и шоири нимаи дуюми асри XIX Шамсиддини Шоҳин (2005) ҳиссаи муносиб гузошта, муқаддимаи ин Куллиёт ба қалами ӯ тааллуқ дорад. Дар ҳамин асос баъдан вай рисолаи «Шамсиддин Шоҳин ва анъанаи ғазалсароӣ дар адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX ва авали асри XX» - ро (2006) таълиф намудааст.

Раҳмонзода А. А. дар рушди маорифи Тоҷикистон хидмати шоиста намуда, доир ба проблемаҳои соҳаи маориф мақолаҳои

зиёд таълиф намудааст. Вай ба ислоҳот ва таҷдидгароии зинаҳои мухталифи таҳсилот оғоз намуда, дар ин самт бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба комёбиҳо ноил гардидааст. Рисолаи вай «Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо ҳаммуаллифии Расулов А., Қодиров Қ., Афзалов Х. таълиф шудааст, ислоҳоти соҳаи маорифи Тоҷикистонро бозгӯ менамояд. Дар рисолаи таълимӣ - ахлоқии вай «Одоби салом» бошад, арзиши ахлоқии «салом» барои наврасон ва навҷавонон шарҳ дода шудааст. Номбурда инчунин дар таълифи як қатор қонунҳое, ки дар соҳаи маориф тасдиқ гардидаанд, иштирок намуда, дар таҳия ва таълифи барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳои соҳаи маориф бевосита ширкат намудааст. Бо ташаббуси вай лоиҳаи китоби «Муқаддимаи низоъшиносӣ» барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ амалӣ шуда, соли 2006 аз чоп баромадааст, ки муқаддима, ва боби «Фарҳанг ва низоъ»-и он ба қалами ӯ тааллуқ дорад. Рисолааш бо номи «Назария ва сайри таърихии устура ва устурапардозиҳо дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ» соли 2009 бо хатти форсӣ дар нашриёти «Мадраса» - и Ҷумҳурии Исломи Эрон аз чоп баромад. Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон рисолаҳои номбурдаро бо унвони «Пиндорҳои асотирӣ дар адабиёти тоҷикӣ», «Шамсиддин Шоҳин ва анъанаи ғазалсароӣ дар адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX» ба хатти форсӣ бо таҳриру иловаҳо соли 2011 аз чоп баровада, пешниҳоди мардуми форсизабон намуд. Ҳамчунон номбурда муаллифи «Стандарти фанни адабиёти тоҷик» (барои синфи X1), китоби таълимии «Одоби салом», «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ» (бо ҳаммуаллифии Х. Зиёев, Ё. Одинаев ва дигарон) мебошад. Мураттиби барномаҳои «Адабиёти садаи XX-и форсии тоҷикӣ» бо ҳамроҳии Х. Асозода (соли 1995), ва «Устурашиносӣ» (2007) мебошад.

Дар солҳои 2011 ва 2013 Абдуҷаббор Раҳмонзода мақола ва рисолаҳои зеринро таълиф ва нашр намудааст: “Истиқлолият ва масъалаҳои соҳаи маориф”,“Рушди маориф-омили пешрафти мамлакат”,“Мирзо Турсунзода мунодии сулҳу мадоро”,“Дирӯз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, (Очерки таърихӣ дар бораи соҳаи маориф), “Истиқлолият таҳкимбахши давлати ҳуқуқбунёд”, “Абармарде дар дунёи маориф”, “Маориф-

меҳвари сиёсати иҷтимоии давлат", "Такмили тасвирсозӣ дар шинохти маънавии инсон","Проблемаҳои таҳсилоти мутаасил дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Таъсири устураҳо дар тафакури бадеии Аблуқосим Фирдавсӣ", "Фарҳанги муоширaт ва меҳмондорӣ (дастури таълимӣ), "Эволюция и развития художественных жанров в таджикской прозы в период независимости Таджикистана" ва "Фуруғи субҳи доноӣ".

Раҳмонзода Абдуҷаббор дар соли 2014 мақолаҳои зиёде ба чоп расонидааст, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд: «Гулқанди шеър дар чакомаи хаёли доктор Абдуғаффори Орзу», «Мақоми таҳсилот дар ҷаҳони муосир ва нақши он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Одоби муошират», «Мақоми Абдурраҳмони Ҷомӣ дар шинохти тариққати сӯфия ва шахсиятҳои ирфонии Хуросону Мовароуннаҳр», «Истиқлолият ва рушди нахустмуассисаи таҳсилоти олии кишвар», «Ташаккул ва таҳаввули жанрҳои адабӣ дар насри муосири тоҷикии даврони Истиқлолият», «Манбаъҳои асотирӣ ва ривоятӣ дар адабиёти тоҷики охири садаи Х1Х ва авали садаи ХХ».

Раҳмонзода Абдуҷаббор соли 2015 як қатор мақола ва пажӯҳишҳои илмӣ дар маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳои илмӣ интишор кардааст, ки ба масъалаҳои муҳимми адабиёт, фарҳанг ва сиёсат бахшида шудаанд. Дар миёни онҳо муҳимтаринашон инҳо мебошанд: "Пешгирии зуҳуроти ифротгароӣ дар Тоҷикистон", "Роль писателей и поэтов Гиссара в развитии таджикской литературы ХХ и начала ХХI веков», «Доир ба аҳамияти Паёми Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурииии Тоҷикистон", "Воқеияти иҷтимоӣ ва инъикоси он дар суруду офаридаҳои мардумии Кӯлоб", "Суруду офаридаҳои мардумӣ ганҷинаи бебаҳои халқанд", "Мақоми Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар рушди ирфон ва адбиёти тоҷик", "Рушди давлатдории миллӣ ва равандҳои идеологии ҷаҳони муосир","Бозтоби симои Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон дар адабиёти тоҷик", "Белинскии тоҷик" (Очерки илмӣ - оммавӣ дар бораи устод Соҳиб Табаров).

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳи 1995 - 1999 мудири шуъбаи таълими ДМТ; солҳои 2000 - 2002 мудири шуъбаи тарҷумаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

кор карда, сипас, ба шуъбаи фарҳанги Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Солҳои 2004 – 2005 Раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; аз моҳи марти соли 2005 то моҳи январи соли 2012 Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон; аз моҳи январи соли 2012 то феврали соли 2015 Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ; аз моҳи феврали соли 2015 то ба имрӯз бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа мебошад. Раҳмонзода Абдуҷаббори Азиз узви Шӯрои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доир ба ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ ва аз соли 2013 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад.



**Раҳмонов Равшан Қаҳҳорович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

28-уми ноябри соли 1954 дар деҳаи Пасурхи ноҳияи Бойсуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба дунё омада, соли 1977 факултети филологияи тоҷики Университети давалтии Тоҷикистони ба номи В.И.Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), соли 1989 аспирантураи Институти кишварҳои Осиё ва Африқои Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В.Ломоносовро хатм карда, зери унвони «Назми шифоҳии таълифии дарӣ дар Афғонистони муосир» (Москва, 1989) рисолаи номзадӣ ва «Афсонаҳои мардуми форсизабон дар сабти имрӯз (Масъалаҳои истилоҳ, хусусият, таърих, репертуар, вазъият ва маҳорати афсонагӯён дар асоси пажӯҳиши майдонӣ)» соли 1998 рисолаи докторӣ дифоъ намудааст.

Хизматҳои ӯ сазовори ордени «ДӮСТӢ» (2008), нишонҳои «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон» (2008), «Аълочии маорифи Тоҷикистон» (2008) дониста шудааст. Соли 2003 барои китоби “Таърихи гирдоварӣ, нашр ва пажӯҳиши афсонаҳои мардуми форсизабон”, аз кишвари Эрон, ҷоизаи байналмилалии

Пажӯҳиши солро дарёфт намуд. Соли 2008 дар дувоздаҳумин ҷашнвораи байналмилалии қиссагӯӣ, дар шаҳри Исфаҳон суханронӣ намуда, сазовори «Медали тилло» гардид. Барнадаи ҷоизаи «Конкурси байналмилалии сенарияҳо оид ба мотивҳои устура, афсона ва ҳамосаи қаҳрамонии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Корея - 2011» барои таҳияи сенарияияи «Гӯрзод ва писари ӯ Аваз». Соли 2015 китоби «Насри гуфтории тоҷикони Бухоро» сазовори ҷоизаи Бунёди Саъдии Ройзании Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дониста шуд.Аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар намоишгоҳи ҳафтуми байналмилалии «Китоби сол», соли 2017, ғолиби озмуни «Муаллифи сермаҳсули сол» дониста шуда, сазовори дипломи дараҷаи II гардид.

Муаллиф, бозгӯянда ва таҳиягари беш аз 50 китобу маҷмӯа ва бештар аз 900 мақолаҳои илмӣ ва оммавӣ мебошад, ки аз ҷумла 17 китоб ва беш аз 60 мақолаҳои илмӣ ва оммавии эшон дар кишварҳои хориҷӣ ба нашр расидааст.

Китобҳои зерини ӯ дар дохил ва хориҷи кишвар чоп шудааст: «Намунаҳои фолклори дарӣ» (дар 3 ҷилд, 1985), «Простонародная литература современного Афганистана” (дар 2 ҷилд, 1994), «Афсонаҳои дарӣ» (994,1998), «Шавғот (Афсонаҳои форсӣ ва маҳорати як афсонапардози эронӣ)» (1996), «Шугҳои Бухоро дар сабти Равшани Раҳмонӣ» (1997), «Қиссаҳо, ривоятҳо ва дуоҳои Бухоро дар сабти Раҳмонӣ» (1998), «Сказки сказочники персоязычных народов» (1998), «Афсона ва жанрҳои дигари насри шифоҳӣ» (1999), «Проблемы устной поэзии и прозы в творчестве персоязычных народов» (2000), “Роҷеъ ба таърихи гирдоварӣ, нашр ва омӯзиши адабиёти омиёнаи тоҷик”. (Washington DC – 2000, ба форсӣ), «Таърихи гирдоварӣ, нашр ва пажӯҳиши афсонаҳои мардуми форсизабон» (2001; Теҳрон, 1380=2001); «Tajik Women as Folktale Tellers: Tales in tradition (With video-records)»

(2002); «Афсонаҳои нодир» (2003, 2005); «Тамаддуни ориёӣ (маҷмӯаи гуфтугӯҳо)» (2006); «Фиристодаи доно ва тавоно» (2006), «Достони Барзу дар гуфтори Ҷӯра Камол» (2007), «Эҷодиёти гуфтории мардуми тоҷик» (2008), “Кори майдонӣ: Роҳнамои гирдоварии фолклори тоҷик) (2009, 2010), «Баёзи эҷодиёти гуфтории мардуми тоҷик» (дастури таълимӣ” (2010), «Як афсона дар баёни чор насл» (Пажӯҳш ва матн) (2011),

«Фарёди бесадо» (Гуфтугӯ бо доктор Асадуллоҳ Ҳабиб) (2011), «Замоне бо Ғафуров ҳамкор будам» (Гуфтугӯ бо профессор Ҷаҳонгир Дуррӣ) (2012), «Фарҳанги ориёӣ ва тоҷику Тоҷикистон» (2012), «Наврӯзи ориёии тоҷикон» (2013) “The Story of Barzu: As Told by Two Storytellers From Boysun, Uzbekistan”. Leiden University Press, 2013. – 146 p., “Насри гуфтории тоҷикони Бухоро (Пажӯҳиш ва матнҳо)” (2014; 2015), «Афсонашиноси ҷаҳонӣ (Гуфтугӯ бо профессор Улриш Марзулф (Ulrich Marzolph))» (2015), «Афсона дарси зиндагист (Гуфтугӯ бо Саидаҳмади Вакилиён аз Эрон ва Кику Сакуроӣ аз Япония)» (2015), «Краткое описание этногенезиса таджикского народа («The review of Central Asian Studies» (2015), “Оши палови тоҷикӣ” (2015), “Палав шоҳи таомҳо” (Кобул, 2016, ба форсӣ), “Оинаи ҷаҳоннамо” (2016), “Шоҳнома дар байни тоҷикон” (2017), “Гурбаи думбурида” (2017), “Муши тиллоӣ” (2017) ва ғайра.

Маҷмӯаи “Афсонаҳои халқи тоҷик”, ки Р.Амонов бозгӯяндаи он аст, таҳти унвони «Афсонаҳои мардуми тоҷик» (2013) бо илова ва вирорстории Р.Раҳмонов дар се ҷилд бо номҳои «Афсонаҳои тамсилӣ» (қисми 1), «Афсонаҳои сеҳромез» (қисми 2), «Афсонаҳои маишӣ» (қисми 3) ба нашр расидааст. Р. бозгӯяндаи ҳафт афсона аз “Баҳористони” Ҷомӣ аст, ки бо тасвирҳои ранга барои хурдсолон чоп шудааст: “Саги қаноатманд” (2015), «Рӯбоҳ, гург ва саг» (2015), «Кабӯтар ва мурғи хонагӣ» (2015), «Гунҷишк дар хонаи лаклак» (2015), «Каждум ва сангупушт» (2015), «Рӯбоҳи лоғар ва гурги шикамкалон» (2015), «Товус ва зоғ» (2015). Маҷмӯаи “Афсонаҳои халқӣ тоҷик” дар бозгӯӣ Р.Амонов ва иловаҳои Р.Раҳмонӣ (Маориф, 2017) ба тасвирҳои ранга ба нашр расид.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1993-2003 сардабири гоҳномаи «Мардумгиёҳ» ва раиси муассисаи илмии ғайридавлатии «Пажӯҳишкадаи мардумшиносӣ». Аз соли 2006 то имрӯз сардабири маҷаллаи «Пайванд»-и созмони байналмилалии «Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – Пайванд» аст. Узви Иттиҳодияи журналистони Тоҷикистон (аз 1993); узви «Анҷумани байналмилалии мутолиоти эроншиносӣ дар кишвари Амрико» [=ASPS] (аз 2000); узви ҳайати таҳрири маҷаллаи байналмилалии “Эрон ва Қафқоз” [Iran and the Caucasus] (Brill. Leiden-Boston, аз 2003); узви ассотсиатсияи

байналмилалии “Эпоси халқҳои ҷаҳон” (Бишкек, аз 1999); узви «Анҷумани фолклори Амрико» (аз 2003); узви «Созмони байналмилалии пажӯҳиши нақлҳои фолклорӣ» [=ISFNR] (аз 2005); узви Шӯрои «Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – Пайванд» (аз 1996) аст.

Зери назари ӯ 17 нафар рисолаи илмӣ дифоъ кардаанд.



**Раҳимова Шаҳринисо Содиқовна**– номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

8-уми октябри соли 1960 дар шаҳри Қӯрғонтеппаи вилояти Қӯрғонтеппа (ҳоло вилояти Хатлон) таваллуд шудааст. Соли 1977 мактаби миёнаи №39 шаҳри Қӯрғонтеппа ва соли 1981 Институти давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко, соли 1987 шуъбаи аспирантураи Институти давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко хатм карда, соли 1992 дар мавзӯм «Унсурҳои лаҳҷавӣ ва хусусиятҳои услубии истифодаи онҳо дар насри тоҷик» рисолаи номзадӣ ҳимоя намудааст. Дар мавзӯи «Муродифоти грамматикии шаклҳои замонии феъл дар забони тоҷикӣ» таҳқиқот бурда истодааст

Барои хизматҳояш дар таълиму тарбияи мутахассисони соҳаи маориф бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» қадрдонӣ шудааст.

Муаллиф ва мураттиби китобҳои – “Забони тоҷикӣ” (дастури таълимӣ барои донишҷӯёни факултетҳои геологӣ ва кимиё) (2009), “Забони тоҷикӣ” (дастури таълимӣ барои донишҷӯёни шуъбаи ғоибонаи факултетҳои ғайрифилологӣ (2011), “Забони тоҷикӣ” (дастури таълимӣ барои донишҷӯёни факултети геология (2015), “Диалектизмҳо ва хусусиятҳои услубии истифодаи онҳо дар насри тоҷик” (2013) ва зиёда аз 30 мақолаи илмӣ ва илмию-методӣ мебошад.



**Раҳмонов Ҳафиз Азизович** – муаллими калони кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

4-уми майи соли 1964 дар ноҳияи Вахш таваллуд шуда, соли 1986 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), соли 1997 шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм кардааст.

Солҳои 2001-2004 муҳассили маълумоти дуюми факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, онро бо дипломи аъло хатм кардааст.

Бо Ифтихорномаи Вазорати маорифи Тоҷикистон (2009), нишонҳои «Аълочии матбуоти Тоҷикистон», «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон» (2011), «Аълочии телевизион ва радио» (2013), «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2016) сазовор шудааст.

Муаллифи беш аз 200 мақолаи илмӣ ва илмию оммавӣ, дастурҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ аз фанни «Таърихи адабиёти ҷаҳон» аст. Мавсуф инчунин фаъолияти пурмаҳсули муҳаррирӣ ва тарҷумонӣ дошта, мураттиб ва муҳаррири 18 китоби илмию таълимии марбут ба анвои гуногуни ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи шаҳрвандӣ, ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҷиноятӣ ва ғайра мебошад, инчунин яке аз муаллифони «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» (нашри соли 2005) ба шумор меравад.

Муаллифи силсилабарномаҳои «Марворидҳои бесадаф» мебошад. Мавсуф инчунин ба ҳайси муаллиф ва баранда дар таҳия ва пахши барномаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва адабию фалсафии «Тафсир», «Афкор» ва «Жемчужины мысли» саҳм дорад. Муаллифи якчанд филмҳои мустанад, аз қабили «Ойини зиндагисоз» (бахшида ба Наврӯзи байналмилал), «Пойдевори тамаддун» (гиромидошти забони давлатӣ), «Ҳикмати рамзҳои Парчам» (таърих, хосият ва моҳияти рамзҳои Парчам), «Мизони адолат» (роҷеъ ба ҳуқуқи инсон аз таърих то имрӯз) мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: соли 2010 иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи ДМТ; Аз моҳи сентябри соли 2010

то моҳи августи соли 2012 ба сифати сармуҳаррири ҳафтаномаи «Ба қуллаҳои дониш» - нашрияи расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; аз 13-уми августи соли 2012 то 3-юми ноябри соли 2014 дар вазифаи муовини аввали директори Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон; аз 3-юми ноябри соли 2014 то ҳол ба ҳайси котиби масъули Шабакаи якум фаъолият дорад. Аз соли 1987 инҷониб узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон мебошад.



**Раҷабова Ойҷон Гуловна** 30-юми майи соли 1976 дар шаҳри Норак ба дунё омадааст. Соли 1997 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Аз соли 2007 дар вазифаи ассистенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филология кор мекунад. Дар мавзӯи «Хусусиятҳои адабӣ-эститикии «Чор дарвеш»» таҳқиқот бурда истодааст.



**Рафиева Санавбар Муслимовна** – китобдори «Махзани адаб»-и профессор Худойназар Асосзода дар факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

23-юми июни соли 1994 дар ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ таваллуд шуда, соли 2012 мактаби миёна, соли 2017 шуъбаи ғоибонаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст.

Аз соли 2013 ба ҳайси китобдори «Махзани адаб»-и профессор Худойназар Асосзода дар факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор мекунад.



**Рустамов Шарофиддин** – (1.05.1931, деҳаи Нигноти ноҳияи Панҷакент таваллуд шуда, 12.05.2007 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), доктори илми филология, профессор.

Омӯзишгоҳи омӯзгории Панҷакент ва пас аз ин Донишгоҳи омӯзгории Душанберо (1954) хатм намуда, сипас ба аспирантураи АИ Тоҷикистон дохил гардида, соли 1964 рисолаи

номзадӣ дар мавзӯи "Ҷумлаҳои мураккаб бо ҷумлаи пайрави сабаб дар забони адабии тоҷик" ва соли 1972 рисолаи докториашро дар мавзӯи "Исм дар забони тоҷикӣ" дифоъ карда, соли 1987 узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон интихоб шудааст.

Хидматҳои шоистаи Ш. Рустамов бо нишону ифтихорномаҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо унвонҳои ифтихории Арбоби илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (1989), Корманди шоистаи маорифи Тоҷикистон (1994), унвони Лауреати мукофоти Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино (2001)сарфароз гардонида шудааст.

Ш. Рустамов яке аз муаллифони китоби дарсии "Забони тоҷикӣ" барои мактабҳои миёна (1967), яке аз муаллифони роҳнамо ва муҳаррири ҳар ду қисми "Забони адабии тоҷик" барои мактабҳои олӣ (1970) мебошад. Роҳбарии таълифи аввалин "Грамматикаи академии забони тохикӣ" ба зиммаи ӯ гузошта шуд. Ӯ ҳамчунин яке аз муаллифон ва муҳаррирони масъули ҳар се ҷилди "Грамматикаи академии тоҷикӣ (1985, 1986, 1989) буда, муқаддимаи васеи назарии ин китоби илмӣ низ ба қалами ӯ мансуб аст.

Ш. Рустамов дар тӯли фаъолияти илмии беш аз чиҳилсолаи хеш бештар аз 300 рисолаи илмӣ, китобҳои дарсӣ, асару мақолаҳои илмиву дастурӣ ва илмиву оммавӣ таълиф намудааст. Рисолаҳои илмии ӯ "Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави сабаб" (1968), "Таснифоти ҳиссаҳои нутқ" (1972), "Калимасозии исм" (1972), "Сарчашмаи файзбахши забони тоҷикӣ" (1977), "Забон ва замон" (1981), "Исм" (1981), "Мушкилоти синтаксис" (1989), "Мақоми забон" (1996), "Давлати Сомониён ва забони адабии тоҷик" (1999), "Каломи Лоиқ" (2003).Ӯ яке аз муаллифони лоиҳаҳои Қонуни забони Тоҷикистон (1989), Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994) ва Имлои забони тоҷикӣ (1998) мебошад.

Бо роҳбарии ӯ 10 нафар унвонҷӯ сазовори дараҷаи доктор ва номзади илм гардиданд. Ш. Рустамов чандин солҳо раёсати Шӯрои дифои забоншиносии Институти забон ва адабиёти АИ Тоҷикистонро ба зимма дошт.



**Сабзаев Саидқул Миралиевич** – доктори илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

31-уми декабри соли 1947 дар деҳаи Лархоби ноҳияи Восеъ таваллуд шудааст. Соли 1954 ба мактаби ҳаштсолаи №27 деҳа дохил шуда, соли 1962 онро ба итмом расонд. Соли 1962 ба Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №32 шаҳри Кӯлоб дохил шуда, ҳамзамон дар мактаби шабонаи коргарҷавонони №3 шаҳри Кӯлоб таҳсил кардааст. Соли 1964 ҳам ОКТ №32 ва ҳам мактаби миёнаро хатм намуда, ба факултети забон ва адабиёти тоҷики Институти давлатии педагогии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил мешавад. Соли 1968 институтро бо дипломи аъло хатм намудааст. Соли 1982 дар мавзӯи «Лексикаи насри бадеи ёдгории асри XI форсу тоҷик «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Абдулҳасани Ҷуллобӣ» рисолаи номзадӣ ва соли 1996 дар мавзӯи «Таҳқиқи лингвистии истилоҳоти тасаввуфии асрҳои XI- XII форсу тоҷик (дар заминаи маводи «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Абдулҳасани Ҷуллобӣ, «Табақот-ус сӯфия»-и Абдуллоҳи Ансорӣ ва «Асрор-ут-тавҳид»-и Абӯсаиди Абулхайр)» рисолаи докторӣ дифоъ намудааст.

Соли 1998 ба нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», соли 1998 ба нишони «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон» ва соли 2001 ба нишони «Аълочии матбуоти Тоҷикситон» қадр карда шудааст.

Муаллифи асарҳои илмию таълимии «Тасаввуф ва баъзе масъалаҳои таълими забон ва адабиёти тоҷик» (1989), «Бидъат ва илҳод дар адабиёти классикии тоҷику форси асри XI» (1989), «Системный анализ некоторых полисемичных имён существительных, обозначающих части головы человека в русском и таджикском языках (в его историческом освещении)» (1990), «Саволҳои имтиҳони тестӣ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик барои дохилшавандагони мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус» (2000), маҳорати суханварии Носири Хусрав» (2003), «Забони тоҷикӣ». Китоби дарсӣ барои синфи 5 (2006, 2013), «Каломи Президент дар таълими забон» (2007-2011), «Сухан рӯдакивор некӯ бувад» (2008), «Из истории олимпийского

движения (Учебные тексты для учащихся старших классов с углубленым изучением русского и немецкого языков)» (2008), «Мақоми сухан дар рӯзгори Имоми Аъзам Абӯҳанифа» (2009), «Нишондодҳои методӣ ба китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи 5» (2009), «Забон ва сабки баёни Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ» (2004) ҷамъ зиёда аз сад рисола , дастурҳои методӣ, мақолаҳю фишурдаҳои илмӣ мебошад.

Шоир, драматург. Драмаи ӯ «Исёни таҳмина» - ро соли 1993 Театр-студияи «Авасто» ва соли 1994 театри давлатии мазҳакаи мусиқии ба саҳна гузошта, ба Озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Параcту» пешкаш намуда буданд. Асарҳои бадеӣ: «Хатти роҳ (маҷмӯаи шеърҳо)» (2001), «Садафи меҳр (маҷмӯаи шеърҳо)» (2003), «Номи модарам (маҷмӯаи шеърҳо) (2006), «Саошианта (драмаи манзум)» (2006), «Хоки намозӣ (маҷмӯаи шеърҳо)» (2011), «Синаи раҳм (маҷмӯаи шеърҳо)» (2014), «Пагоҳ равам ба мактаб (маҷмӯаи шеърҳо)» (2014).

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1989 - 1993 мудири кафедраи забони тоҷикӣ; солҳои 1993 - 1998 декани факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав ; аз 30-юми марти соли 2000 то 3-юми декабри соли 2004 ректори Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав; солҳои 2004-2005 декани факултети филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев; солҳои 2006-2007 мудири шуъбаи таълими забон ва адабиёти ПРМ; солҳои 2007-2010 мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии ДДОТ ба номи Қандил Ҷӯраев; солҳои 2010-2013 мудири шуъбаи забони Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ; узви Шӯрои диссертатсионии Д:047.016.01 оид ба ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ аз рӯйи ихтисоси педагогикаи умумӣ, назария ва таърихи педагогикаи умумӣ, назария ва таърихи педагогика дар назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (аз соли 2000).



**Сатторзода Абдунабӣ** – доктори илми филология, профессор.

27-уми феврали соли 1941 дар деҳаи Варзикандаи ноҳияи Панҷакент таваллуд шудааст.

Сатторзода Абдунабӣ фаъолияти меҳнатиашро пас аз хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар соли 1963 аввал ба сифати лаборанти калон, баъд ҳамчун аспирант, устод ва мудири кафедраи адабиёти классикии тоҷики ҳамин Донишгоҳ то соли 1993 идома додааст.

Соли 1972 дар мавзӯи "Аз таърихи афкори адабӣ ва эстетикии форсу тоҷик (асрҳои X-XV)" рисолаи номзадӣ ва соли 1985 дар мавзӯи "Арасту ва назариёти адабии форсии тоҷикӣ (асрҳои IX-XV)" рисолаи докторӣ дифоъ кардааст.

Барандаи Ҷоизаи адабии ба номи С.Айнӣ (2005), дипломат, Кордори фавқулода ва мухтори дараҷаи аввал (1999), дорандаи Ордени "Шараф".

Миқдори рисолаҳои илмию адабӣ ва китобҳои профессор Сатторов Абдунабӣ 23 ва мақолаҳояш дар ҳудуди 500 то мебошад.

Китобу маҷмӯаҳои профессор Абдунабӣ Сатторзода аз дастовардҳои назарраси адабиётшиносӣ, нақди адаби ва сиёсати хориҷии тоҷик ба шумор меравaнд: "Афкори адабӣ ва эстетикии Абдурраҳмони Ҷомӣ"(1975), "Нуқтаи пайванд" (1982); Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ (2001), "Аристотель и таджикско-персидская литературная мысль" (2002), " Кӯҳна ва нав: Дар шеър, нақд ва забон" (2004), "Кӯҳна ва нав: Дар шеър, нақд ва забон" (2006, ба хатти форсӣ), "Дипломатияи муосири тоҷик" (2006, бо ҳаммуаллифии академик Т.Назаров), "Адабиёти тоҷик". Барои синфи 8 (2009), "Баёзи адабиёт" Синфи 8 (Теҳрон, 1389/ 2010, ба алифбои арабиасоси форсӣ); "Дипломатияи парлумонӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (2000-2010) (2010, бо ҳамкории Муҳаммадато Султонов), "Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ" (Дар заминаи навиштаҳои пешиниён ва имрӯзиён) (2011), "Аз Рӯдакӣ то Лоиқ" (2013), "Диплумосии муосири Тоҷикистон" (Кобул, 1392/2013, ба алифбои арабиасоси форсӣ), "Актуальные проблемы внешней политики Таджикистана"

(Многовекторность в действии) (2014), “Назариёти адабии Абдурраҳмони Ҷомӣ” (2014), “Адабиётим тоҷик”. Барои синфи 8 (2014, нашри дуюм), “Арзишҳои Ваҳдати миллӣ” (2017).

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: мудири шуъбаи танқиди адабии маҷаллаи “Садои Шарқ” (нашрияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон) (1967-1968), командири қисми ҳарбии 3408 Вазорати корҳои дохилии Иттиҳоди Шӯравии собиқ (Тошканд, 1969-1971). Узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1980). Аз соли 1993 то 2000 дар кори Маркази ҳамоҳангии нерӯҳои демократии Тоҷикистон дар ИДМ (Маскав), Музокироти сулҳи Тоҷикистон, Комиссияи муштараки назорат бар оташбас ва Комиссияи оштии миллӣ иштирок дошт. Сатторзода Абдунабӣ 17 марти 1999 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардид ва дар ин вазифа то 30 январи 2006 кор кард. Аз 1 апрели 2006 то июни 2012 мудири шуъбаи сиёсати хориҷӣ ва рушди робитаҳои иқтисодии берунаи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Айни замон, аз июни 2012, мудири Шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Сатторзода Абдунабӣ узви Шӯрои илмӣ ва Шӯрои дифои доктории Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶТ, Шӯрои назорати илмии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии Тоҷикистон, Садорати Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати ҷамъияти дӯстӣ ва алоқаҳои мадании Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷӣ, Раёсати Бунёди байналмилалии забони форсии тоҷикӣ, Анҷумани дӯстии Тоҷикистон бо Эрон, Анҷумани дӯстии Тоҷикистон бо Туркия, Анҷумани илмӣ ва адабии Муҳаммад Иқбол, ҳайати таҳририи “Эроннома”, “Суханшиносӣ” (Душанбе), фаслномаи “Камоли Хуҷандӣ” (Хуҷанд), “Иран-наме” (Олмати) ва ғ. мебошад.

Зери роҳбарии профессор Сатторзода Абдунабӣ 8 нафар рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ҳимоя намудаанд.

**(Мисбоҳиддини Нарзиқул)**



**Саидҷаъфаров Озод Шоҳвалиевич** – доктори илми филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

6-уми марти соли 1974 дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон таваллуд шуда, соли 1990 мактаби миёна, соли 1995 факултети филологияи тоҷики ДДОК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии шаҳри Кӯлобро хатм намудааст. Соли 1999 ба шуъбаи рӯзонаи аспирантураи ДДОД ба номи С. Айнӣ) дохил шуда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Мавқеи Калими Кошонӣ дар адабиёти форсизабони асрҳои XVI- XVII Ҳиндустон» соли 2001, пеш аз муҳлат дифоъ намудааст. Соли 2015 рисолаи докториро дар мавзӯи «Сабки ғазали форсӣ-тоҷикӣ дар асрҳои XVI- XVII дар намунаи эҷодиёти Фиғонӣ, Назирӣ, Соиб)» дифоъ кардааст.

Муаллифи китобҳои «Дар тангнои асолат ё дар паҳнои беасолатӣ» (2009), «Асолат дар забони мардум» (2010), «Калими Кошонӣ ва ашъори ғиноии ӯ» (2011), «Вазъи сиёсӣ ва адабии Ҳиндустон дар асрҳои XVI- XVII» (2014) ва зиёда аз 60 мақолаи илмӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ мебошад.

Фаъолияти роҳбарию ҷамъиятӣ: солҳои 2011-2012 ҷонишини декан оид ба тарбияи факултети журналистикаи ДМТ; аз сентябри соли 2016 то 2017 мудири бахши забоншиносии Донишгоҳи давлатии лингвистии ш. Москва мебошад.



**Саломов Маҳмаддовуд Қаюмович** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

12-уми феврали соли 1967 дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон таваллуд шуда, соли 1984 мактаби миёнаро хатм кардааст. Соли 1992 факултети филологияи тоҷик ва соли 1996 шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм карда, соли 2000 дар

мавзӯи «Ифодаҳои маҷозӣ дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ» рисолаи номзадӣ дифоъ кардааст.

Соли 2001 барои дастовардҳои илмӣ бо ҷоизаи Кумитаи ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Исмоили Сомонӣ, соли 2007 барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда гузоштан дар таълиму тарбияи насли наврас бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» ва чандин ифтихорномаҳои Донишгоҳ сарфароз гардонида шудааст.

Муаллифи китобҳои «Ифодаи маҷоз дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ» (2001), «Маҷмӯаи саволномаҳои тестӣ» (бо ҳаммуаллифӣ, дар се нашр), «Рисолат-ун-нойия»-Абдураҳмонӣ Ҷомӣ» (2014) ва зиёда аз 100 мақолаи илмию оммавӣ мебошад.

Фаъолиятҳои ҷамъиятию роҳбарӣ: ҷонишини декани факултети филологияи ДМТ оид ба тарбия (1998-2000), ҷонишини декани факултети филологияи ДМТ оид ба таълим (2000-2004), мудири кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи ДМТ (2004-2008), декани факултети филологияи ДМТ (2008-2013).



**Саъдуллоев Умедҷон Қудратуллоевич** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

4-уми январи соли 1982 дар деҳаи Ромити шаҳри Ваҳдат таваллуд шуда, соли 2000-ум мактаби миёна, соли 2005 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм кардааст.

Рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавӣ ва маъноии «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ» соли 2010 дифоъ намудааст.

Муаллиф ва мураттиби «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ (2010) (таҳия ва ба нашр омода намудани матни мукаммал (бо ҳаммураттибӣ); “Вожаҳои муарраби тоҷикӣ дар «Қуръони маҷид» (2011); “Муҳоварaи тоҷикӣ-англисӣ-русӣ-арабӣ” (2012) (бо ҳаммуаллифӣ); “Хусусиятҳои луғавӣ ва маъноии «Футувватномаи султонӣ»-и

Ҳусайн Воизи Кошифӣ (2013); Муҳовараи тоҷикӣ-англисӣ-чехӣ (2017) (бо ҳаммуалифӣ) ва беш аз бист мақолаи илмӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: Раиси Шӯрои олимони ҷавони факултети филологияи ДМТ (2008-2010); Раиси Шӯрои кураторони факултети филологияи ДМТ (2010-2015); аз соли 2015 ҷонишини декани факултети филологияи ДМТ оид ба таълим мебошад.



**Саъдуллоев Асадулло** – **(**22.09.1940 дар деҳаи Карсанги шаҳри Ваҳдат таваллуд шуда, 04.02.2016 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст**)**, доктори илми филология, профессор.

Соли 1962 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро хатм кардааст (ҳоло ДМТ). Соли 1978 дар мавзӯи «Замони муосир ва проблемаҳои публитсистикаи советии тоҷик (публитсистикаи Мирзо Турсунзода)» рисолаи номзадӣ ва соли 1996 дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи жанрҳои насри мустанади тоҷик (солҳои 1960-1980)» рисолаи докторӣ дифоъ кардааст.

Барои хизматҳои шоистааш бо медалҳои «Ветерани меҳнат» (1988), «Хизмати шоиста» (1998), ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи А Лоҳутӣ (1998), Ифтихорномаи Совети Олии РСС Тоҷикистон, нишони Созмони ҷавонони Афғонистон ва унвонҳои «Корманди шоистаи Тоҷикистон» (2013), «Аълочии маориф», «Аълочии фарҳанг», «Аълочии матбуот», «Аълочии телевизион ва радиои Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардонида шудааст.

Муаллифи 40 асар ва беш аз 1200 маводи публитсистӣ, аз ҷумла, асарҳои «Нависандагони советӣ дар мубориза бахри сулҳ» (1977), «Дарё равон аст» (1985), «Очерк. Таҳқиқи публисистӣ» (Кобул, 1984), «Ҳамосаи инсони кору пайкор» (Кобул, 1984), «Хандаи созанда» (Кобул, 1988), «Журналистикаи радио» (иборат аз се китоб, 1985-1987), «Публисистикаи Мирзо Турсунзода» (1988), «Агар сухан коргар шавад» (1992), «Бомдоди шубоб» (1994), «Жанрхи тахлилии матбуот» (1994), «Озодии сухан ва матбуот» (ҳаммуаллиф, 1995), «Хосияти адабиёт» (2000), «Жанрҳои журналистикаи радио» (дар 2 қисм, 1997, 2005)», «Рангҳои зиндагӣ» (2007),

«Асосҳои журналистикаи телевизион» (ҳаммуаллиф, 2008), «Навои наҷотофарин» (2008), «Саҳифабандӣ ва чопи газета» (2010), «Эссе» (2010), «Очерк: генезис, развитие и современное состояние» (ҳаммуаллиф, 2012), «Муаммои назарияи публитсистика» (ҳаммуаллиф, 2015) ва ғайра.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1964-1981 дар рӯзномаҳои «Маориф ва маданият» (ҳоло «Омӯзгор»), «Тоҷикистони советӣ» (имрӯза «Ҷумҳурият») ба сифати мудири шуъба, котиби масъул ва ҷонишини сармуҳаррир фаъолият кардааст. Солҳои 1987-1991 муовини декани факултаи филология оид ба илм; солҳои 1992-1997 раиси Шӯрои методии факултети журналистика; солҳои 1992-2002, 2007-2009 мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ; солҳои 2004-2006 мудири кафедраи журналистикаи байналхалқӣ; солҳои 2001-2005 декани факултети журналистика. Профессор Асадулло Саъдуллоев узви шӯроҳои диссертатсионии ДМТ (аз соли 1998) ва ДСРТ (аз соли 2009) оид ба ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ (тахассуси журналистика), Иттифоқи журналистони Тоҷикистон (1965) ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1992) буд.

Профессор А. Саъдуллоев ҳамчун бунёдгузор ва роҳбари мактаби илмии таҳқиқи публисистикаи муосири тоҷик 15 нафар шогирди унвондор тайёр кардааст.

**Саидов Исмоил** – соли 1928 дар шаҳри Кӯлоб таваллуд шудааст. Забоншинос.

Соли 1942 омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб, солҳои 1946-1948 дар институти муаллитаёркунии Кӯлоб ва солҳои 1948-1953 дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил мекунад. Ӯ хатмкунандаи аввалини донишгоҳ мебошад. Солҳои 1953-1963 дар кафедраи забони тоҷикӣ ба ҳайси ассистент ва муаллим кор кардааст.



**Сафаров Ёралӣ Шералиевич** – мудири синфхонаи компютерии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

1-уми майи соли 1982 дар шаҳри Душанбе таваллуд шуда, соли 1999 мактаби миёна, соли 2005 факултети филологияи

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айниро хатм кардааст.

Соли 2013 барои сохтани сомонаи факултети филология бо дипломи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст.

Сафаров Ё. аз соли 2008 то ҳол дар вазифаи мудири синфхонаи компютерӣ фаъолият мекунад.



**Самадов Ҳомид** – адабиётшинос, муаллими калон.

22-юми июни соли 1941 дар деҳаи Ворӯи ноҳияи Панҷакент таваллуд шуда, пас аз хатми мактаби 7-солаи деҳа соли 1961 Омӯзишгоҳи омӯзгории ш. Панҷакент, соли 1968 шуъбаи шарқшиносии (бахши эроншиносӣ) факултети филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро хатм намудааст.

Самадов Ҳомид хидматчии хидмати давлатии дараҷаи якум ва узви Иттиҳодияи журналистони Тоҷикистон мебошад. Барои хидматҳои шоён ба халқу ватан бо чандин медалу ифтихорномаҳо сарфароз гардидааст.

Солҳои 1986-1989 дар кафедраи адабиёти классикии тоҷики факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ба сифати муаллими калон кор кардааст.

Фаъолияти ҷамъятию роҳбарӣ: аз соли 2000-ум то соли 2007 ёрдамчии калони Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон муҳаррири “Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” будааст. Солҳои 2007-2010 корманди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муаллифи беш аз 30 мақолаи илмӣ дар соҳаи адабиёти классикиву советии тоҷик ва даҳҳо мақолоти илмӣ-оммавӣ оид ба таъриху фарҳанги тоҷикон мебошад.

**(Ф. Латифов)**



**Сатторӣ Набиҷон** (05.05.1917 дар шаҳри Истаравшан таваллуд шудааст), адабиётшинос, номзади илми филология, дотсент.

Соли 1940 Институти педагогии ш. Душанберо хатм када, соли 1968 рисолаи номзадиашро дифоъ кардааст.

Бо ордену медалҳои «Барои мудофиаи Ленинград», «Барои озод кардани Будапешт», «Барои озод кардани Вена», нишони Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон, Ифтихорномаи Совети Олии Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

Муаллифи зиёда аз 50 рисола ва мақолаҳои илмӣ – методист («800-солагии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ», «Таълими курси обзории адабиёти классикии тоҷик», «Ашъори пешазреволютсионии Ҷавҳарӣ» ва ғ.



**Сироҷиддини Эмомалӣ** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

5-уми марти соли 1975 дар ноҳияи Москваи вилояти Кӯлоб (ҳоло Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон) таваллуд шуда, соли 1991 мактаби миёна, соли 1996 шуъбаи рӯзонаи факултети филологияи ДМТ, соли 2001 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм карда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Аз таърихи эҷоди романи «Восеъ» - и Сотим Улуғзода» соли 2002 дифоъ намудааст.

Дар соли 2007 барои дастовардҳо дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ бо «Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон дар соҳаи илм ва техника», соли 2010 барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» ва соли 2016 барои тарғибу ташвиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳангу маориф бо нишони «Аълочии матбуоти Тоҷикистон» қадрдонӣ шудааст.

Муаллифи китобҳои «Нақши Восеъ дар адабиёти бадеӣ» (2001), «Аз таърихи эҷоди романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода»

(2003), «Восеънома» (2003), «Сотим Улуғзода ва тасвири шӯриши Восеъ дар адабиёти тоҷик» (2007), «Таърихи эҷоди қиссаи «Ривояти суғдӣ» - и Сотим Улуғзода» (2011), «Сотим Улуғзода ва фарҳанги миллӣ» (2012), «Андеша ва маҳорати адабӣ» (2012), «Тасвири муҳити хонавода ва манзараи табиат дар насри Сотим Улуғзода» (2015) ва зиёда аз 50 мақолаи илмӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 2001-2005 ҷонишини декани факултети филологияи ДМТ оид ба тарбия; солҳои 2005-2009 ҷонишини декани факултети филологияи ДМТ оид ба таълим; солҳои 2008-2013 мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони ДМТ; аз 21.10.2013 то 06.06.2014 директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ; аз 07.06.2014 то 30.12.2014 сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ; аз 02.01. 2015 то 26.03.2016 сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ; аз 26.03.2016 декани факултети филологияи ДМТ мебошад.



**Солеҳов Мирзо Одинаевич** – номзади илми филологӣ, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи ҳмиллии Тоҷикистон.

15-уми марти соли 1950 дар ноҳияи Орҷёникидзеобад (ҳоло Ваҳдат) таваллуд шуда, соли 1966 мактаб-интернат, соли 1973 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин, соли 1976 шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм карда, соли 1987 рисоларо дар мавзӯи “Таҳқиқи қиёсии “Калила ва Димна”-и Абулмаолии Насруллоҳ бо “Анвори Суҳайлӣ”-и Камолиддин Ҳусайн Воизи Кошифӣ дифоъ намудааст.

Дар соли 2010 барои хидматҳои шоиста дар соҳаи маориф бо нишони сарисинагии “Аълочии маорифи Тоҷикистон”, соли 2014 барои корҳои пурсамар дар соҳаи илм ва маориф бо Ифтихорномаи Вазорати илм ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст.

Муаллифи китобҳои “Шоири тавоно” (1990), “Рубоиёти Хоқонии Шарвонӣ” (1993), “Андеша ва маърифати адабӣ”

(2001), “Арӯз ва омӯзиши он” (2005), “Саноии Ғазнавӣ”, “Рубоиёт” (Бо ҳаммуаллифии академик Имомзода М.С.) (2006), “Дар боғи рӯшноӣ” (Таҳияи сарсухан ва матни шарҳу тавзеҳоти Аҳмад Маҳдии Домғонӣ бар “Ҳадиқат-ул-ҳақиқат ва шариъат-ул-тариқат”-и Ҳаким Саноии Ғазнавӣ) (2006), “Гулчини андарзҳои Мавлавӣ аз “Маснавии маънавӣ” (2008), “Адабиёти тоҷик барои синфи 10” (Бо ҳамроҳии проф. У. Тоиров ва Р. Шарифов) (2008), “Адабиёти тоҷик барои синфи 10. Баёз. (Бо ҳамроҳии проф. Тоиров ва Н. Маҳмадхоҷа)”(2010), “Дар ҳарими сухансанҷӣ” (2011), “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ (бо шарҳи вожаҳо ва таъбироту ифодаҳо, дар ҳамкори бо Ф. Ҳайдаров) (2015), “Арӯз ва омӯзиши он” (2016) “Китобҳои таълимии адабӣ” (бо ҳаммуалифии профессор Тоиров У. 2016) ва зиёда аз 200 мақолаи илмӣ, илмӣ-омавӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1980-1985 мудири Кабинети Ҷомӣ, солҳои 2009-2016 мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ.

Бо роҳбарии М.Солеҳов ду нафар рисолаи номзадии ҳимоя кардаанд.



**Собирҷонов Солеҳҷон** – забоншинос, номзади илмҳои филология, дотсент.

8-уми феврали соли 1947 дар ноҳияи Темурмалик (собиқ Совет) таваллуд шудааст. Соли 1970 Университети давлатии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) хатм кардааст.

Собирҷонов С. дар факултетити филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба сифати ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ, муаллими калон ва дотсенти ҳамин кафедра фаъолият кардааст.

Собирҷонов С. дар давоми аъолияти кориаш барои меҳнати самаранок ва иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятиву фаъолияти намунавиаш дар иҷрои корҳои илмиву маъмурӣ бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон», медали юбилейии «XXX-солагии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин», нишони биринҷии «Молодой гвардеец пятилетки», ифтихорномаҳои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

«Медали фахрии бунёди сулҳи Шӯравӣ» ва нишони «Барои кори фаъолонаи Ҷамъияти умумииттифоқии «Дониш»» мукофотонида шудааст.

Муаллифи китобҳои «Луғати мухтасари мавзӯи таълимии тоҷикӣ-русӣ(бо шариктаълиф), (2002), Рисолаи илмии «Собственно-вопросительные предложения в современном таджикском литературном языке» (Ҷумлаҳои саволии хосса дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ), (2011), «Englishoneconomic» (Забони англисӣ дар иқтисодиёт) (2011), (бо ҳаммуаллифӣ) ва зиёда аз 150 номгӯй корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, илмӣ-методӣ ва илмӣ-оммавии дотсент Собирҷонов С. чоп шудааст.

Фаъолияти роҳбарию ҷамъиятӣ: аз соли 1974 то 1976 котиби ташкилоти комсомолии факултети филологияи тоҷик; аз соли 1986 то 1995 ҳамчун ноиби декан оид ба таълиму тарбияи факултети филологияи тоҷик; аз соли 1996 мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон буда, баъдан аз соли 1998 то 2000 ба ҳайси ноиби ректор оид ба тарбия ва фарҳанг дар ҳамин донишгоҳ фаъолият намудааст. Аз соли 2000 то 2006 ба ҳайси мудири шуъбаи таълимию методии Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат кор кардааст. Аз соли 2006 то 2009 вазифаи мудири шуъбаи илм ва робитаҳои байналмилалиро иҷро намуда, баъдан ҳамчун сардори шуъбаи тарбияи ҳамин донишкада кор кардааст. Аз соли 2009 то 2012 мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи молияи Тоҷикистон буда, аз соли 2012 то соли 2013 вазифаи мудири кафедраи забонҳои хориҷиро адо намудааст.



**Сӯфизода Асадулло** – номзади илмҳои филология, дотсент.

Соли 1932 дар деҳаи Баландчашма (собиқ ҷамоати Давлатшоён) - и ноҳияи Кангурти вилояти Кӯлоб (ҳоло Хатлон) таваллуд шудааст. Соли 1956 факултети таъриху филологияи тоҷики Унверситети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин, соли 1962 шуъбаи фолклори аспирантураи АУ Тоҷикистонро хатм карда, соли 1965 рисолаи номзадӣ дар мавзӯи «Шоирони халқӣ – вассофи воқеият» дифоъ намудааст.

Сӯфизода А. сазовори мукофотҳои раёсати донишгоҳ, грамотаҳои КМ ЛКСМ ҷумҳурӣ ва баъдтар ҳангоми фаъолияти омӯзгорӣ дар донишгоҳ сазовори мукофоти Ҳизби коммунисти ҷумҳурӣ, Вазорати маданияти Тоҷикистон ва Вазорати маълумоти олии Иттиҳоди Шӯравӣ гардидааст. Сӯфизода А. аъзои Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон ва «Ходими шоистаи илм ва маорифи ҷумҳурӣ» буда, соли 1963 ба унвони Аълочии маорифи ҳалқи ҷумҳурӣ мушарраф шудааст.

А. Сӯфизода муаллифи зиёда аз 450 асару мақолаи илмӣ, танқидӣ, адабиётшиносӣ, фолклоршиносӣ, забоншиносӣ ва методӣ аст. Асарҳои ӯ «Шеваи тоҷикони Кангурт» (1957), «Таълими ҳаёт ва эҷодиёти Сайидои Насафӣ» (1960), «Таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдулқодир Бедил дар синфи нӯҳ» (1962), «Таълими фолклор дар мактаб» (1964), «Шоирони халқӣ – вассофи воқеият» (1967), «Назми халқ – оинаи ҳаёт» (1969), «Чистонҳои халқии тоҷикӣ» (1972) «Классикони марксизм дар бораи фолклор» (1972), «Гуманизм ва интернатсионализм дар фолклор» (1975), «Инъикоси воқеияти советӣ дар фолклори тоҷик» (1977), «Фолклор – афкори эстетикӣ ва иҷтимоии халқ» (1982), «Фолклор – санъати сухан» (1985), «Ҳазору як чистон» (1986), «Таҳаввулоти назми шифоҳии тоҷик» (1992), «Фолклор ҳамрадифи таърих» (1999), «Фолклор – махзани сухан» (2006) .



**Табаров Соҳиб Шухратиевич** – (23-юми ноябри соли 1924 дар деҳаи Чорраҳаи ноҳияи Мӯъминобод таваллуд шуда, соли 2015 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст) номзади имлҳои филология, профессор, мунаққид ва адабиётшинос.

Солҳои 1932-1934 дар хонаҳои бачагонаи ноҳияи Мӯъминобод ва Тебалай, солҳои 1934-1939 дар омӯзишгоҳҳои омӯзгории шаҳри Самарқанд ба номи Молотов, ноҳияи Панҷакент ба номи Луначарский ва Кӯлоб ба номи Лоҳутӣ таълиму тарбия гирифта, дар соли 1939 ба факултети адабиёти Донишгоҳи омӯзгории Сталинобод ба номи Шевченко дохил мешавад ва онро дар соли 1943 бо муваффақият хатм менамояд. Солҳои 1944-1949 аспиранти Институти забон, адабиёт ва таърихи Филиали Тоҷикистонии Академияи илмҳои ИҶШС). Соли 1949 дар мавзӯи «Романи

«Ғуломон»-и С.Айнӣ – ҳамчун романи таърихӣ» рисолаи номзадӣ дифоъ кардааст.

Давлату Ҳукумати ИҶШС ва Тоҷикистон хидматҳои Соҳиб Табаровро дар инкишофи илму фарҳанги тоҷик ба эътибор гирифта, ӯро бо се ордени «Нишони фахрӣ» (1949-1954, 1961), Грамотаҳои фахрӣ (1962, 1984), медали «Собиқадори меҳнат» (1984), «Аълочии маорифи халқ» (1960), унвони фахрии «Ходими хидматнишондодаи илм» (1991), Грамотаи фахрии КМ КПСС ва Шӯрои вазирони ИҶШС (1987), ордени «Дӯстӣ» (1999), Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ (2010) ва Ҷоизаи Академияи илмҳо (2013) ва дигар нишону ифтихорномаҳо сарфароз гардондааст. Соҳиб Табаров узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон (1953), доктори фахрӣ ва профессори фахрии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2001), доктори фахрӣ ва профессори фахрии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Айнӣ (2004) интихоб гаштааст.

Дар натиҷаи таҳлилу тадқиқ ва таҳқиқу ҷустуҷӯи муаммову масъалаҳои мураккабу мубҳам ва печ дар печи таърихи адабиёти тоҷик дар асри XX Соҳиб Табаров рисолаҳои «Материалҳо оид ба омӯхтани адабиёти советии тоҷик» (1948), «Садриддин Айнӣ – асосгузори адабиёти советии тоҷик» (1954, ба забони русӣ 1968), «Садриддин Айнӣ сарояндаи Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр» (1958), «Образи Ленин дар назми советии тоҷик» (1961), «Мирсаид Миршакар» (1962), «Пайрав Сулаймонӣ» (1962), «Дар васфи Октябр» (1968), «Симои ҷовидонаи пешво дар адабиёти тоҷик» (1970), «Садриддин Айнӣ қофиласолори адабиёти советии тоҷик» (1977), «Адиби сухандон ва марди майдон» (дар бораи Лоҳутӣ, 1986), «Мунзим» (1991-2009), «Мунозира»-и Абдурraуфи Фитрат (1999), «Васфи Ватан дар ашъори Абдурраyфи Фитрат» (2001), «Тақдири фоҷиавии як шоири тоҷик» (2001), «Мунзим, Беҳбудӣ» (2002), «Роҳбари наҷот»-и Абдурраyфи Фитрат – қомуси ҳаёти халқи тоҷик» (2002), «Мунзим – роҳбари ҷамъияти ҷавонон ва раиси фирқаи ҷавонбухориён» (2003), «Мавлуди Шариф ё худ Миръоти хайрулбашар»-и Абдурраyфи Фитрат (2003), «Мухтасари таърихи ислом»-и Абдурраyфи Фитрат (2004), «Се маорифпарвари тоҷик дар бораи амирони манғит» (2006), «Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ» (2008), «Ҷаҳони андешаҳои Абдурраyфи Фитрат» (ду ҷилд, 2008, 2009),

«Мунзим» (2001), «Пайрав Сулаймонӣ» чопи дуввум 2012; «Реализми сотсиалистӣ» (1975), «Дастури таълимӣ доир ба назарияи танқиди адабӣ» (қисми 1, 1980; қисми 2 1983; қисми 3 1999), «Масъалаи миллӣ ва интернатсионалӣ дар адабиёти советӣ» (1983), «Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти адабиётшиносӣ» (1980, 1988), «Адабиёти муосири советӣ» (қисми 1, 1984), «Усули ленинии ҳизбӣ будани адабиёт ва ҳунар» (ба забони тоҷикии дарӣ, 1986), «Методи таҳлили асари бадеӣ» (1992), «Мубоҳисаи зиёии деҳотӣ» ва «музофотишуӯр» бо «зиёии шаҳрӣ» ва «шаҳришуӯр» (2003), «Роҷеъ ба умумияти адабиётҳои миллӣ (2004), «Туҳмат ҳам ҳадду ҳудуд доштагист ё ки мо ҳам ҳуқуқи ҳимоя кардани худамонро дорем» (2005) ва даҳҳо мақола, тақриз, эссе, хулоса, муколамаи гуногун ва мутафарриқи осори адибон ва умуман адабиёти ин давраи тоҷик ганҷинаи накди адабии тоҷикро ғанӣ гардонданд, ки қисми каме аз онҳо дар панҷ ҷилд бо унвони «Ҳаёт, адабиёт, реализм» (1966, 1978, 1983, 1984, 1989) дастраси хонандаи умум гардидааст. Соҳиб Табаров дар офариниши асару рисолаҳои ҷамъдастӣ, ба мисли «Очерки адабиёти советӣ», «Энциклопедияи советии тоҷик», «Энциклопедияи адабиёт ва санъат», китобу хрестоматия ва барномаҳои дарсӣ, маҷмӯаҳо ва монанди онҳо ширкат варзидааст.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1941-1942 муаллим ва директории мактаби миёнаи нопурраи ба номи Папанини деҳаҳои Заргар ва Қизилқалъаи ноҳияи Қӯрғонтеппа; мудири кафедраҳои забон ва адабиёти тоҷик, таърихи адабиёти тоҷик ва адабиёти шӯроии тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (марти 1952-маи 1980), муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ ва илмӣ (июли соли 1953-апрели 1956) ва муовини ректор оид ба корҳои илмии ҳамин Донишгоҳ (апрели 1956-феврали 1958). Соли 1947 ба аъзои Иттифоқи нависандагони ИҶШС қабул гардида буд.



**Табаров Хайрулло Назарович** – забоншинос, номзади илмҳои филология, дотсент.

20-уми августи соли 1964 дар деҳаи Саримайдони ноҳияи Мӯъминобод таваллуд шуда, соли 1987 факултети забон ва адабиёти Институти давлатии педагогии шаҳри Кӯлоб ба

номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, соли 1997 шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусравро хатм кардааст. Соли 2011 рисолаи номзадиашро таҳти унвони «Вижагиҳои луғавӣ ва сарфии забони ашъори Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ» ҳимоя намудааст.

Аз соли 2005 то соли 2014 ассистент, муаллими калон, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муаллиф ва мураттиби китобҳои "Таълими аломатҳои китобат"(2002), "Сухани бузургон" (Ба ифтихори гиромидошти Соли забон ва шастумин солгарди таъсиси Донишгоҳи миллӣ, бо ҳаммуаллиф) ( 2008), "Забони тоҷикӣ" (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултети кимиё, бо ҳаммуаллиф),(2012), "Ҳоҷӣ Ҳусайн - шоири суханофарин" (2012), "Ҳоҷӣ Ҳусайн ва арзиши сухан" (бо ҳаммуаллиф) (2013), "Забони тоҷикӣ" (барои донишҷӯёни факултети химияи ДСТР) (2015), "Таджикского-русский словарь терминов истории и дипломатии" (2016) ва бештар аз 40 асару мақолаҳои илмӣ-методӣ ва оммавӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: ҷонишини декан оид ба таълими факултаи филология тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав; солҳои 1988 - 2005 муовини декан оид ба таълими факултаи забонҳои хориҷии (англисӣ) Донишгоҳи омӯзгории ба номи С. Айнӣ; аз соли 2014 то ҳол мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи Славянии Россияю Тоҷикистон мебошад.



**Талбакова Ҳуснигул** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

24-уми декабри соли 1943 дар ноҳияи Совет вилояти Кӯлоб (ҳоло Темурмалики вилояти Хатлон) таваллуд шуда, соли 1961 мактаби миёна, соли 1966 факултети филология, соли 1976 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Унверситети давлатии Тоҷикистон ба номи

В.И. Ленинро хатм карда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Хусусиятҳои лексикӣ ва фразеологии «Маъвои дил»-и Раҳим Ҷалил» соли 1978 дифоъ намудааст.

Дар соли 2001 барои дастовардҳо дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ бо унвони «Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», соли 1984 барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас бо нишони «Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сазовор дониста шудааст.

Муаллифи китоби «Лексикаи забони адабии тоҷик» (бо ҳаммуаллифӣ) (1997), "Вожашиносии забони муосири тоҷик" (бо ҳаммуаллифӣ) (1999), "Усули таҳлили луғавӣ ва фразеологии вожаҳо" (2006), «Забон ва услуби коргузорӣ» (барномаи таълимӣ) (2006), «Луғати антонимҳои забони адабии тоҷик» (2008), «Антонимҳои номӣ яке аз воситаҳои муҳимми тасвир» (2010), «Дурахши маънӣ» (2014), ва зиёда аз 100 мақолаи илмӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ мебошад.

Фаъолиятҳои ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1983-2008 Раиси Шӯрои занони факултети филологияи ДМТ.



**Тилавов Бозор** – (25.02.1932 дар шаҳри Панҷакент таваллуд шуда, дар шаҳри Душанбе вафот кардааст) адабиётшинос, доктори илмҳои филологӣ (1975).

Соли 1956 шӯбаи тарҷумонии факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм кардааст. Солҳои 1956 -1958 ба сифати муаллим дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон фаъолият кардааст. Фаъолияти меҳнатии баъдинаи ӯ дар шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон гузаштааст. Дар солҳои гуногун доир ба масъалаҳои ҷудогонаи забони тоҷикӣ дар рӯзномаҳо чанд мақолаҳои илмӣ –публитсистӣ: аз қабили «Фразеологияи шеърҳои Рӯдакӣ», «Нуқсонҳои забони нашри илмӣ», «Имлои забон баҳс металабад», «Масъалаҳои омӯзиш ва такмили забони адабӣ», «Сайри такомули хат» ба табъ расонидааст.



**Тоҷиев Додоҷон** – (22.03.1915 дар шаҳри Конибодом таваллуд шуда, 06.01.1987 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), забоншинос, доктори илми филология, профессор.

Соли 1934 Омӯзишгоҳи педагогии Хуҷанд, соли 1941 факултети филологияи Университети давлатии Ленинград (ҳоло Санк-Петербург) ба номи Жданов, соли 1951 шуъбаи аспирантураи Институти шарқшиносии АФ СССР дар ш. Ленинградро хатм карда, худи ҳамон сол дар мавзӯи «Воситаҳои алоқаи муайянкунандаю муайяншаванда дар забони адабии ҳозираи тоҷик» рисолаи номзадӣ ва соли 1971 дар мавзӯи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои мураккаби ҳол дар забони адабии ҳозираи тоҷик» рисолаи докторӣ дифоъ кардааст.

Барои хизматҳои бисёрсолааш дар соҳаи маориф соли 1960 «Аълочии маорифи халқи РСС Тоҷикистон»; соли 1965 «Муаллими хизматнишондодаи мактаби РСС Тоҷикистон»; соли 1967 бо медали «Барои меҳнати шоён», ба муносибати 100-солагии рӯзи таваллуди В.И. Ленин; соли 1973 бо нишони «Мактаби олии СССР», барои муваффақиятҳои аъло дар кор; соли 1974 бо медали «Ветерани меҳнат» сарфароз гардонида шудааст.

Теъдоди таҳқиқоти илмии профессор Д. Тоҷиев зиёда аз 150 мебошад:«Причастия в современном таджикском литературном языке» (1954), «Способы связи определения с определяемым в современном таджикском литературном языке» (1955), «Руский язык– язык межнационального общения и сотрудничество всех народов СССР»(1964),«Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба» (1966), «Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» (1971), «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» (ҷумлаи пайрави ҳол) (1981), «Осори мунтахаб» (2005).

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: соли 1947 директори Институти такмили ихтисоси муаллимони Вазорати маорифи РСС Тоҷикистон; Солҳои 1951-1953 мудири шуъбаи забонии адабии тоҷикии Институти забон ва адабиёти АФ РСС Тоҷикистон; солҳои 1953 -1987 мудири кафедраи забони тоҷикии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин; солҳои 1957-1958 декани факултети филологияи

Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин; солҳои 1973-1974 декани факултети филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин; солҳои зиёд Раиси Совети махсусгардонидашудаи назди Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин оид ба ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ доир ба илми филология.

Таҳти роҳбарии профессор Д. Тоҷиев 11 нафар рисолаи номзадӣ ва 2 нафар рисолаи докторӣ дифоъ кардаанд.



**Тоиров Урватулло** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

10-уми майи соли 1942 дар ноҳияи Файзобод таваллуд шуда, соли 1961 мактаб-интернат, соли 1966 факултети таърих ва филологияи тоҷик, соли 1971 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи Ленинро хатм карда, рисолаи номзадиро дар мавзӯи “Қасида дар адабиёти тоҷик (асрҳои 1Х-Х1)” соли 1990 дифоъ намудааст. Соли 1991 дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷик ва усули таълими адабиёт, ҳамчунин соли 1996 дар мавзӯи “Таҳаввул ва такомулоти арӯз дар назария ва амалияи шеъри форсӣ-тоҷикӣ” рисолаи докторӣ ҳимоя кардааст.

Дар соли 1988 барои нашри ҳаштҷилдаи Энсиклопедияи Советии Тоҷик бо Грамотаи фахрии Шӯрои Олии ҶТ, соли 2002 хидматҳои шоиста дар соҳаи маориф бо нишони “Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон” ва боз дар ҳамин сол барои хидматҳои шоиста дар соҳаи илму маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо медали “Нишони фахрӣ” сазовор гардидааст.

Муаллифи китобҳои “Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам” (1991), “Қомуси қофия ва арӯзи шеъри Аҷам” (1994), “Таҳқиқ ва таълими арӯз” (1995), “Фарҳанги истилоҳоти қофия” (1997), “Офтобе дар миёни сояе (ду қисм) (1999), “Назмшиносӣ” (бо ҳамроҳи Худоӣ Шарифов) (2004), “Каломи манзум” (2005), “Анвоъ ва авзони шеъри халқии тоҷикӣ” (2007), “Роҳе ба сӯйи ғафлат” (2007), “Мавлавии Рум хуб бидонад арӯз” (2007), “Адабиёти тоҷик (китоби дарсӣ барои синфи 10, ҳамроҳи М. Солеҳов) (2010), “Таърихи адабиёти тоҷик, ҷ.1. (ҳамроҳи М.

Солеҳов), (2010), “Баёзи адабиёти тоҷик” (ҳамроҳи М. Солеҳов) (2011) Адабиёти тоҷик (китоби дарсӣ барои синфи 7, ҳамроҳи Мӯсоев М.) (2013), “Рӯдакӣ-офаридгори назми оламгир” (2013), “Меъёр ва андозаҳои шеър” (2013), “Рисолаҳои илмии Абдурраҳмони Ҷомӣ” (2014), “Се рисолаи арӯз” (2014), “Таҳаввул ва такомули арӯз” (2015), “Китобҳои таълимии адабӣ” (бо ҳаммуалифии дотсант Солеҳов М. 2016).

Инчунин, дар ҳамин замина матни чанд асари гаронбаҳои адабиётшиносии форс-тоҷик, аз қабили “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ бо ҳамроҳи профессор Худоӣ Шарифов (1986,), “Ал-мӯъҷам”-и Шамси Қайси Розӣ (1991), “Меъёр-ул-ашъор”-и Насируддини Тӯсӣ (1992), “Фунун ва саноеи адабӣ”-и Ваҳидиёни Комёр (1995), “Бадоеъ-ул-афкор”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ (2007), “Рисолаи рубоӣ”-и Мулло Саъдуллоҳ (2007) ва ғайраро бо таҳқиқ ва шарҳу тавзеҳ таҳияву нашр кардааст. Ҳамчунин муаллифи 920 мақоли илмӣ ва илмӣ-оммавӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию раҳбарӣ: солҳои 1974-1975 мудири редаксияи санъат ва маданияти Энсиклопедияи Советии Тоҷик, солҳои 1976-1991 мудири редаксияи луғатнома, истилоҳот ва нашри луғатҳои дузабонаи Энсиклопедияи Советии тоҷик, солҳои 1994-1996 мудири кафедраи фолклоршиносӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик, солҳои 2002-2006 сардабири маҷаллаи “Маърифат”, солҳои 2006-2008 сармуҳаррири Энсиклопедияи олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. Муддати шаш сол аст, ки ба маҳфили илмии “Таҳлили каломи манзум” роҳбарӣ мекунад. Аз соли 1998 узви Шӯрои олимони ДМТ, ба аспирантони зиёде роҳбарӣ кардааст.

**Турсунов Муъмин** – ( 25.06.1924 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шуда, 17.12.1971 дар шаҳри Хуҷанд вафот кардааст), забоншинос, номзади илмҳои филология, дотсент.

Соли 1941 Институти муаллимтаёркунии Ленинобод ва соли 1944 Институти давлатии педагогиро хатм кардааст.

Солҳои 1959-1961 дар Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин ба сифати муаллими калон кор кардааст.



**Тӯраҳасанов Қодиркул Шодиқулович** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

28-уми декабри соли 1966 дар ноҳияи Айнии вилояти Суғд таваллуд шуда, соли 1984 мактаби миёнаи №4, соли 1991 факултети забонҳои Шарқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст.

Фаъолияти кориашро соли 1991 дар кафедраи хат ва матни форсии тоҷикӣ оғоз намудааст.

Хатмкардаи аспирантураи ДМТ ва ДТИ ТҶТ (1997). Соли 2000-ум рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Истилоҳоти пешобшиносӣ дар забони форсии тоҷикӣ» ҳимоя намудааст.

Муаллиф ва мураттиби «Истилоҳоти пешобшиносӣ дар забони форсии тоҷикӣ» (2005), «Забони тоҷикӣ барои факултети ҳуқуқшиносӣ» (2009), «Забони тоҷикӣ (барои гурӯҳҳои русӣ)» (2010), «Забони тоҷикӣ (барои гурӯҳҳои иқтисодӣ)» (2011), «Фарҳанги истилоҳоти пешобшиносӣ» (2008), «Саду як иншо» (2009), «Таърихи таҳаввули истилоҳоти илмии тиббӣ дар забони тоҷикӣ» (2015), «Се ҳазору сесаду сию се саволу ҷавобҳои тестӣ аз забон ва адабиёти тоҷик» (2014), «Расму оинҳои мардумӣ» (2009), «История формирования таджикской медицинской терминологии» (2015), «Забони тоҷикӣ» (барои факултети ҳуқуқушиносӣ) (2017), «Табрикнома» (2017) ва зиёда аз 50 асару мақолаҳои илмиву методӣ ва оммавӣ мебошад.



**Тӯраев Бурҳониддин Бузургович** – номзади илмҳои филология.

18-уми апрели соли 1966 дар ноҳияи Ғончӣ (ҳозира Деваштич) таваллуд шуда, соли 1984 макаби миёна, соли 1992 факултети филологияи ДДМТ (ҳозира ДМТ)-ро хатм кардааст.

Солҳои 2004-2006 ба сифати ассистенти кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ фаъолият кардааст.

Муаллифи китоби "Аҳвол ва осори Ҳазрати Имоми Аъзам" (2009) ва 200 мақолаҳои илмиву оммавӣ, ду маҷмӯаи ашъор.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: коршинос ва мудири китобхонаи форсии Бунёди фарҳангии Тоҷикистон (1992-1996), сармутахассиси Маркази таълимию методии макотиби маълумоти миёна ва муассисаҳои таълимии олии назди Вазорати маорифи Тоҷикистон (2006-2007), мудири кафедраи забони тоҷикии умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С. Айнӣ (2011-2012), мудири кафедраи забони тоҷикии ДДОТ ба номи С.Айнӣ (2014-2015).



**Усмонов Иброҳим Кенҷаевич** – доктори илмҳои таърих, профессор.

10-уми сентябри соли 1948 дар деҳаи Пунғази ноҳияи Ашт ба таваллуд шуда, соли 1966 мактаби миёна, соли 1971 шуъбаи журналистикаи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин, соли 1976 шуъбаи аспирантураи факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносовро хатм карда, худи ҳамон сол дар мавзӯи «Ташкил ва ташаккули матбуоти ҳизбӣ–шӯроии тоҷик (1917-1929)» рисолаи номзадӣ ва соли 1990 дар мавзӯи «Нақши васоити ахбори оммаи кишварҳои гуногунсохт дар мустаҳкам кардани дӯстӣ ва ҳамкорӣ (дар матбуоти СССР ва Афғонситон)» рисолаи докторӣ дифоъ кардааст.

Солҳои 1976 -1982 дар кафедраи фолклор ва адабиёти халқҳои СССР Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин ба сифати ассистент ва муаллими калон фаъолият кардааст.

Муаллиф ва мураттиби беш аз 60 китобу дастур ва 1000 мақолаҳои илмӣ-омавӣ, публисистӣ мебошад: Аз ҷумла, «Таърихи матбуоти ҷаҳон» (Кобул, 1982) (ҳаммуаллифӣ); «Таърихи матбуоти ҷаҳон» (Кобул, 1983.– ч.2.) (ҳаммуаллифӣ), «Журналистикаи советии тоҷик» (1989) (ҳаммуаллифӣ), «Назаре ба ҳаҷвиёти Убайди Зоконӣ» (1992), «Мулк бе сиёсат пойдор намонад» (1996), «Таърихи матбуоти тоҷик.– (дастури таълимӣ), (1997) (ҳаммуаллифӣ), «Назарияи публисистика» (1999), «Сулҳнома» (2001), «Тоҷикон» (2001), «Журналистика»

(қ.1. 2005), «Журналистика» (қ.2., 2005), «Муқаддимаи низоъшиносӣ» (2006) (ҳаммуаллифӣ); «Баҳси алифбои тоҷикӣ» (2008), «Журналистика» (қ.3., 2008), «Хушдилам аз ин ҳунар» (2014), «Журналистикаи иҷтимоӣ» (2010) (ҳаммуаллифӣ).

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: соли 1974 узви Иттифоқи журналистони СССР; 1984 узви иттиҳодияи журналистони Афғонистон; солҳои 1988-1992 декани факултети забон ва адабиёти тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин; солҳои 1992-1993 декани факултети журналистика ва тарҷумонии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон; солҳои 1993-1995 муовини аввал ва раиси Кумитаи давлатии Телевизион ва радиои Ҷумҳурии Тоҷикистон; соли 1995 мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои илм ва иҷтимоиёт; солҳои 1995-2000 вакили Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Кумитаи муносибатҳои байналхалқӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва фарҳанг; 1997-2000 узви Комиссияи оштии миллӣ, Раиси зеркомиссияи сиёсӣ; соли 1998 бо унвони Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон; 2000-2001 вакили Маҷлиси намояндагон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Кумитаи муносибатҳои байналхалқӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот; соли 2000 бо орднри «Дӯстӣ»; 2001-2004 мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба робита ва ҷомеа; соли 2002 академики Академияи байналмилалии мактабҳои олӣ; соли 2002 медали юбилеӣ (ҷашнӣ) бахшида ба 10-солагии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2004-2006 муовини аввали Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2007-2011 мудири кафедраи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.



**Хаскашев Талбак (Толиб) Наботович** – (02.06.1941 дар ноҳияи Тавилдара таваллуд шуда, 14.03.2001 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), забоншинос, доктори илми филология, профессор.

Соли 1967 Донишгоҳи Санк-Петербургро хатм карда, соли 1971 ва соли 1989 шуъбаи аспирантура ва докторантураи донишгоҳи зикршударо хатм карда, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Фонетическая природа словесного ударения в

современном таджикском литературном языке» ва рисолаи докториашро дар мавзӯи «Стоновление и развитие нормы таджикского литературного произношения» дифоъ кардааст.

Соли 1991 барои китоби дарсии «Фонетикаи забони адабии тоҷик» ба «Ҷоизаи Мавлавӣ»-и бунёди байналмилалии забони форсии тоҷикӣ мушарраф гардидааст.

Муаллифи китобҳои «Табиати фонетикии задаи калимаҳо дар забони адабии тоҷик» (таҳқиқоти фонетикии озмунӣ) (1983), «Фонетикаи забони адабии тоҷик» (1989), «Ташаккул ва таҳаввули меъёри талаффузи адабии тоҷикӣ» (2001), «Забони тоҷикӣ» Китоби дарсӣ барои синфҳои панҷуми мактабҳои миёна (1989) ( ҳаммуаллиф).

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1995-2001 мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ); аъзои Президиум ва раиси гурӯҳи кории Комиссияи тадбиқи «Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон» оид ба таҳрири нави «Имлои забони тоҷикӣ»; аъзои Президиуми «Бунёди байналмилалии забони форсии тоҷикӣ», котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ дар назди Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ).



**Хоҷаев Давлатбек** – доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

12-уми майи соли 1947 дар шаҳри Роғун ба дунё омада, соли 1966 мактаби миёна, соли 1972 факултети филологияи УДТ ба номи В.И. Ленин (ҳозира ДМТ)-ро хатм кардааст. Соли 1981 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони тоҷикӣ» ва соли 2004 рисолаи докториашро дар мавзӯи «Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI» дифоъ намудааст.

Дар соли 1990 барои хизматҳои бисёрсолаи бунуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас бо нишони «Аълочии маорифи халқи РСС Тоҷикистон», соли 1998 бо медали «Хизмати шоиста», соли 2011 бо медали «20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардидааст.

Муаллифи китобҳои «Абдусалом Деҳотӣ ва баъзе масъалаҳои забони адабии тоҷик» (1984), «Тарбияи ватандӯстию интернатсионалии ҷавонон» (1988), «Маҷмӯаи машқҳо аз синтаксис ва пунктуатсия» (1990), «Калиди дари ганҷ» (1990), «Синтаксис ва пунктуатсия» (1991), «Дарсҳои забони тоҷикӣ дар синфҳои 9» (1992), «Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна» (1998), «Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва афкори забоншиносии ӯ» (2004), «Забони тоҷикӣ. Синфи 9» (2007; 2013), «Наҳв ва аломатгузорӣ» (ҳаммуаллиф) (2012),«Гуфтори накӯ куҳан нагардад» (2011), «Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI» (2013), “Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик” (2017) (ба ҳаммуаллифӣ) ва зиёда аз 180 мақолаи илмӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: ҷонишини декани факултети филологияи тоҷики ДМТ оид ба таълим (1986-1987; 1997-2000), мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷики факултети филологияи ДМТ (2001-2007), декани факултети филологияи ДМТ (2007-2008), мудири кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи ДМТ (2009-2012). Солҳои 2005-2010 узви Шӯрои олимони ДМТ, солҳои 2007-2011 Шӯрои диссертатсионии Институти забону адабиёти АИ ҶТ буда, аз соли 2008 узви Шӯрои диссертатсионии ДМТ мебошад. Ӯ аз соли 2015 раиси бахши забоншиносӣ дар назди Шӯрои диссертатсионии ДМТ аст. Аз соли 1995 аъзои Иттиҳодияи журналистони Тоҷикистон мебошад.

Зери роҳбарии ӯ 10 нафар рисолаи номзадии хешро дифоъ кардаанд. Ҳоло шаш нафар таҳти роҳбарии профессор Д. Хоҷаев ба навиштани рисолаи илмӣ машғуланд, ки ду нафари онҳо дар арафаи дифоъ мебоашнд.



**Хоҷаева Зебуннисо Давлатбековна** – ассистенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

10-уми январи соли 1977 дар шаҳри Душанбе таваллуд шуда, соли 1994 мактаби миёна, соли 2000 шуъбаи ғоибонаи факултети

филологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм карда, дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавӣ ва грамматикии насри бадеии Саттор Турсун» таҳқиқот бурда истодааст.

Китоби “Наҳви забони тоҷикӣ”-ро аз алифбои лотинӣ баргардон карда (2010), муаллифи беш аз 10 мақолаи илмӣ-омавӣ мебошад.



**Хокироев Ризо** – адабиётшинос, номзади илмҳои филология, дотсент.

10-уми декабри соли 1961 дар ноҳияи Айнӣ таваллуд шуда, соли 1990 Данишгоҳи давлатии Тоҷикистон, соли 1997 шуъбаи ғоибонаи аспирантураи ДДМТ-ро хатм карда, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи “Достонҳои паҳлавонӣ дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ” соли 1998 ҳимоя намудааст

Солҳои 1991-1993 муаллими кафедраи хат ва матни форсии тоҷикӣ, аз соли 1999 муаллими калони кафедра ва ҳамзамон мудири шуъбаи табъу нашри ДДМТ, ба ҳайси директори нашриёти “Сино” кору фаъолият кардааст, аз соли 2002 то 2006 дотсенти кафедраи мазкур буд.

Муаллифи китобҳои “Корҳои мустақилонаи донишҷӯён” (2003), “Сиёвуш дар устура ва адабиёт” (2005), “Сайри таҳаввули симои Сиёвуш дар адабиёти форсу тоҷи” (2006) ва зиёда аз 50 мақолаи илмӣ мебошад.



**Холов Маҳмадулло** 15-уми январи соли 1931 дар деҳаи Майдон, ҷамоати деҳоти Ширинбулоқи ноҳияи Ёвон таваллуд шудааст. Соли 1943 ба мактаби ҳафтсолаи №1, ба номи А.М.Горкий рафта, соли 1950 онро хатм менамояд. Соли 1950 бо қарори Шуъбаи маорифи ноҳияи Ёвон ба курси ғоибонаи муаллимтайёркунии Чиптураи ноҳияи Ҳисор фиристода мешавад. Баъди як соли таҳсил тибқи роҳхат ба Омӯзишгоҳи педагогии ноҳияи Орджонекидзеобод (ҳозира шаҳри Ваҳдат) фиристода шуда, онро соли 1953 хатм менамояд.

Соли 1954 ба факултети таъриху филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин дохил шуда, онро соли 1959 хатм намудааст. Солҳои 1960-1961 бо ҳамроҳии доктори илм Ҷалолов ва хатмкардаи Институти педагогии ба

номи Т.Г.Шевченко – Бобоев ба омӯзиши лаҳҷаю шеваҳои ноҳияи Ёвон машғул мешавад ва баъдтар китоби «Шеваи Ёвон»-ро рӯи чоп меоранд.

Соли 1968 ҳуҷҷатҳояшро ба аспирантура супорида, зери роҳбарии профессор Додоҷон Тоҷиев дар мавзӯи «Лексикаи романи «Дохунда»-и устод Садриддин Айнӣ» рисолаи номзадӣ менависад. Соли 1973 корро ба анҷом расонида, ҳимоя менамояд ва дар кафедраи забони тоҷикии УДТ ба ҳайси муаллими калон ва баъдтар дотсенти кафедра то соли 1984 кор мекунад.

Дар давоми фаъолияти кориаш мақолаҳои зеринро ба табъ мерасонад: «Русская и советско-интернатциональные слова в романе «Дохунда» С. Айнӣ (1970), «Историзмы в романе «Дохунда» С. Айнӣ //Вопросы таджикской филологии (1971), «Вулгаризмы в романе «Дохунда» С. Айнӣ» (1974), «Неологизмы на факультативных занятиях 10 классах. //Мактаби советӣ.– №5 (1972), «Калимаҳои русӣ ва советӣ - интернатсионалӣ дар романи «Дохунда»-и С. Айнӣ». //Масъалаҳои филологияи тоҷик (1974), «Тарзи таълими калимаҳои сермаъно дар синфҳои 4. //Маориф ва маданият, №132 (8591) аз 2 ноябри соли 1974., «Хона» ҳамчун ҷузъи калимаҳои мураккаб дар «Дохунда»-и С. Айнӣ» //Мактаби советӣ.– №5 (1975), «Доир ба баъзе хусусиятҳои калимасозии устод Айнӣ» //Масъалаҳои филологияи тоҷик (1976).



**Холназарова Сафаргул Алиевна** – ассистенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

15-уми августи соли 1960 дар шаҳри Душанбе таваллуд шуда, соли 1977 мактаби миёна, соли 1982 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро (пеш Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин) хатм кардааст.

“Дастури тиб”-и Закариёи Розиро дар ҳаммуаллифии А. Девонақулов соли 2000 ба чоп тайёр намуда, муаллифи 4 мақолаи илмӣ дар Энсиклопедияи тоҷик мебошад.



**Худоёрова Нигина Зардовна** – ассистенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

9-уми сентябри соли 1978 дар ноҳияи Файзобод таваллуд шуда, соли 1995 мактаби миёна, соли 2000 шуъбаи рӯзонаи факултети филологияи ДМТ, соли 2003 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм карда, дар мавзӯи «Фразеологияи насри Ӯрун Кӯҳзод» таҳқиқот бурда истодааст.

Мураттиби барномаи «Ҳуҷҷатшиносӣ» (2013) ва зиёда аз 20 мақолаи илмӣ- оммавӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: аз соли 2011 то ҳол раиси Шӯрои занони факултети филологияи ДМТ.



**Хромов Алберт –** (28.08.1930 дар шаҳри Новгорои Русия таваллуд шуда, соли 1987дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), эроншинос, доктори илми филология (1970), профессор (1971).

Хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Москва (1954). Ходими хурд ва ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти АИ Тоҷикистон (1954-1964), мудири кафедраи забонҳои хориҷии ДДТ, ходими калони илмии кафедраи забони тоҷикии ДДТ, дотсент (1968 -1971) ва профессори кафедраи филологияи Эрони ДДТ (1971-1981) буд.

Аз соли 1981 ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии АИ Тоҷикистон буда, ба тадқиқи шеваҳои забони тоҷикӣ, забонҳои яғнобию суғдӣ, масъалаҳои гуногуни топонимияи таърихию кунунии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, омӯзиши муқоисавии забонҳои эронӣ, таърихи филологияи Эрон, жаргону забонҳои шарқии халқҳои эронӣ ва ғайра машғул буд. Тавассути ҳисобмошини электронӣ забони суғдиро омӯхта, ҳамроҳи В.А. Лившитс тадқиқи ҷиддию мукаммали онро ба анҷом расонд. Хромов ба муносибати ҷашни 1000-солагии Абӯалии Сино «Китоб -ун- нафс» - и ӯро аз арабӣ ба русӣ тарҷума карда карда, ба он тавзеҳоти муфассали илмӣ навиштааст.



**Ҳалимов Саид** – (13.03.1932 дар ноҳияи Ордженикидзиобод таваллуд шуда, 08.12.2009 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст). Забоншинос, номзади илми филология, дотсент, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Соли 1956 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм карда, соли 1964 дар мавзӯи "Айнӣ -забоншинос" рисолаи номзадиашро дифоъ кардааст. Аз соли 1956 то ба нафақа баромадан дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ДМТ) фаъолият кардааст. Меҳнати пурсамари дотсент С. Ҳалимов бо ифтихорномаву медалҳои ҷашнии Донишгоҳ, "Ветерани меҳнат", "Аълочии маорифи халқ", "Корманди шоистаи Тоҷикистон" қадр карда шудааст.

Ҳалимов Саид. муаллифи чанд китоби дарсӣ барои донишкадаҳои олӣ ва мактабҳои миёна мебошад: "Китоби хониш барои чаласаводон" (1960), "Китоби хониш барои калонсолон" (1962), "Забони адабии тоҷик" (1973), "Таърихи забони адабии тоҷик (асри Х)" (1979), "Забони адабии ҳозираи тоҷик" (ҳиссаҳои номии нутқ, ҳаммуаллиф) (1973), "Таърихи забони адабии тоҷик" (асрҳои XI - XII) (2002), "Алифбо ва имлои осори ниёгон" (2003). Ҳамчунин, муаллифи зиёда аз 100 мақолаи илмӣ-тадқиқотӣ ва методист, ки дар маҷмӯаҳо, маҷаллаҳо ба табъ расидаанд.



**Ҳалимова Сафаргул Шарифовна** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи милли Тоҷикистон.

4-уми майи соли 1968 дар ноҳияи Ваҳдат таваллуд шуда, соли 1985 мактаби миёна, соли 1990 факултети филологияи ДМТ, соли 1997 аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст. Рисолаи номзадиашро дар мавзӯи "Лексикаи касбу ҳунар дар осори Сайидои Насафӣ" соли 2002 дифоъ намудааст.

Муаллифи китоби “Вожаю истилоҳоти пешаварӣ дар осори Сайидои Насафӣ” (2014), беш аз 30 мақолаи илмӣ ва барномаҳои таълимӣ мебошад.



**Ҳайдаров Фахриддин Наботович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети фиилологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

10-уми марти соли 1968 дар ноҳияи Данғара таваллуд шуда, соли 1996 шуъбаи рӯзонаи факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва соли 2000 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм карда, рисолаи номзадиро соли 2002 дар мавзӯи «Рӯзгор ва осори Бадри Чочӣ» дифоъ намудааст.

Дар соли 2004 барои дастовардҳо дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ бо «Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон дар соҳаи илм ва техника» ва соли 2012 барои хизматҳои шоён дар соҳаи маориф ва саҳми босазо дар таълим ва тарбияи мутахассисони соҳибкасб бо нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳури Тоҷикистон» сарфароз гардонида шудааст.

Муаллифи китобҳои «Бадри Чочӣ. Гулчини девони ашъор» (2000), «Рӯзгор ва осори Бадри Чочӣ» (2002), Дастури методӣ оид ба таълифи рисолаи дипломӣ аз фанни таърихи адабиёти тоҷик (ҳаммуаллифӣ, 2010), «Гулистон»-и Саъдӣ (бо шарҳи вожаҳо ва таъбироту ифодаҳо, ҳаммуаллифӣ, 2015), Равзанаи нигоҳ (маҷмӯи мақолаҳо, ҳаммуаллифӣ, 2015) ва зиёда аз 20 мақолаву фишурдаҳои илмӣ ва илмию оммавӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 2001-2004 мушовири ноиби аввали ректори ДДМТ, солҳои 2004-2006 мудири шуъбаи таълими бахши ғоибонаи ДДМТ, солҳои 2006 – 2008 мудири сектори тарбияи ДДМТ, солҳои 2008-2010 мудири шуъбаи мониторинг ва назорати сифати таълими ДМТ, солҳои 2010 -2013 сардори Маркази тестӣ ва мониторинги сифати таълими ДМТ, аз августи соли 2013 то феврали соли 2016 декани факултети журналистикаи ДМТ фаъолият намудааст. Аз соли 2016 дар вазифаи сардори Раёсати таҳсилоти олии касбӣ

ва баъдидипломии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ифои вазифа дорад.



**Ҳайдаров Муҳаммадёр Маҳмадумарович** – номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

9-уми июли соли 1980 дар деҳаи Турбақалъа 4 (ҳоло Ваҳдат)-и ноҳияи Шаҳринав таваллуд шуда, соли 1997 мактаби миёна, соли 2001 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси филолог-ҳуҷҷатнигор аз рӯйи шакли таҳсили бакалавр ва соли 2003 ихтисоси забон ва адабиёти тоҷикро аз рӯйи шакли таҳсили магистр хатм карда, солҳои 2004-2008 дар шуъбаи ғоибонаи аспирантураи ДМТ таҳсил намудааст.Ӯ рисолаи номзадиашро соли 2015 дар зери роҳбарии профессор Ҳ. Маҷидов бо унвони «Калимаҳои услуби баланд дар забони адабии муосири тоҷик» ҳимоя кардааст.

Соли 2017 барои фаъолияти пурсамар дар соҳаи омӯзгорӣ бо "Ифтихорнома"- и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст.

Ҳайдаров М. роҳабрии маҳфили «Забоншиноси ҷавон»-ро ба зимма дорад. Муаллиф ва мураттиби китобҳои "Машғулиятҳои амалӣ аз фанни луғатшиносии забони адабии ҳозираи тоҷик" (ҳаммуаллифӣ) (2010), "Роҳнамо аз фанни луғатшиносии забони адабии муосири тоҷикӣ" (ҳаммуаллифӣ) (2017), "Калимаҳои услуби баланд дар забони адабии муосири тоҷикӣ"(монография) (2018) ва зиёда аз 30 мақолаи илмӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 2004 – 2007 танзимгари Маркази забони адабии муосири тоҷик (МЗАМТ)-и ДМТ ва баъд вазифаи ҳамоҳангсози Маркази омӯзиши забонҳо ва тарҷума; соли 2016 раиси Шӯрои кураторони факултети филология; аз соли 2017 муовини декан оид ба тарбияи факултети филолигияи ДМТ мебошад.



**Ҳасанов Абдуҷамол Ашрафович** - доктори илмҳои филологӣ, профессор.

19-уми ноябри соли 1958 дар ноҳияи Конибодоми вилояти Ленинобод (Суғди кунунӣ) таваллуд шуда, соли 1975 мактаби миёна, соли 1981 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳозира Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон), соли 1985 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи ДМТ-ро хатм карда, соли 1986 дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавии «Ҳудуд-ул-олам» рисолаи номзадӣ ва соли 2004 дар мавзӯи «Маҳфузмонии хусусиятҳои луғавӣ ва қолабҳои сарфию наҳвии осори садаҳои X-X111 дар гӯиши шимолӣ (бахши Фарғонаи ғарбӣ)» рисолаи докторӣ дифоъ намудааст.

Аз соли 1982 то соли 1992 дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин фаъолият кардааст.

Соли 1999 барои асари дуҷилдаи «Сомониён дар ойинаи таърих» барандаи Ҷоизаи адабии Ҳукумати вилояти Суғд ба номи Камоли Хуҷандӣ, соли 2010 барои асари дуҷилдаи «Донишномаи Сомониён» барандаи Ҷоизаи байналмилалии «Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон «Пайванд», «Анҷумани Рӯдакӣ» (Франсия), «Манучеҳри Фарҳангӣ» (Испания) шудааст. Мавсуф аз соли 2002 «Аълочии маорифи Тоҷикистон» мебошад.

Муаллифи асарҳои “ Аз Ҳахоманиш то Ардашер” (1997) (бо ҳаммуаллиф), “Мухтасаре аз таърихи тадқиқи забони адабии классикӣ”. (Аз аҳди Сомониён то ибтидои асри XX). (1999**)**, **“**Дурри дарёи дарӣ ва шеваи шимолӣ” (1999), “Сомониён дар оинаи таърих”. Ҷилдҳои 1-2. –(1998), (бо ҳаммуаллиф), “Зикри нуқси сухан дар вожаномаҳои куҳан” (2001), “Луғати мухтасари мавзӯи таълимии тоҷикӣ-русӣ” (2002), (бо ҳаммуаллиф), “ Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X-XШ дар гӯиши шимолӣ” (бахши Фарғонаи Ғарбӣ). (2003), “Сайри сухан” (2006), “Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ». Ҷилдҳои 1 – 2. (2008), (бо ҳаммуаллиф), “ Донишномаи Сомониён”. Ҷилдҳои 1 – 2. ( 2008 – 2009), (бо ҳаммуаллиф), “Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ». (2014), (бо ҳаммуаллиф), “Ҳудуд-ул-олам мин-ал-Машриқ ила-л-Мағриб”, (2014), “Лаҳҷашиносии таърихӣ”

(2014), "Таҳаввули таърихии вожаҳои тоҷикӣ" (2017) ва беш аз дусаду шаст мақолаи илмӣ ва зиёда аз нӯҳсаду шаст мақолаи энсиклопедӣ дар «Донишномаи Сомониён», «Донишномаи Рӯдакӣ» ва «Энсиклопедияи Миллии Тоҷик» аст.

Фаъолияти ҷамъиятиву роҳбарӣ: солҳои 2000-2001 мудири кафедраи таърихи забони тоҷикӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии ДДХ, солҳои 2007- 2014 директори «Маркази пажӯҳиши тамаддуни давраи Сомониён»-и назди ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, аз соли 2007 то имрӯз ходими пешбари илмии муштаракваэифаи Маркази илмии Хуҷандии Академияи илмҳои ҶТ мебошад. Узви Шӯрои ҷумҳуриявии ҳамгунсозии истилоҳоти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Шӯрои муттаҳидаи дифои рисолаҳои номзадӣ ва доктории ДДОТ ба номи С.Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров ва Донишгоҳи забонҳои ба номи С.Улуғзода аст.

Таҳти роҳбарии ӯ 13 нафар аспиранту унвонҷӯ рисолаи номзадӣ дифоъ кардаанд.



**Ҳасанов Исматулло Саъдуллоевич** – муаллими кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

1-уми январи соли 1960 дар деҳаи Чашмасори ноҳияи Мӯъминободи вилояти Хатлон таваллуд шуда, соли 1977 мактаби миёна, соли 1982 факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб ба номи Рӯдакиро хатм намудааст.

Муаллифи мақолаҳои "Феълҳои ифодагари нутқу калом дар забони тоҷикӣ" (2013), "Калимаҳои мураккаби муодили ибораҳои озоди синтаксисӣ дар ашъори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (2014), "Мавқеи ғазал дар эҷодиёти Алимуҳаммад Муродӣ" (2015), "Тарҳбандиҳои сарфию наҳвии ҳамвазифа дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ" аст.



**Ҳасанов Меҳроб Маҳмадович** – ассистети кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

23-июни соли 1990 дар ноҳияи Ховалинг таваллуд шуда, соли 2008 мактаби миёна, соли 2014 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст. Ӯ аз соли 2015 ба шуъбаи ғоибонаи аспирантураи ДМТ дохил шуда, дар мавзӯи «Тадқиқи сохториву фонатсионии воҳидҳои фразеологии забони адабии тоҷикӣ» таҳқиқот бурда истодааст.

Муаллифи беш аз 10 мақолаи илмӣ ва илмию омавӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 2016-2017 муовини декан оид ба тарбияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.



**Ҳасанова Манзура Абдурашидовна** – 6-уми январи соли 1977 дар деҳаи Қалъаи ноҳияи Ҳисор (ҳозира ш. Ҳисор) таваллуд шудааст. Солҳои 1994–1999 донишҷӯи факултети филология, шуъбаи ғоибонаи ДМТ.

Аз соли 2001 то 2003 ба сифати мудири кабинети кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ ва аз соли 2003 то 2016 мудири кабинети кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор кардааст.



**Ҳафиззода Дӯстмурод** – дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

1-уми октябри соли 1977 дар ноҳияи Файзобод таваллуд шуда, соли 1994 мактаби миёна, соли 2005 факултети филологияи ДМТ-ро хатм намудааст.

Солҳои 2005-2007 муҳаққиқ-коромӯзи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ, солҳои 2010 шуъбаи

аспирантураи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм карда, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи “Мавзӯъҳои сиёсии назми солҳои 90-уми тоҷик” соли 2010 ҳимоя намудааст.

Соли 2015 бо нишони “Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон” сарфароз гардонида шудааст.

Муаллифи китобҳои “Ҷанги шаҳрвандӣ ва инъикоси бадеии он” (2010); “Инъикоси воқеаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Тоҷикистон дар назми солҳои 90-уми садаи XX”, (2014) ва зиёда аз 20 мақолаи илмӣ ва илмию оммавӣ мебошад.



**Ҳикматова Дилафрӯз Анваровна** – мудири толори хониши доктор PhD ва магистри факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

9-уми декабри соли 1983 дар ноҳияи Шаҳринав таваллуд шуда, соли 2001 мактаби миёна, соли 2007 факултети филологияи ДМТ хатм намудааст. Дар мавзӯи «Масъалаҳои худшиносии миллӣ ва эҷодиёти Ӯ. Кӯҳзод (дар мисоли романи «Ҳайҷо»)» тадқиқот бурда, муаллифи 5 мақолаи илмӣ мебошад.

Соли 2016 барои хизмати бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф бо «Ифтихорнома»- и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон сазовор дониста шудааст.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: 2002-2003 котиби декан; 2004-2015 мудири кабинети Утоқи Эрон; солҳои 2015-2017 мудири толори хониши доктор PhD ва магистри факултети филологияи ДМТ.



**Ҳошимов Собирҷон** – (10.02.1942 дар шаҳри Конибодом таваллуд шуда, соли 2016 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), забоншинос, номзади илми филология, дотсент.

Соли 1965 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, соли 1972 шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм кардааст. Аз соли 1967 то 2000 дар Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон фаъолияти омӯзгорӣ кардааст. Аз соли 2000 то соли 2016 дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия буд.

Ҳошимов муаллифи чанд китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва мактабҳои миёна мебошад «Забони ҳозираи тоҷик», (1981) (бо шариктаълиф). Ҳамчунин муаллифи зиёда аз 150 мақолаи илмӣ – тадқиқотӣ ва методист, ки дар маҷмӯаҳо, маҷаллаҳо (Мактаби советӣ, Маърифати омӯзгор, Садои Шарқ, Рӯдакӣ) ба табъ расидаанд.



**Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

30-юми сентябри соли 1965 дар деҳаи Варгонзаи ноҳияи Китоби Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд шуда, соли 1982 мактаби миёна, соли 1992 шуъбаи рӯзонаи факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, соли 1997 шуъбаи аспирантураро хатм кардааст. Соли 1999 дар мавзӯи «Таҳқиқи лингвистии топонимҳои водии Кешруд» рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст. Рисолаи докториаш «Таҳқиқи забоншиносии гидронимҳои Осиёи Миёна» омодаи дифоъ аст. Дар соли 2016 барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» сазовор дониста шудааст.

Муаллифи китобҳои «Топонимияи водии Кешрӯд” (2002-2014), «Шевашиносии тоҷик» (2006), «Сарнавишти вожаҳо» (2006), «Таърихи забони тоҷикӣ» (Самарқанд, 2007), «Лафзи хуш дар ҷилва орад маънии гуфторро» (2010), «Варгонза» (2012), «Фарҳанги мухтасари гидронимҳои эрониасли Мовароуннаҳр» (2013), «Баррасии забоншиносии номвожаҳои ҷуғрофии водии Кешрӯд» (2014) ва беш аз 120 мақолаи илмиву васоиту дастурҳои таълимиву методӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: аз соли 2009 директори Маркази омӯзиши забонҳои ДМТ буда, ҳамзамон аз моҳи сентябри соли 2015 раиси Шӯрои илмӣ-методии факултети

филологияи ДМТ аст. Узви Иттиҳодияи рӯзноманигорони Тоҷикистон мебошад.



**Ҳоҷибоева Лола Тоҷибоевна –** ассистенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

5-уми майи соли 1972 дар ноҳияи Зафаробод таваллуд шуда, соли 1989 мактаби миёна, соли 1994 факултети филологияи ДМТ, соли 1997 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм кардааст.

Муаллифи мақолаҳои «Таъвили ашъори Рӯдакӣ дар гуфтори Абӯсаиди Абулхайр» (2012), пешгуфтори китоби «Маҷмӯаи рубоиёти Абӯсаиди Абулхайр» (2013), «Тарҳи ҷамол дар рубоиёти Абӯсаиди Абулхайр», «Эпические сказания – мост методу древностью и настоящим в Таджикистане» / “Epic Stories that Bridge Ancient and Present worlds in Tajikistan”.

Беш аз 20 китобро аз хати форсӣ ба кириллии тоҷикӣ баргардондааст, аз ҷумла, китобҳои «Таъсири Миср дар тамаддуни Эрони бостон» (2007), «Мероси ишроқии Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ» (2008), «Турк ва Тур дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ» (2009). Мутарҷими новеллаи «Тӯморҳои наврӯзӣ» - и Эраҷ Баширӣ аз форсӣ ба русӣ («Новогодние свитки») аст.



**Ҳусейнзода Шарифҷон** – (12.04.1907 дар шаҳри Конибодом таваллуд шуда, 20.12.1988 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), адабиётшинос, номзади илмҳои филология, профессор.

Маълумоти ибтидоиро дар мактаби куҳнаи пешазинқилобӣ гирифтааст. Маълумоти миёнаи нопурраро дар Хӯқанд (1923, ба узбекӣ) ва маълумоти миёнаи касбии омӯзгориро дар Боку (1926, ба озарӣ) ва маълумоти олии касбиро дар Тошканд (факултети шарқшиносии УДОМ-1931 ба узбекӣ, тоторӣ ва русӣ) фаро гирифтааст. Яъне, мавсуф ба забони модарии худ расман таҳсил накардааст. Аммо баъдан дар ҷараёни кор дар муассисаҳои илмӣ ва макотиби олии Узбекистон (то соли 1940) ва Тоҷикистон (аз соли 1940 то поёни

умр) ба забонҳои гуногун аз роҳи мутолиаи мустақилона донишҳои касбии худро такмил намудааст.

Ҳусензода Ш. бо ин ҳама корҳо аз пайи дарёфти дараҷаҳои расмии илмӣ нагаштааст. Дар соли 1953 АУ Тоҷикистон муҳтавои китоби дарсиашро таҳти унвони “Адабиёти тоҷик дар асрҳои X-XV” ҳамчун диссертатсия қабул намуда, аз Комиссияи Олии Аттестатсионии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ хоҳиш кардааст, ки ба ӯ дараҷаи илмии номзади илми филологияро бидиҳад ва он амалӣ шудааст.

Аввалин мақолаву тақризҳои адабӣ ва танқидии Ҳусейнзода Ш. аз қабили “Мубориза дар ҷабҳаи адабиёти тоҷик” (1930), “Ба сӯйи ғалабаҳои нав” (1931), “Лоҳутӣ ва методи эҷодии ӯ” (1932), “Адабиёти шӯроӣ, ба пеш!” (1932), “Дар роҳи санъати бузурги сотсиализм” (1932) ва ғайра, ки солҳои 20-30-и асри гузашта таълиф шудаанд. Соли 1936 бори аввал ба забони тоҷикӣ китоби “Назарияи адабиёт”-ро таълиф кард ва он ба ҳуруфи лотинӣ дар Тошканд ба чоп расида буд (168 саҳ.). Солҳои 40 ва 50 давраи ҳамчун мунаққид ва адабиётшинос камол ёфтани Ш. Ҳусейнзода буд. Ӯ тайи ин солҳо як силсила мақолаҳои пажӯҳишию танқидии амиқ роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик аз қабили “Дар бораи баъзе камбудиҳои насри имрӯзаи мо” (1940), “Дар бораи баъзе лаҳзаҳои асосии таърихи адабиёти тоҷик” (1946), “Адабиёти советии тоҷик дар давраи баъди ҷанг” (1947), “Доир ба масъалаҳои тараққиёти насри бадеии муосири тоҷик” (1951), “С.Айнӣ ва баъзе масъалаҳои адабиёти советии тоҷик” (1953), “Масъалаҳои танқиди адабӣ дар адабиёти тоҷик” (1959) ва ғайраро иншо намудааст. Гуфтани он ҳам баҷост, ки дар соли 1956 китоби якуми «Очеркҳои таърихи адабиёти шӯравии тоҷик» ва соли 1957 китоби дуюми ҳамин асар ба забони тоҷикӣ ва баъдан ба забони русӣ чоп шуданд. Узви ҳайати омодагии чоп буд ва таълифи муқаддима ва қисмати асосии боби адабиёти тоҷик дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва фасли «Адабиёти шӯравии тоҷик дар давраи баъди ҷанг» ба қалами ӯ тааллуқ доранд. Самараи фаъолияти илмии Ш. Ҳусейнзода дар солҳои 60-70 боз ҳам боровартар мегардад. Дар ин давра ӯ мақолаҳои ниҳоят ҷиддию илман асосноки адабпажӯҳиро ба майдон овард, ки масъалаҳои таърихи адабиёти гузашта ва раванди адабии даврони муосирро фаро мегирифтанд. Чунин

тарзи бархурд бо адабиёт, яъне дар шакли мақолаҳои гуногунҳаҷм иброз намудани андешаҳои илмиро ӯ то поёни умр идома дод. Онҳо асосан дар чанд маҷмӯаи мақолоти ӯ, аз қабили “Баҳс ва андеша” (1964- 263 саҳ.), “Гуфтор аз ганҷи сухан” (1985- 222 саҳ.) ва “Ангезаи меҳр” (1988-46 саҳ.) чоп ва нашр шудаанд. Барои солимгардонии нақди адабии тоҷик як силсила мақолаҳо, аз қабили “Дар бораи муҳимтарин масъалаҳои танқиди адабӣ”, “Танқиди адабӣ ва ҳаёт”, “Танқиди адабӣ ва адабиётшиносӣ бояд беҳтарин фикру андешаҳоро ифода кунад”, “Дар ҷустуҷӯи маҳорат” ва ғайраро таълиф намуд. Мақолаҳои “Шеъри классикӣ ва масъалаи шеъри нав”, “Сайри таҳаввул ва такомули адабиёти форсу тоҷик”, “Шеъру шоирӣ аз назари Ҷомӣ”, “Андешаи Ҳофиз”, “Гуфтор аз ганҷинаи аллома Абӯрайҳони Берунӣ” ва ғайра фарогири масоили назариёти адабанд. Аз рисолаҳои алоҳидааш «Сухансарои Панҷруд» (1958), «Ҷалол Икромӣ» (1959), «Мақоми Ибни Сино дар шеъру адаби тоҷик» (1985) (ин рисоларо бо ҳамдастии Х.Шарифов таълиф кардааст) Як ҷанбаи фаъолияти илмии ӯ ба чоп омода кардан ва баргардони осори адабии гузаштагон ба алифбои имрӯзаи тоҷикӣ мебошад. Соли 1941 китоби «Лайлӣ ва Маҷнун»- и Алишери Навоӣ ба забони ӯзбекӣ дар таҳияи Ҳусейнзода Ш. ва Амин Умарӣ ба ҳуруфи кириллӣ дар Тошканд чоп шуд (510 саҳ.). «Фарҳод ва Ширин»- и Навоӣ бо таҳрири вай дар Сталинобод соли 1946 рӯйи чоп омад (307 саҳ.). Ҳусейнзода Ш. дар соли 1955 «Мунтахабот»- и Камоли Хуҷандиро бо муқаддимаи муфассали илмӣ, ки натиҷаи таҳқиқоти тӯлониаш буд, дар Сталинобод интишор кард (135 саҳ.). Соли 1959 «Ашъори мунтахаб»- и Камол дар таҳияи ӯ бо ҳуруфи форсӣ бо дебочаи хеле мӯҷазу пурмӯҳтаво ба зевари чоп омад (324 саҳ.). Ва ҳамин нашр як сол баъд бо алифбои кириллӣ ба табъ расид. Нашри оммавии девони Камолро ӯ бо ҳамкории Н.Қаҳҳорова ва С.Асадуллоев дар ду ҷилд, мутаносибан дар солҳои 1983 (560 саҳ.) ва 1985 (464 саҳ.) ба иҷро расонид, ки қариб ҳамаи ашъори ин шоирро дарбар дошт. Ҳамчунин матни интиқодии девони комили ин шоирро бо ҳамдастии С.Асадуллоев бо ҳуруфи асл дар ду ҷилд омода намуда дар Душанбе чоп кард (Ҷ.1.-1986.- 510 саҳ.; Ҷ. 2.- 1987.- 551 саҳ.). Аз осори Ибни Сино ё мансуби ӯ китобҳои «Авҷи зуҳал» (ашъори арабӣ ва форсии Ибни Сино бо ҳуруфи

асл, ашъори форсии мансуб ба Ибни Сино ба кириллӣ ва қисман бо тарҷума ба забони русӣ) ва «Пирӯзинома» бо саъйи Ҳ.Ш. ва Х.Шарифов соли 1980 чоп шуданд. Китоби «Фанни шеър» ҳовии «Фанни шеър»- и Арасту (аз русӣ тарҷумаи Х.Шарифов), «Рисола дар бораи қонунҳои санъати шеърӣ»- и Форобӣ, «Дар бораи санъати шеър»- и Ибни Сино, «Китоби шеър»- и Ибни Рушд, «Дар ҳадди шеър ва таҳаққуқи он»- и Насируддини Тӯсӣ низ бо эҳтимоми Ҳусейнзода Ш. ва Х.Шарифов соли 1985 омода ва чоп шудаанд.

Ба ҳамроҳии Ш.Ниёзӣ дар соли 1934 китоби «Адабиёт» барои синфи панҷуми мактабро таълиф кард (266 саҳ.). Аз соли 1943 то муддати зиёда аз чиҳил сол «Адабиёти ватан» дар таълифи ӯ китоби дарсии синфи ҳафтум буд (369 саҳ.). Аз соли 1950 то соли 1982 китоби вай «Адабиёти тоҷик» (271 саҳ.) дар синфи ҳаштум тадрис мешуд.

Ҳусейнзода Ш. беш аз сӣ равандаи роҳи илмро бевосита тарбият намуда то ба дараҷаҳои номзади илму доктори илм расонидааст. Мактаби илмии ин шахсияти фарзона то имрӯз побарҷост.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1940-1947 дар вазифаҳои муаллими калони Донишкадаи омӯзгории ба номи Т.Г.Шевченкои шаҳри Душанбе (ҳозира ДДО ба номи С.Айнӣ), мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики донишкадаи мазкур ва ҳамзамон ходими илмии шӯъбаи тоҷикистонии АИ Иттиҳоди Шӯравӣ кор кардааст. Солҳои 1947-1948 директори Пахӯҳишгоҳи забон, адабиёт, таърих ва бостоншиносии бунёди тоҷикистонии АИ Иттиҳоди Шӯравӣ, пас аз он то соли 1958 мудири сектори адабиёти Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти тоҷики АИ Тоҷикистон буд. Ӯ аз соли  то соли 1962 то соли 1984 вазифаи мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷики ДМТ-ро адо кардааст.

Ад.: Равшангари дилҳо.-Д.: Маориф, 1982; Мақсудов Б. Ш. Ҳусейнзода ва ақрабои ӯ //Б. Мақсудов. Феҳристи нусхаҳои хаттии Маркази фарҳангии ба номи профессор Ш. Ҳусейнзода.- Душанбе: Сино, 2007.

**(Б. Мақсудов)**



**Ҳусейнов Худойдод** – (01.01.1923 дар шаҳри Конибодом таваллуд шуда, соли 1983 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), забоншинос, номзади илмҳои филология, дотсент.

Соли 1940 Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Қурғонтеппаро хатм карда, соли 1950 донишҷӯи институти педагогии шаҳри Ленинобод, соли 1956 шуъбаи аспирантураи Институти забон ва адабиёти АИ ҶТ-ро хатм карда, соли 1960 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии тоҷик» дифоъ кардааст.

Аз соли 1964 то 1982 дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ) фаъолият кардааст.

Муаллиф ва мураттиби беш аз 100 асару мақола, китоби дарсиву дастурҳои таълимӣ мебошад: «Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик» (1960), «Пайдоиши забон ва инкишофи он» (1963), «Диалектизмҳо дар забони ҳикояҳои Ҳаким Карим» (1964), «Оид ба истеъмоли аломатҳои китобатӣ дар забони тоҷикӣ» (1965), «Забон ва услуби «Одина»-и устод Айнӣ» (1973), «Қоидаҳои асосии истеъмоли аломатҳои китобӣ дар забони тоҷик» (1966), «Маҷмӯи диктантҳо ва пунктуатсия» (1971), «Пунктуатсияи забони адабии ҳозираи тоҷик» (1977), «Забони тоҷикӣ». Китоби дарсӣ барои синфи 4. (1981), Луғати истилоҳоти забоншиносӣ (бо ҳаммуаллифӣ) (1983).



**Ҷалилова Гулрухсор Манононовна** – котибаи садорати факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3-юми январи соли 1989 дар шаҳри Турсунзода таваллуд шуда, соли 2007 мактаби миёнаро хатм намудааст. Ҷалилова Гулрухсор соли 2016 ба коллеҷи омӯзгорӣ ба номи Хосият Махсумова дохил шуда, айни ҳол дар курси 2-юми шуъбаи ғоибона таҳсил карда истодааст.

Аз соли 2012 ба сифати котибаи садорати факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор мекунад.

**Ҷӯраев Рустам** – (01.03.1937 дар ноҳияи Ашт таваллуд шуда, 02.02.1995 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), забоншинос, номзади илм, дотсент.

Соли 1954 ба факултети таъриху филологияи ДМТ (он вақт УДТ ба номи В.И.Ленин) дохил шуда, соли 1959 онро хатм намуда, солҳои 1959-60 дар шуъбаи рӯзонаи аспирантураи ДДТ ва солҳои 1960-62 дар аспирантураи назди кафедраи филологияи эрони факултети шарқшиносии Университети давлатии Ленинград ба номи А.А. Жданов таҳти роҳбарии доктори илми филология, профессор М.Н. Боголюбов дар мавзӯи «Тадқиқи грамматикаи ёдгории забони тоҷикии форсии асри XII «Асрорутавҳид» рисолаи номзадӣ навишта, соли 1964 онро ҳимоя намудааст.

Рустам Ҷӯраев дар вазифаҳои ассистент, муаллими калон, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва мудири сектори илми ДДТ, инчунин дотсенти кафедраи байнифакултетии забон ва адабиёти ДДТ (1990-95) кор кардааст.

Р. Ҷӯраев аз қабили устодон ва муҳаққиқони пурмаҳсули соҳаи филологияи тоҷик ва журналистика буда, ба қалами ӯ зиёда аз 60 асару мақолаи илмию методӣ, илмию оммавӣ ва очерку лавҳа тааллуқ дорад. Аз қабили «Из истории времен и модальных значений глагольных форм таджикского и персидского языков» (1962), «Грамматическое описание «Асрорутахид» -таджикского и персидского памятника XII века» (1964); «Дадажан Таджиевич Таджиев (Краткий очерк жизни и научно –педагогической деятельности)» (бо ҳамроҳии А.Юнусов) (1965); «Дастур оид ба дарсҳои амалии таърихи забони тоҷикӣ» (1972); «Этимологияи 100 калима» (1985), «Пособие по изучению терминологии культуры и искусства языка дари Афганистана» (1987).

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: мудири кафедраи забони русӣ ва забоншиносии умумӣ (1971) ва баъд дотсент ва мудири кафедраи байнифакултетии забони русии Донишкадаи давлатии педагогии шаҳри Кӯлоб (1971-76), проректори шуъбаи ғоибона, проректор оид ба корҳои илмии Донишкадаи давлатии санъати ба номи М.Турсунзода (1979-85).

**Ҷӯраев Неъматулло** – номзади илмҳои филология, забоншинос.

25-уми марти соли 1954 дар шаҳри Исфара тавалуллуд шуда, соли 1982 донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм карда, баъд аз хатми шуъбаи аспирантура соли 1989 рисолаи номзадиашро дифоъ кардааст.

Солҳои 1982-1984 мудири кабинети забони тоҷикии ДДТ буд, 1984-1989 – ассистенти ҳамин кафедра. Солҳои 1998 – 2006 ходими илмии пешбари Маркази омӯзиши тамаддуни даврии Сомониён (Хуҷанд), мудири кафедраи забони форсӣ ва декани факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ва солҳои 2006-2007 дотсенти Донишгоҳи ш.Қазон.



**Шарифов Худоӣ (Шарифзода) –** (25.06.1937 дар ноҳияи Дарвози Тоҷикистон таваллуд шуда, соли 2017 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст**),** доктори илмҳои филологӣ, профессор, Арбоби шоистаи илм ва техникаи Тоҷикистон, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Соли 1956 мактаби миёна, соли 1961 шуъбаи забон ва адабиёти тоҷики факултети филология, соли 1969 аспирантураи назди кафедраи таърихи адабиёти тоҷикро хатм карда, соли 1970 дар мавзӯи «Ташаккули афкори адабии форс-тоҷик дар асрҳои X-XI» рисолаи номзадӣ дифоъ намудаст. Соли 1987 дар мавзӯи «Назарияи наср дар осори форсии марҳилаи классикӣ» (асрҳои X-XV) рисолаи докторӣ ҳимоя кардааст.

Дар соли 1997 барои меҳнати пурсамараш дар соҳаи суханшиносӣ бо уновни Арбоби шоистаи илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007 бо нишони Аълочии маориф, ва бо Ҷоизаи адабии Айнӣ (1995), Ҷоизаи адабии Саъдӣ (РҶИ), (2016) Нишони миллии Фирдавсӣ (ҶИЭ) 2016 сарфароз гардонида шудааст.

Муаллифи китобҳои «Услуб ва камолоти сухан» (1985), «Мақоми Ибни Сино дар шеъру адаби тоҷик» (1985, ҳамроҳ бо Ш. Ҳусейнзода), Ибни Сино: «Пирӯзинома», «Фанни шеър» (1985, ҳамроҳ бо Ш. Ҳусейнзода), «Мунтахаби «Тарҷумон-ул-

балоға» ва «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» (1987), «Каломи бадеъ» (1991), «Шоир ва шеър» (1998), «Шоирони аҳди Сомониён» (1999, ҳамроҳ бо А. Абдусаттор), «Мероси Сомониён» (1999, ҳамроҳ бо А. Абдусаттор), «Озурдагон ва умедворон» (2001), «Савти Аҷам» (2002), «Балоғат ва суханварӣ» (2002), «Рози ҷаҳон» (2003), «Назарияи наср» (2004), «Суннатҳои адабӣ» (2007), «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» (2007), Восифӣ: «Бадоеъ-ул-вақоеъ» (мунтахаби ҳикоёт, 2008), «Сухан аз адабиёти миллӣ» (2009), «Ашъори ҳакимон ва орифон» (2011, ҳамроҳ бо А. Абдусаттор), «Маънавият ва ҷаҳони зоҳирӣ» (2012), «Сездаҳ мақола» (2013), “Шоҳнома” ва шеъри замони Фирдавсӣ” (2014), Маҷмуаи асарҳои адабии Сино (2016), “Шоҳнома” ва шеъри замони Фирдвсӣ (2016-Эрон).

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1975-1976 ҷонишини декани факултети филологияи ДМТ оид ба таълим; солҳои 1989-1993 мудири кафедраи фолклор ва методикаи таълими факултети филологияи ДМТ; солҳои 1993-1997 декани факултети филологияи тоҷики ДМТ; солҳои 1993-2009 мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи ДМТ; аз соли 1989 то соли 2003 раиси бахши танқид ва адабиётшиносии ИНТ; аз соли 1993 то 2015 аъзои Президиуми ИНТ; Раиси бахши адабиёт барои ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ; аз соли 1979 узви Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон аст.

Зери роҳбарии устод 36 нафар рисолаҳои номзадию докторӣ дифоъ кардаанд.



**Шарифова Фарангис Худоиевна** – доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

10-уми октябри соли 1970 дар шаҳри Душанбе таваллуд шуда, соли 1987 макаби миёна, соли 1992 факултети филологияи тоҷики ДМТ ва соли 2000 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм кардааст. Рисолаи номзадиро дар мавзӯи “Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии “Кашф-ул-маҳҷуб”-и Алӣ Ҳуҷвирии Ғазнавӣ ” соли 2002 ва соли 2013 рисолаи доктириро дар

мавзӯи “Таҳаввули ҷумлаи содаи забони тоҷикӣ” дифоъ намудааст.

Соли 2016 барои хизматҳои шоиста дар соҳаи маориф ба нишони “Аълочии маорифи Тоҷикистон” сазовор дониста шудааст.

Муаллифи китобҳои “Хусусиятҳои вожагонии “Кашф-ул-маҳҷуб”-и Алӣ Ҳуҷвирии Ғазнавӣ” (2011), “Таҳаввули ҷумлаи содаи забони тоҷикӣ” (2013), “Забони паҳлавӣ. Адабиёт ва дастури он” (баргардон аз хатти форсӣ, соли 2013) ва 50 мақолаи илмиву оммавӣ.



**Шарифов Боймурод Бобоевич** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

2-юми декабри соли 1964 дар ноҳияи Файзобод таваллуд шуда, соли 1989 шуъбаи рӯзонаи факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, соли 1994 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм карда, соли 1995 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Афкори адабӣ ва танқидии Хоқонӣ» ҳимоя намудааст.

Б. Шарифов якчанд монография ва беш аз сад мақола таълиф ва мунташир намуда, корҳои таълимиву тадқиқоти илмиро пайваста пеш мебарад. Аз ҷумла асарҳои ӯ «Афкори адабӣ ва танқидии Хоқонӣ» (1995), «Хоқонӣ ва нақди шеър» (2010) дар муайян намудани паҳлуҳои норавшани таърихи адабиёти тоҷик, адабиёти Эрон ва Афғонистон, нақди адабӣ, тафсир ва осору аҳволи чеҳраҳои адабӣ нақши арзанда доранд.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1996-1998 муовини декани факултети филологияи ДМТ оид ба тарбия ва илм; аз соли 2003 то моҳи декабри соли 2004 муовини декани факултети филологияи ДМТ оид ба таълим ва аз моҳи декабри соли 2004 то моҳи апрели соли 2007 декани факултети филологияи ДМТ шуда кор кардааст. Аз соли 2012 то соли 2017 декани факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва аз соли 2017 декани факултети педагогикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ мебошад.



**Шарипова Шаҳло Шералиевна** – 16.03.1980 дар ноҳияи Ҳамадонии вилояти Хатлон таваллуд шуда, соли 1997 мактаби миёна, соли 2005 факултети филологияи Донишоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намуда аз соли 2002 дар вазифаи лабаранти калони кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи ДМТ фаъолият карда истодааст. Шурӯъ аз соли 2014 ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи ДМТ ба кори илмӣ машғул мебошад.

Шарипова Ш дар мавзӯи «Оронимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ» таҳқиқот бурда истода, муаллифи 10 мақолаи илмӣ ва илмию оммавӣ мебошад.



**Шоев Эргаш –** (05.05.1939 дар ноҳияи Ғарм таваллуд шуда, соли 2011 дар шаҳри Душнбе вафот кардааст), забоншинос, номзади илми филология, дотсент.

Соли 1962 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм карда, соли 1984 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи “Калимасозии суффикси сифатҳои нисбисози забони адабии ҳозираи тоҷик (Дар мисоли – ӣ (-гӣ, -вӣ)”дифоъ кардааст.

Шоев Эргаш дорандаи нишони “Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон” буда, соли 1999 бо ордени «Шараф» мукофотонида шудааст.

Муаллифи китоб ва мақолаҳои “ Морфемаи сифати нисбисозӣ -ӣ ва синонимҳои он» //Актуальные проблемы иранской филологии. (1985), «Доир ба ҷумлаи мураккаби омехта дар романи «Восеъ» – и С. Улуғзода» //Масъалаҳои инкишофи сохти синтаксисии забони тоҷикӣ. (1988) Ина ё – она? //Масъалаҳои забоншиносии тоҷик (1990), «Шоҳзодаи Рашт» (1999), Маҷмӯаҳои шеърӣ «Ашки булбул» (1999), «Хандаи гул» (2009), «Соҳибҷавҳаре, равшанзамире» ( 2009).

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: Дар вазифаҳои муаллими мактаби миёна, иниспектори шуъбаи маорифи ноҳияи Рашт,

директори мактаби миёнаи №13-и ноҳияи Рашт (1962-1968) кор кардааст.



**Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна** – 2-юми феврали соли 1982 дар ноҳияи Айнӣ таваллуд шуда, соли 1999 мактаби миёна, соли 2005 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм кардааст.

Шодиева Фархунда дар мавзӯи «Аъзоҳои чида ва такрор дар ашъори Лоиқ Шералӣ» таҳқиқот бурда истодааст.

Аз соли 2002 танзимгари шуъбаи ғоибонаи факултети филология, соли 2005 дар кафедраи забони адабии муосири тоҷик ба ҳайси лаборанти калон кору фаъолият намудааст.



**Шокиров Туғрал Сироҷович** – доктори илми филология профессор.

4-уми феврали соли 1953 дар ҷамоати Хистеварзи ноҳияи ба номи Б. Ғафурови вил. Суғд таваллуд шуда, соли 1974 шӯъбаи рӯзонаи факултети филологияи тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), соли 1986 шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленинро хатм намудааст. Соли 1987 дар мавзӯи «Хусусиятҳои забон ва услуби асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев» рисолаи номзадӣ ва соли 2011 дар мавзӯи «Пайдоиш ва инкишофи истилоҳоти ҳуқуқ дар забони тоҷикӣ» рисолаи докторӣ дифоъ намудааст.

Шокиров Т. бо нишони «Аълочии милитсияи Тоҷикистон» (2007), «Аълочии маорифи Тоҷикистон» (2010), «Аълочии матбуоти Тоҷикистон»(2012), Ходими шоистаи илм ва маорифи Федератсияи Россия(2012), Барандаи ҷоизаи вилояти Суғд ба номи академик Б. Ғафуров дар соҳаи илм(2014) барои китоби “Фарҳанги тоҷикӣ-русии истилоҳоти ҳуқуқ ”. академики Академияи табиатшиносии Федератсияи Россия (2013), полковники милитсия(2003); Инчунин бо медал ва Ифтихорномаи Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС (1987) ва медали Ҷумҳурии Афғонистон (1988), медалҳои «75-солагии

милитсияи тоҷик» (2000), «10-солагии Артиши миллии Тоҷикистон»(2003), «80-солагии милитсияи тоҷик»(2005),ордени «Барои илм ва меҳнат»(2014; Германия-Россия-Англия) ва ифтихорномаҳо мукофотонида шудааст.

Солҳои 1987-1992 дар кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ба сифати ассистент ва дотсент фаъолият кардааст.

Шокиров Т.С. дар давоми фаъолияти худ 12 рисола, 8 дастури таълим, 4 луғат, бештар аз 800 асару мақола ба табъ расонидааст. Аз ҷумла: «Модарнома дар адабиёти тоҷик» (1981); «Суханвари нексияр» (1987), «Суфтагари дурри маънӣ» (1994), «Мушкилоти имло» (1995), (ҳаммуаллиф), «Адиб, забон ва услуб» (2003), «Аломатҳои китобати забони адабии ҳозираи тоҷик» (2005; 2010), «Истилоҳоти ҳуқуқшиносии тоисломӣ дар забони тоҷикӣ» (2008), «Истилоҳоти ҳуқуқшиносӣ дар «Авесто» (2008), «Термины мусульманского право в таджикском языке» (юрислингвистическое исследование) (2010), «Таджикская юрислингвистика, её задачи и перспективы» (2011), «Луғати тоҷикӣ- русии истилоҳоти ҳуқуқ» (2011), «Фарҳанги тоҷикӣ-русии истилоҳоти ҳуқуқ» (2012), «Забон ва юрислингвистикаи тоҷик», 2013, «Забони адабии ҳозираи тоҷик» (Синтаксиси ҷумлаҳои содда). (2013), «Забони адабии ҳозираи тоҷик» (2013), «Юрислингвистическое изучение юридических терминов». Palmarium Akademik Publishing. (2013), «Забони адабии ҳозираи тоҷик» ,қисми 2. (2014), «Забони тоҷикӣ» (Дастури таълим барои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ; дар ҳаммуаллифӣ). (2014), «Наҳви ҷумлаҳои мураккаб» (2014), «Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» (2015), «Забони тоҷикӣ» (2015), «Забони тоҷикӣ дар слайдҳо» (Наҳвиёт) (2016), «Юридические термины и их лингвистические особенности» ( 2017).

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: 1993-1995 муовини декани факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, аз моҳи марти 1995-майи 1997 сардори кафедраи улуми иқтисодиёт ва иҷтимоиёт, майи 1997-марти 1999 Сардори қисми таълим, марти 1999-июни 2002 муовини аввали сардори факултаи 4-уми (филиали хуҷандии)Академияи ВКД ҶТ оид ба қисми таълиму илм, октябри 2003-2012 муовини аввали

Сардори факултаи 4–уми (Хуҷандии) Академияи ВКД ҶТ ва дар як вақт профессори муштараквазифаи (аз 2003- то имрӯз) кафедраи забони тоҷикии ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров буд. Аз августи 2012 мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсти Тоҷикистон аст. Аз 1982 узви Иттифоқи Журналистони ИҶШС.



**Шукуров Гулназар Холович** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

1-уми январи соли 1974 дар ноҳияи Айнии вилояти Суғд таваллуд шуда, соли 1990 мактаби миёна, соли 1999 факукултети филология ва соли 2010 факултети молиявию иқтисодии ДМТ – ро хатм намудааст. Рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Таҳаввули забони адабии тоҷик дар давраи истиқлол (дар асоси маводи рӯзномаҳо)» соли 2007 дифоъ намудааст.

Муаллифи китобҳои «Дастури иншонигорӣ» (2008), Забони тоҷикӣ (дастури таълимӣ барои факултетҳои иқтисодӣ). (2009) «Таҳаввули забони адабии тоҷик дар давраи истиқлол» (2011), «Tajik for beginners» (бо забони англисӣ) (2012), «Луғати вожаҳои нав» (2013), Забони тоҷикӣ барои навомӯзон (бо забони чинӣ) (2014), «Забони тоҷикӣ барои навомӯзон (бо забони қазоқӣ)» (2015), “Забони тоҷикӣ” (2016) ва 35 мақола ва дастуру васоити таълимӣ мебошад.

Аз соли 2009 узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон мебошад.

**Шукурова Кимё** – (21.11.1930 дар шаҳри Конибодом таваллуд шуда, 21.04.1994 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), забоншинос, номзади илми филология, дотсент.

Шукурова Кимё хатмкардаи аввалини Университети давлатии Тоҷикистон (1953) буда, соли 1970 дар мавзӯи «Сифати аслӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» рисолаи номзадӣ дифоъ кардааст.

Солҳои тулонӣ дар кафедраи забони тоҷикии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло ДМТ) дар

вазифаҳои ассистент, муаллими калон ва дотсент фаъолият намудааст.

Дотсент К.Шукурова баробари таълим ба омӯзиш ва тадқиқи масъалаҳои морфологияи забони тоҷикӣ машғул шуда, чандин мақолаҳо ва асарҳои ҷудогона ба табъ мерасонад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои зиёд раиси шӯрои занону духтарон, борҳо аъзои бюрои ҳизби коммунист интихоб шуда буд.



**Эшниёзов Миср –** (15.06.1919 дар ноҳияи Деҳқонободи Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваллуд шуда, 20.01.2002 дар шаҳри Душанбе вафот кардааст), забоншинос, номзади илми филология, дотсент.

Соли 1952 Донишкадаи педагогии давлатии шаҳри Душанберо хатм карда, соли 1967 рисолаи номзадиашро дифоъ кардааст.

Бо медали: «Барои меҳнати шоён» (1954), нишони «Аълочии маорифи халқ» (1979) ва ифтихорномаҳои зиёд мукофотонида шудааст.

Эшниёзов Миср солҳои 1955-1960 лаборанти калони кафедраи забони тоҷикии ДДТ, 1960-1964 ассистент, 1964-1965 муаллими калони ҳамин кафедра, аз соли 1981 дар вазифаи дотсент фаъолият кардааст.

Эшниёзов М. дар омӯзиши лаҳҷа ва шеваҳои тоҷикӣ хизмати пурарзише кардааст. Дар мақолаҳои «Ҳардурӣ. Баъзе маълумоти этнографӣ», Маҷмӯаи илмии ДДТ, 1956, қисми 1; «Ҷонишинҳои лаҳҷаи Ҳардурӣ», Маҷмӯаи илмии ДДТ, 1959; «Баъзе қайдҳо оид ба лексикаи лаҳҷаи Ҳардурӣ», Ахбори АИ РСС Тоҷикистон, Ҷ.1, 1959 ва ғайра умумият ва тафовути шеваю лаҳҷаҳои забони тоҷикиро дар асоси лаҳҷаи Ҳардурӣ мавриди тадқиқ қарор додааст. Муаллифи бештар аз 100 рисола, китоб, монография ва мақолаҳои илмӣ-методӣ буд.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: Солҳои 1935-1955 муаллими мактаби миёна, директории мактаб, мудири шуъбаи маорифи халқи ноҳияи Ғузори РСС Ӯзбекистон, 1965-1967 ҷонишини декани факултаи таъриху филология.



**Юлдошев Абдулло Қурбонмамадович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

20-уми октябри соли 1948 дар шаҳри Оҳангарони вилояти Тошканд Ҷумҳурии Ӯзбакистон таваллуд шуда, соли 1972 шуъбаи рӯзонаи факултети шарқшиносии ДМТ-ро хатм карда, соли 1987 рисолаи номзадиро дар мавзӯи “Таҳаввули ғазали арабӣ дар асрҳои V-VIII” дар Институти шарқшиносии АФ СССР дар шаҳри Москва дифоъ намудааст.

Муаллифи китобҳои “Рӯзгори Борбади ромишгар” (1987), “Санъо дар сарчашмаҳои забони арабӣ” (Санъо-1990), “Тамаддуни исломӣ: Тоҷикистон” (ба забони арабӣ) ва беш аз 50 мақолаи илмӣ ва илмӣ-омавӣ мебошад.

Фаъолияти ҷамъиятию роҳбарӣ: солҳои 1970–1972 тарҷумони забони арабӣ дар Ҷумҳурии Арабии Яман; солҳои 1977-1981 тарҷумони забони арабӣ дар Ироқ; соли 1992 - 1994 мудири шуъбаи Осиё ва Африқои Идораи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон; солҳои 1994–1997 мудири Идораи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 1998 - 2004 мудири Идораи Осиё ва Африқои Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон; солҳои 2004 - 2006 мушовири Котиботи Созмони Ҳамкории Шанхай, Пекин; солҳои 2006-2007 ҷонишини Вазири корҳои хориҷӣ; солҳои 2007 - 2010 ҷонишини якуми Вазири корҳои хориҷӣ; солҳои 2010-2014 Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакати Арабистони Саудӣ фаъолият намудааст.



**Юнусова Фирӯза Муҳаммадиевна –** 22-юми майи соли 1966 дар шаҳри Душанбе таваллуд шуда, соли 1983 мактаби миёна, соли 1989 шуъбаи шабонаи факултети филологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм карда, солҳои 1985 – 1990 ба ҳайси лаборанти калон дар кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

# ФЕҲРИСТИ НОМУ НАСАБИ УСТОДОНУ КОРМАНДОНИ ФАКУЛТЕТ


1. Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна …………………30
2. Абдураҳимов Салом…………………………………………....31
3. Абдусатторов Абдушукур .........................................32
4. Абдулазизов Ваҳобҷон.............................33
5. Абдуллоев Фотеҳ .......................................34
6. Азимов Аъзам Холматович.................................................3
7. Авғонов Алишер Файзуллоевич ....................................34
8. Азизов Сулаймон Талбакович ........................................ 34
9. Акбарова Давлатбӣ Нусратуллоевна..............35
10. Акрамов Муқим...........................................................35
11. Аловиддинов Бурҳониддин Давронович .........................35
12. Алиева Дилафрӯз Равшановна ..................................36
13. Амирқулов Субҳон............................................36
14. Аминова Собира……………………………….37
15. Анварӣ Сулаймон ...............................................37
16. Асозода Худойназар ..................................................38
17. Асрорӣ Воҳид Мирашурович ................................39
18. Асадуллоев Саъдулло ....................................40
19. Аюбова Мамлакат Бойтураевна ..............................41
20. Бақозода Ҷӯрахон ....................................................... 42
21. Беҳбудӣ Надим ..........................................................43
22. Бобомуродов Миршакар ...................................43
23. Бобомуродов Шуҳрат Мавлонович………………………44
24. Бобобеков Алишер Мирбобоевич …………………..45
25. Бобоева Кибриё Абдуҷалиловна ……………………45
26. Бобоёрова Лутфия Холиқовна ……………………46
27. Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович …………46
28. Боголюбов Михаил Николаевич …………………..47
29. Бухоризода Абдураҳмон Латипович ………………..47
30. Бурҳонов Муслӣ Бадридинович …………………..48
31. Вализода Ҳокимхон Сафолиён…………………..48
32. Ваҳҳобов Рустам ……………………………………49
33. Воҳидов Султон …………………………….. 49
34. Гулов Сангин Нурович……………………………………..
35. Гулназарова Жило Бӯриевна ……………………50
36. Ғаффоров Шоҳрух Ҳабибуллоевич ………………51

37. Ғанизода Савринисо ……………………………51
38. Давлатов Маҳмуд ………………………………52
39. Давронов Абдувалӣ ……………………………53
40. Додихудоев Раҳим Халилович ……………………53
41. Дурманова Саврия Раҳматуллоевна ………………54
42. Дӯстов Ҳамрохон Ҷумъаевич ……………………...54
43. Ёрова Зебуниссо Назаровна ……………………… 55
44. Зайнидинов Муртазо (Мухтадо) ………………..56
45. Зоғакова Гурдофарид Исроиловна ……………57
46. Зайдуллои Хайрулло …………………………57
47. Зоирова Рисолат Сайдуллоевна ………………… 58
48. Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ ………………..59
49. Имронов Саъдоншоҳ ……………………………60
50. Исматуллозода Ширин ………………………61
51. Исрофилов Шарифмурод ……………………..63
52. Исматов Саъдӣ Маҳдиевич ……………………...64
53. Кабиров Шаҳбозбек ……………………...65
54. Кабиров Хуршед Шаҳбозбекович ……………...65
55. Камолиддинов Баҳриддин ……………………66
56. Камолов Хуршед Маҳмадисоқович …………………67
57. Камолова Гадобегим Раҳимовна ………………………68
58. Каримов Назрулло Салимович …………………68
59. Каримов Ардашер ………………………………………….69
60. Каримов Азиз……………………………………..69
61. Каримов Ҳилол……………………………70
62. Каримова Зулфия Мазиёевна ………………………70
63. Кенҷаев Мирзо Қурбонович …………………………71
64. Кӯчаров Аламхон ……………………………………72
65. Қаландаров Наврӯз Аҳмарович ………………...73
66. Қаҳҳорова Назира …………………………...74
67. Қосимова Мукаррама Набиевна …………………...75
68. Қосимӣ Саъдӣ ……………………………………76
69. Қосимов Солеҳ Салимович ……………………………….77
70. Қурбон Восеъ ……………………………………78
71. Қурбонов Содиқ Ҳамроқуллович ………………………79
72. Қурбонов Нодир Фозилович………………………..80
73. Қурбонов Мадохир …………………………………80
74. Латифов Фатҳилло Ғаниевич ……………………81
75. Лившиц Владимир Аронович …………..81

76. Маҷидов Ҳомид ............................82
77. Маҳмадаминов Абдулҳай Саидович ..........83
78. Мақсудов Бадриддин ............................85
79. Мавлонов Абдуллоҷон Мавлонович ..................86
80. Мамадуллоева Насиба ............................87
81. Мирзоев Абдулғанӣ ..........................87
82. Мирбобоев Азиз.............................88
83. Мисбоҳиддини Нарзиқул ..........................89
84. Мирзоёров Фирдавс Ниёзович .......................90
85. Мирзоева Райҳон Лутфуллоевна .................90
86. Музаффаров Мирзобадал .......................91
87. Муҳаммадиев Мардон.................................91
88. Мусулмонқулов Раҳим............................92
89. Муҳибов Хайрулло .................................92
90. Муъминов Алиакбар ...........................93
91. Мухторов Зайнидин Мухторович ..................93
92. Муслимов Маъбуд ............................94
93. Муродов Маҳмад Соҳибович .....................95
94. Музофиршоев Маҳмадалишо .....................95
95. Муродова Соҷида Саидовна ..............96
96. Муслимов Ҳайдар Абубакрович .....................96
97. Муминова Кимиё Маҳмадқуловна ...............96
98. Назари Муҳаммадхоҷа ......................97
99. Неъматов Аҳмадҷон....................................97
100. Неъматзода Турсунбой Неъматуллоевич .............98
101. Ниёзмуҳаммадов Furthermore Бобоҷон Ниёзович .................98
102. Ниёзов Пӯлод Одинаевич ..........................99
103. Низомов Мухриддин..............................100
104. Норатов Мадиброҳим ....................................101
105. Нозимова Гулрухсор Саидисломовна ............. 101
106. Нуралиева Дилором Қудратовна ...............102
107. Нурқаев Қарор Муҳаммадиевич ..................102
108. Нурмаҳмадов Юсуф Шермаҳмадович .........103
109. Нуриллозода Аҳдия ........................................103
110. Орзумуродов Ҷалил ....................................103
111. Оранский Иосиф Михайлович .....................104
112. Офаридаев Назрӣ .........................................104
113. Раҳмонзода Абдуҷаббори Азиз ................105
114. Раҳмонов Равшан...............................108

115. Раҳимова Шаҳринисо Содиқовна ……………………..110
116. Раҳмонов Ҳафиз Азизович …………………………...110
117. Раҷабова Ойҷон Гуловна …………………………………..111
118. Рафиева Санавбар Муслимовна …………………………..111
119. Рустамов Шарофиддин ……………………………………112
120. Сабзаев Саидқул Миралиевич ……………………………113
121. Сатторзода Абдунабӣ ………………………….114
122. Саидҷаъфаров Озод Шоҳвалиевич ……………………116
123. Саломов Маҳмаддовуд Қаюмович ……………………117
124. Саъдуллоев Умедҷон Қудратуллоевич………………117
125. Саъдуллоев Асадулло ……………………………………118
126. Саидов Исмоил ……………………………………………119
127. Сафаров Ёралӣ Шералиевич ……………………………119
128. Самадов Ҳомид ……………………119
129. Сатторӣ Набиҷон ……………………………………….120
130. Сироҷиддини Эмомалӣ …………………………………120
131. Солеҳов Мирзо Одинаевич ……………………121
132. Собирҷонов Солеҳҷон …………………………….122
133. Сӯфизода Асадулло ……………………………………123
134. Табаров Соҳиб Шӯҳратиевич ……………………………124
135. Табаров Хайрулло ……………………………………126
136. Талбакова Ҳуснигул ………………………………126
137. Тилавов Бозор …………………………………127
138. Тоҷиев Додоҷон …………………………………..127
139. Тоиров Урватулло …………………………..128
140. Турсунов Муъмин ………………………………..130
141. Тӯраҳасанов Қодирқул Шодиқулович …………130
142. Тӯраев Бурҳониддин Бузургович ………………130
143. Усмонов Иброҳим Кенҷаевич ………………131
144. Хаскашев Талбак (Толиб) Наботович ……………132
145. Хоҷаев Давлатбек ……………………………………...133
146. Хоҷаева Зебуннисо Давлатбековна ………………134
147. Хокироев Ризо ……………………………………134
148. Холов Маҳмадулло …………………………….134
149. Холназарова Сафаргул Алиевна …………………………135
150. Худоёрова Нигина Зардовна ……………………136
151. Хромов Алберт ……………………….136
152. Ҳалимов Саид ……………………………………….137
153. Ҳалимова Сафаргул Шарифовна ……………………137

154. Ҳайдаров Фахриддин Наботович ..........................138
155. Ҳайдаров Муҳаммадёр Маҳмадумарович ..................139
156. Ҳасанов Абдуҷамол Ашрафович .............................139
157. Ҳасанов Исматулло Саъдуллоевич.......................141
158. Ҳасанов Меҳроб Маҳмадович ............................141
159. Ҳасанова Манзура Абдурашидовна ...........141
160. Ҳафиззода Дӯстмурод ..........................142
161. Ҳикматова Дилафрӯз Анваровна ........................142
162. Ҳошимов Собирҷон .....................................143
163. Ҳомидов Дилмурод Раҷабович ..........................143
164. Ҳоҷибоева Лола Тоҷибоевна ...................................144
165. Ҳусейнзода Шарифҷон...................................145
166. Ҳусейнов Худойдод ...............................147
167. Ҷалилова Гулрухсор Манononвна ........................148
168. Ҷӯраев Рустам ................................148
169. Ҷӯраев Неъматулло ..............................................149
170. Шарифов Худой ..............................150
171. Шарифова Фарангис Худоиевна .......................151
172. Шарифов Боймурод Бобоевич ............................151
173. Шарипова Шаҳло Шералиевна .........................152
174. Шоев Эргаш ............................................152
175. Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна ..........................153
176. Шокиров Туғрал Сироҷович ..............................153
177. Шукуров Гулназар Холович ................................154
178. Шукурова Кимё ..................................155
179. Эшниёзов Миср ..........................................155
180. Юлдошев Абдулло Қурбонмамадович ..................156
181. Юнусова Фирӯза Муҳаммадиевна ........................156

## Адабиёти истифодашуда

1. Бобохонов М. Б., Комилов Р., Акрамов З. Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (марҳилаҳои асосии таърихӣ: 1948-2008). – Душанбе: ЭР – граф, 2008. – 352с.

2. Бобохонов М. Б., Раҳмонов А. А. Боргоҳи маърифат. (Ним асри ДДМТ). Душанбе: Маориф, 1998. – 480 с.

3. Бурханова Е. И. Таджикский государственный университет (Библиографический указател 1948-1978). – Душанбе, 1982. -220 с.

4. Қосимова М., Талбакова Ҳ., Гулмуродзода П., Авғонова И., Искандарова Д. Олимони донишгоҳ.– Душанбе, 1998.– 362 с.

5. Министерство народного образования Таджикской ССР. Таджикский государственный университет имени В. И. Ленина. Приказ об укомплектовании штатов профессорско-преподавателского состава и учебно-вспомогательного персонала Таджикского госуниверситета имени В. И. Ленина на 1966, 21с., 1975.–58 с., 1977.–60 с.

6. Министерство народного образования Таджикской ССР. Таджикский государственный университет имени В. И. Ленина. Список профессорско-преподавателского состава по состоянию на 1968.–36с., 1968.–60с., 1970.– 45с., 1971, 1972, 1973, 1974.

7. Министерство высшего и средного специального образования Таджикской ССР. Таджикский государственный университет имени В. И. Ленина. Приказ «Об утверждении нагрузок профессорско-преподавателского состава 1978.-50с., 1979.-50с., 1980.-50с., 1981.-50с., 1982.-50с., 1983.-50с., 1984.-50с., 1985.-50с., 1986.-50с. учебный год»

8. Норматов М., Абдураҳмонова М. Шасти камолот. – Душанбе: Матбуот, 2009. – 112 с.

9. Раджабов З. Ш. Таджикский государственный университет – детище великого октября. – Душанбе: Дониш. – 1967.- 160 с.

10. Сироҷиддини Эмомалӣ, Бобомуродов Ш. Ошёни суханшиносон. – Душанбе, 2016.– 113 с.

11. Энсиклопедияи олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2008.– 407 с.

12. WWW.Wikipedia.ord

# Мундарича

1. Ҳайати роҳбарикунандаи факултет ……….. ………… 6
3. Таърих ва фаъолияти факултет……………………15
3. Фаъолияти илмию омӯзгорӣ ва ҷамъиятию роҳбарии устодону кормандони факултет ………. ……………30
4. Феҳристи ному насаби устодону кормандони факултет157
5. Адабиёти истифодашуда ………………………… 162

# ГАНҶИНАИ МУЛКИ СУХАН

**БИ №0000**

Ба матбаа 00.00.2018 супорида шуд. Ба чоп 00.00.2018 ба имзо расид. Андозаи 60x84 1/16. Коғази офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 00,00.
Адади нашр 200.

Муассисаи нашриявии «ИРФОН»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 17.

***Дар матбааи ҶДММ «Саманд-2012» чоп шудааст.***